

ҶАЗОИ ДУМОҲА
ба Беҳрӯз Хоҷазода ва Хушқадам Хусравов **с.16**





ВАЗИРОН,
аз Рамазон Раҳимзода ибрат гиред! **с.6**

ВЛАДИМИР ЗЕЛИНСКИЙ:
Ба мо нигаред, ҳама чиз мумкин аст! **с.4**



ТОҶИКИСТОН

№17 (1320) 24.04.19 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!

www.tajikistantimes.com

ДОДРАС

Президент қарори ноодилонаро бекор кард



Дар ин шумора:

ДУШАНБЕ
иҷозатномаи сохтмон қимат шуд **с. 2**


МУШКИЛОТИ РӮЗ
Дониш талабӣ, пула калон деҳ?! **с. 5**

САРДУХТУРИ ПУЛЧИНАК
баҳси ӯ то раиси вилоят рафт **с. 10**

МАҲСУЛОТИ АРЗОН
ба пешвози Рамазон **с. 11**

ФОРУМ ДАР ДДТТ
илми тиб бо усули инноватсионӣ **с. 12**

КАНЗИ ШИФО
пупанаки нон ва таъсири он ба саломатӣ **с. 14**



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА, Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ, президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН, раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА, раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ, доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ, раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА, муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ, Шоири халқии Тоҷикистон

Абдумудассир АҲМАДЗОДА, сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ, директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД, узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР, мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА, хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА, хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ, хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ, шореҳи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ, хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ, хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj


АДАДИ НАШР:
14 300

ВАЛИЗОДА сардори ХАДАМОТ шуд

Сардори Хадамоти зиддиинҳисориро аз вазифа гирифтанд

Кодирзода Саъдӣ Сангинмурод аз вазифаи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуда, ба ҷойи ӯ Вализода Икромиддин Сироҷиддин таъин гардид.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукмиддинзода Хайриддин Ҳукмиддин муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ақибгоҳ таъин карда шуд. Исмоилзода Хуршед Исмоил аз вазифаи муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуд. Вализода Икромиддин Сироҷиддин аз вазифаи муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назороти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдуалимзода Абдукарим бо сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи муовини якуми раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шуд.



"Қорӣ-ишкамба"-и Театри Конибодом барандаи ҷойи аввали "Парасту - 2019". Дар нақши Қорӣ-Ишкамба - Хушнуди Дадо.

Ширкатҳои МОБИЛӢ узр хостанд

Масъулони чанд ширкати мобилии Тоҷикистон хабар доданд, ки ба таври зудӣ тарофа ва нархи пешинаи Интернетро барқарор мекунанд.

Онҳо барои эҷоди норохатӣ аз мардум маъзарат хостанд. Ширкати "Тселл" шаби 23-юми апрел бо нашри иттилоияе гуфт, "фармони Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон таҳти рақами 31 аз 4-уми марти соли 2019 беқор карда шуд. Дар ҳоли ҳозир корҳои фаннӣ ҷараён дорад, то тарифа ва хидматрасониҳои қаблӣ дубора фаъол шавад." "Мегафон-Тоҷикистон" ҳам дар баёнияе аз қатъи фармони болоравии нархи Интернет ва гуфтугӯи мобилӣ хабар дод. Масъулони ширкат гуфтанд, ба зудӣ дастури Президенти Тоҷикистонро барои фаъол кардани хадамоту тарифаҳои қаблӣ ичро хоҳанд кард. "Самимона умедворем, ки мардум моро дарк мекунанд", - гуфтаанд масъулони ширкат. Вале ҳар ду ширкат ҳам нагуфтаанд, ки нарх ва тарофаҳои пешинаи Интернет аз кай фаъол хоҳад шуд.

ИҶОЗАТНОМАИ сохтмон ҚИМАТ шуд

Рустами Эмомалӣ, раиси шаҳри Душанбе бо имзои як қарор, тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар шаҳри Душанберо тасдиқ кард.

Шаҳрдор роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе, сарраёсатҳои молия ва меъморию шаҳрсозии пойтахтро муваззаф кард, талаботи тартиби мазкур амалӣ карда шаванд. Шаҳрдорӣ мушахассан ҳаҷми пардохтпулиҳо барои иҷозатномаи сохтмон дар пойтахтро феълан дар сомонааш нашр накардааст, аммо Неъматулло Ҳикматуллозода, вазири рушди иқтисод ва савдои кишвар қаблан зимни муаррифии ин тарҳ дар парлумон изҳор дошта буд, ки ин пардохтпулиҳо ҳудуди 165 то 220 сомонӣ барои як метри мураббаъро ташкил хоҳанд дод. Ба гуфтаи Ҳикматуллозода, то ҳол ширкатҳои сохтмонии биноҳои истиқоматӣ ва дигар иншоот чунин пардохтпулӣ намедоданд. Дар қарори Рустами Эмомалӣ ҳадафи ин иқдом рушди босуботи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе арзёбӣ шудааст. Дар назар аст, ки ин пардохтпулиҳо ба Фонди рушди пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гарданд, ки бо қарори Рустами Эмомалӣ аз 17 апрели соли равон таъсис дода шуд.

«ФИРДАВСӢ» Шоҳҷоиза гирифт

«Парасту 2019» ба кӣ чӣ дод?

Шоҳҷоизаи Фестивал – озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту – 2019» насиби спектакли «Фирдавсӣ»-и Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ гардид, ки онро режиссёр Султон Усмонов таҳия кардааст.

Ин ҷоиза шоми 22 апрел дар Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин.Айнӣ зимни чорабинии мутантан ба ғолиб тақдим гардид.

Дар маросими ҷамъбасти «Парасту 2019» муовинони вазири фарҳанги кишвар Обид Назариён ва Зевар Давлатзода, аҳли ҳунару санъат ва арбобони театр ширкат доштанд.

Ҳамин тавр, Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ барои операи Амирбек Мӯсоев «Хусрав ва Ширин», либреттои Гулназар Келдӣ дар таҳияи Шавкат Халилов ва Театри мусиқӣ-драмавии ба номи Туҳфа Фозиловаи шаҳри Конибодом барои спектакли «Қорӣ Ишкамба» аз рӯи асари Садриддин Айнӣ дар таҳияи Муҳиддини Музаффар ҷои якумро соҳиб шуданд.

(Давомаш дар саҳ.5)

САРИ САБЗ



Эшони СИРОҶИДДИН, рӯҳонӣ:

-Аз тамоми хоҳарони зебо, аз мардуми зебои Тоҷикистон хоҳиш мекунам, ки ақли зебо, фикри зебои худашонро истифода бурда… вақти зебои худро дар Интернет талаф накунанд.

-...ва бо ҳамин роҳ пулро "эконом" карда, ба эшонҳои зебо нарз диҳанд.



Шаҳло ИБРОҲИМОВА, фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ:

-Ин бор хостем имзоҳоро ҳузурӣ ҷамъ кунем ва ба Президент дастрас намоем, то бубинанд, ки мардум зидди гароншавии нарх ҳастанд.

-Медонед, ки бе интернет "ҳукумати электронӣ" нест ва дуруст кардед, ки аризаатонро "ҳузурӣ" кардед…



Маҳмадрасул РАҶАБЗОДА, сардори Идораи шаҳрсозӣ ва меъмории ш. Бохтар:

-Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов ва Лангарӣ Лангариев қаҳрамон нестанд. Ҷанги шаҳрвандӣ қаҳрамон надорад, вале касе дар бораи барчидани онҳо ва аз он маҳалла бурданашон чизе нагуфтааст.

-Агар ҳамин гапатонро дар вақти зинда будани эшон мегуфтед, қаҳрамони пайкарадор шумо мешудед…

• Мақомоти Хатлон нимпайкараҳои се фармондеҳи замони ҷанги дохилиро ба феҳристи ёдгориҳои таърихии ин вилоят ворид кардаанд. Дар феҳрасти 1000 ёдгории меъморӣ ва таърихии вилояти Хатлон, ки нав таҳия шудааст, нимпайкараҳои фармондеҳони "Фронти халқӣ" - Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов ва Лангарӣ Лангариев ҳастанд. Нимпайкараҳои зарҳалии онҳо дар “Майдони Шаҳидон” дар шаҳри Бохтар гузошта шудаанд.



• Як назарпурсӣ дар миёни маҳбусони собиқ дар Тоҷикистон муайян кард, ки онҳоро баъди баромадан аз зиндон, ба кор қабул намекунанд.
Наргис Зокирова, роҳбари Созмони ҷамъиятии "Идораи ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонуният" гуфт, баъди озод шудан, маҳбусон маъмулан дар ниҳодҳои давлатӣ барои худ кор намеҷӯянд. Онҳо бо умед дари ширкату корхонаҳои тиҷоративу хусусиро мекӯбанд. Ӯ гуфт: "Мешавад ҳолате, ки онҳоро ба кор қабул мекунанд, аммо вақте мефаҳманд, ӯ собиқ маҳбус аст ва доғи судӣ дорад, бе ягон сабаб аз кор пеш мекунанд".

• Макрами Дарвозӣ, тоҷире аз Тунис, мегӯяд, ки гузаштагонаш 500 сол пеш аз ҳудуди ноҳияи Дарвоз ба кишварҳои арабӣ рафта, дар он ҷо муқимӣ шудаанд. Ӯ мудири "Қатар Молл" як маркази бузурги тиҷоратӣ дар Қатар аст. Ҳафтаи гузашта барои пайдо кардани ба гуфтаи худаш, решаҳои гузаштагон ба ноҳияи Дарвози Тоҷикистон омад. Макрами Дарвозӣ гуфт, дар ноҳияи Дарвоз "деҳа ва баъзе аз хешовандони худро пайдо кардааст". Аммо маълум нест, онҳо якдигарро аз рӯи чӣ нишонаҳо шинохтаанд.

ИНТЕРНЕТҚИЁМАТ

агар қоил мешуд...



“20 сол пеш аз ин бибии беморам гуфт: “Бачам, раву телефон заказ кун, ки дадаат аз Русия биёяд. Ман мурдану зистан дорам, мабодо якбора мурда намонам, ки аз дидори писарам маҳрум шавам?”

Рафтаму пас аз чанд соати интизорӣ бо падарам ҳамсуҳбат шуда, вазъи модарашро гуфтам. Коре карда расида омад ва бибиамро якчоя гӯр кардем. Баъд интернету телефони мобилӣ чунин рушд кард,ки ҳар саҳар очаам ба падарам дар Имою Ватсап “субҳат бахайр, имрӯз ба кор рав ва боз ба ягон Машаю Наташа чашм ало накун, қабратро меканам”, мегуфт. То дирӯз занам ин суханони модарамро ба ман мисли тӯтӣ такрор мекард. Шукр, ки дигар наметавонад. Бо як имои бурути Хадамоти зиддиинҳисорӣ Имо ҳам танҳо барои миллионерҳо шуду Ватсапу Вайбер ҳам кисаи камбағалонро ғалбер кард. Бас кардем, занам гуфт, ки ҳаволаат ба Худою Машаю Наташаро инсоф диҳад...Ҳарчанд андаке хафа ҳастаму якчоя бо дигарон ҷанозаи интернетро хондам, аммо аз ҷониби дигар, бар падари ҳамон қиматкардаҳо ҳар дафъа сад бор...раҳмат мефиристам, ки маро аз зери назорат озод карданд. Хоҳам, бо Машаю Наташа ҳар лаҳза ҳамсуҳбат мешавам, хоҳам ҳар замон амри маъруфи муллоҳои автоматпарастро гӯш мекунам. Хулоса, озодии комил... Ҳе, бар падарат ...раҳмат бо ақли комилат Зиддиинҳисорӣ...” гуфт аз Русия як чиянам бо охирин мегабайтҳои дар бисоташмонда.

“Урра!...Зинда бод, Тоҷикистон!” нидои шодӣ баровард баъд аз шунидани қарори нестандарчаҳони болоравии нархи интернет дар Тоҷикистон як менеджери ширкати мобилии Қирғизистон чашмҳои тангашро баробари пиёла карда. Ӯ зуд барои вилояти Суғд аз ширкати худ як миллион симкорти бепули интернет “заказ” кард, то ки ширкатҳои ҳариф аз ин фурсати муносиб истифода набаранд.

“Дав, Умедчон. Дар назди бозори Панҷшанбе, қирғизҳо симкорти бепул ва бе қайди интернет медиҳанд. Як мегабайти интернеташ як сомонӣ...”

“Туқсанбой -ака, биласизми? Интернетимиз қимат буган”,-гуфт ҳамсояи девордармиёни Очилбой дар маркази ноҳияи Спитамен. “Майли. Лекин мени интернетим Ӯзбекистондан, сиз ҳам шундай қилинг, Очилбой”. Дар Регару Зафаробод низ мавҷи “ӯзбекишавии” алоқаи мобилию интернет идома ёфтан гирифт.

Дар Панҷу Шаҳритузу Ҷайҳун ба қавле “вибор” -и интернет боз ҳам калонтар. Хоҳӣ “афғон” шав, нахоҳӣ “ӯзбек”... Хулоса , интернетқиёмат идома дорад ва ба гуфти як таҳлилгари соҳаи маркетинг, агар корҳо чунин рафтан гиранд, ба наздикӣ ҳамсояҳо мавҷи худро то Душанбе ва афғонҳо то Хоруғ мерасонанд. Зеро хизматрасониҳои ширкатҳои интернету алоқаи мобилӣ чандин маротиба пасттар аз Тоҷикистонанд ва ба ғайр аз ин, касе намепурсад, ки ту бачаи кӣ ҳастию аз лодонат кӣ буданд. Зато, бучаи ҳамсоякишварҳо аз ин иқдоми “ватанпарастона” бурд мекунанд. Беҳтарин “патриот” дар моҷарои интернетқиёмат ин Хадамоти зиддиинҳисорӣ аст,ки ба хотири як кайк (намедонам ин “кайк” кӣ буду аз кучо пайдо шуд) пӯстини бучаро месӯзонаду эътимоди ҳазорон нафарро аз худу аз Ҳукумат мегардонад. Зеро интернети мобилӣ ягона роҳу воситае буд, ки волидон аз ҳоли фарзандони раҳдуру мусофири худ бохабар мешуданд, муҳоҷирон ҳар лаҳза аз ҳоли оилаҳои худ пурсон мешуданд, донишҷӯён илм меомӯхтанд, тоҷирон тиҷорати худро васеъ месохтанд, беморон ба дарди худ даво меёфтанд, муҳтоҷону бенавоён сарпаноҳ меёфтанду кумак мегирифтанд, даҳҳо нафари гумшуда тавассути интернет пайдо мешуданд, чандин мусибат пешгирӣ карда мешуд ва ҳатто нафарони муҷаррад бахти худро меёфтанд...

Русҳо мақоле доранд: “свято место пусто не бывает” (ҷои муқаддас холӣ наменомад) ва ҳамсоягон ин ҷои “муқаддас”-ро, ки интернет ном дораду манбаи даромадҳои калон аст, аз ноҷурӣ ва нофаҳмии чиновникҳои мо истифода бурда, пур кардан мехоҳанд. Охир, интернет ва мавҷи телефони мобилӣ рамаи гӯсфанд нест, ки онро ба куҷое хоҳӣ, ба ҳамон ҷо ронӣ.Технологияҳои нав ба нав метавонад сад иқдоми як мансабдорро бо як “пуфи” электронӣ барҳам диҳад. Пешравиро пешпо дода намешавад, бо он бояд ҳамқадам шуд...

Ин шабурӯз сокинон шукрона мекунанд,ки ин тавр нашуд.”Ҳазорон шукр, ки Президент дорем, - гуфт баъд аз шунидани хабари бозгашт ба нархҳои пешинаи интернету алоқаи мобилӣ Зулайхо Содиқова, соҳибхоназан ва модаре, ки ду фарзандаш дар Русия ва якеаш дар Куриё мебошад.-Вагарна, ин раисчаҳо намедонанд,ки мардум чанбараки мошин не, ки ба ҳар тараф тоб диҳӣ...” Воқеан, чиновникҳои худсари мо агар салларо биёр гӯянд, ҳатман калларо меоранд ва ин барои онҳо як навъ мусобиқаи финалист, ки ҳар кадоме мехоҳанд худро дар назди Роҳбар беҳтару хубтар нишон диҳанд, вагарна бе маслиҳати ӯ чаро ба иқдоме, ки ҳам Роҳбари давлат ва ҳам обрӯи кишварро паст мекунад, даст заданд? Ё ин ҷо ягон бозии дигаре ҳаст, ки сарриштаи онро бояд хадамоти махсус тафтиш карда бароянд? Ҳоло мақоли наве баромадааст, ки мегӯянд “суръати интернети бомаслиҳат суст намеояд...” Ба ҳолати аввала баргардонидани нархҳои алоқаи замонавӣ- ин дарси навбатии Президент ба онҳоест, ки “на худашон шоҳ ҳастанду на Бегашон вазир...”

А.АҲМАДЗОДА,
"Тоҷикистон"

МАВҚЕЪ



Раънои ЗОИРДУХТ,
шоира

ХАЙРИЯТ...

Интизор будем, ки мардум, вақте ки бе интернет мемонанд, минбаъд чӣ кор хоҳанд кард: Насиҳати баъзе аз қаламбадастонро ба инобат гирифта, ба китобхонӣ сар мекунанд ва ё амри маъруфи муллои интернетро “кофир” эълонкардаеро гӯш карда , соҳиби ахлоқи ҳамида мешаванд. Гӯё, ки то ин дам мардум аз интернет китоб намехонда бошанд. Гӯё, ки интернет худ бузургтарин китобхонаи дунё набошад ва гӯё, ки аксари истифодабарандагони интернет аз Худою аз одобу аз фарҳанги миллию динӣ фарсаҳо дур бошанд ва бо як қимат кардани нархи интернет онҳоро метавон ба “роҳи рост” ҳидоят намуд. Аммо агар интернет махзани фисқу фучур бошад, чаро худи мулло аз минбари масҷид нею тариқи интернет амри маъруф мекунад? Худо нишон надиҳад,ки агар чилави идораи зиндагии мардум ба дасти чунин шахсони ҳанӯз дар қарни XII қарордошта афтад. Хайрият, ки ин тавр нест ва мулк соҳиб дорад. Соҳибе,ки дарди мардумро аз наздик дарк мекунад ва ҳар чӣ ба зарари мардуму давлат аст, онро қабул надорад. Пас аз ду рӯзи маъюсӣ, тавре ки замоне ба халқи азияткашида раҳми Худо омада , ӯро барои мо фиристода буд, имрӯз ҳам ӯ мисли Маҳдии замон нозил шуд ва садди роҳи беадолатӣ ва азоби мардумаш гашт. Ин нафар Пешвои миллатамон буданд, ки нагузоштанд мардуми мо, тавре ки баъзе аз нотавонбинҳо мехостанд, дар чаҳолату торикӣ монанд. Супориши Пешвои миллат якбора чанд миллион тоҷикро чӣ дар дохилу чӣ дар хоричи кишвар хурсанд карда, дар лабони онҳо осори табассум пайдо шуд. Аммо ин ҷо як чизи дигарро нафаҳмидам,ки чаро чунин қарорҳои худсарона ва беоқибат,ки ба зарари мардум равона гардидааст, бе омӯзиши пурра ва бе дар тарозуи ақлу иқтисод баркашидан ба сари мардум таҳмил мегардад? Агар Пешвои мо дахолат намекарданд, ҳоли мардум чӣ мешуд?Фарзандони аз волидон дурмонда рӯзномаи худро чӣ тавр бе ИМО ба падар нишон дода, лоиқи таҳсин ё сарзаниш мегардиданд? Ҳоли нобиное,ки бо истифода аз интернет роҳи худро пайдо мекарду зери чархи мошин наемонд ва ё китоберо тариқи овозӣ аз он ҷо мехонд,минбаъд чӣ мешуд? Зеро интернет чашми бинои ӯ буд. Имрӯз,ки мо дар қарни XXI зиндагӣ дорему мехоҳем,ки бо ҷаҳони мутамаддин ҳамқадам бошем, бояд ҳар амали худро санҷида анҷом диҳем, то ки на музоими мардум шавему на Пешвои миллат маҷбур шаванд, ки қарорҳои беадолатонаро бекор кунанд.

Зеленский:

Ба мо НИГАРЕД, ҳама чиз МУМКИН аст!

Дар Украина даври дувуми интихоботи президентӣ ба поён расид. Натиҷаи раъйдиҳии мардум нишон дод, ки 73,2 фоизи интихобкунандагон ба тарафдории Владимир Зеленский, комики машҳур овоз додаанд ва президенти феълии ин кишвар Петро Порошенко ҳамагӣ 25,3 дарсад раъй гирифтааст.



Зеленский: «Шуморо ноумед намекунам!»

Владимир Зеленский, ҳунарпеша ва ҳаҷвнигори шинохта, ки борҳо номзад шуданашро ба мақоми президентӣ «натиҷаи хато ва иштибоҳҳои президенти феълӣ Петро Порошенко» арзёбӣ мекунад, аз ғалабаи худ бо шодмонӣ истиқбол кард. Ӯ дар паёми нахустинаш пас аз эълони натиҷаҳои экзит-пол ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ишора карда гуфт: - «Ба мо нигаред, ҳама чиз мумкин аст!».

Ӯ, ҳамчунин ба интихобкунандагонаш изҳори сипос карда, муроҷиат намуд: «Сипос аз ҳамаи украинҳо, ки маро пуштибонӣ карданд. Сипос аз ҳамаи украинҳое, ки интихоби дигар намуданд. Сипос аз ҳамаи украинҳо, қатъи назар аз он ки ҳоло дар куҷоянд, аз тақдири кишвarашон бетараф нестанд. Ман ваъда медиҳам, ки ҳаргиз ҳеҷ яки шуморо ноумед нахоҳам кард».

Владимир Зеленский раҳбарии студияи "Квартал 95"-ро ба уҳда дошт ва бо мазҳакаҳои шадидлаҳни сиёсиаш маъруфият касб кардааст. Ӯро як мудири муваффақ ҳам меноманд, ки бо донишу заҳматҳои шахсиаш тавонистааст ба як соҳибкори муваффақ табдил ёбад.

Коршиносон ҳузури чунин як чеҳраи ғайрисиёсӣ ва мардумиро ба роҳбарияти як кишвари пасошӯравӣ умедворкунанда арзёбӣ мекунанд.

«Ин як навъи эътироз буд, эътироз ба элитаи сиёсӣ ва ҳукмрон. Мардум ҳамакнун мехоҳанд, ки чеҳраҳои нав ба саҳна бароянд ва онҳо дар бозиҳои сиёсӣ, муборизаҳои сиёсии гузашта аслан дастнадошта бошанд",- мегӯяд коршиноси масоили сиёсӣ.

Худи Зеленский дар мусоҳиба эҳсоси худро пас аз пирӯзӣ чунин шарҳ додааст:

«Айни замон ман дар изтироб ҳастам. Ман ҳам як одамам. Ҳамсар ва дӯстонам дар паҳлуям ҳастанд ва ин каме маро ором мекунад. Ин масъулияти хеле баланд аст. Ман медонам, ки масъулият чист. Барои ҳамин, ман... ман худамро хуб эҳсос мекунам", - афзуд ӯ.

Порошенко: «Ман аз сиёсат намеравам!»

Петро Порошенко, баъди муайян шудани натиҷаи раъйи мардум ва шикасти худро дар ин сабқат расман эътироф намуд. Ӯ ҳамчунин аз шаффоф будани ҷараёни интихобот тавсиф кард.

«Интиқоли демократӣ ва боназми қудрат як дастоварди азим барои мардуми Украина аст»,- гуфт ӯ зимни изҳороташ.

Бо вуҷуди ин ӯ худро президенте тасвир намуд, ки метавонад дар муқобили Русия, ки аз соли 2014 нимҷазираи Қрими Украинаро ба қаламраваш ҳамроҳ кард ва аз ҷудоиталабон дар шарқи Украина ҳимоят мекунад, биистад.

Петро Порошенко зимни муроҷиаташ ба мардуми Украина қайд кард, ки аз мансаби президентӣ канор рафтани ӯ маънои аз сиёсат дур шуданашро надорад: «Ман баъди расман канор рафтанам аз мансаб ҳам, дар сиёсат мемонам ва аз манофеи кишварам ҳимоя хоҳам кард. Ҳамаи талошро мекунам, ки Украина хати маши худро нигаҳ дорад».

Президенти кунунии Украина Порошенкои 53-сола яке аз сарватмандтарин афроди Украина аст ва дар натиҷаи эътирозҳое сари қудрат омад, ки моҳи феврали соли 2014 бо сарнагун шудани ҳукумати президенти пешини Украина Виктор Янукович анҷомид. Ӯ ҷонибдори ҳамгироӣ бо Ғарб буда, Русияро барои ишғоли Қрим, барангехтани низоъ ва дастгирии ҷудоихоҳон дар шарқи Украина танқид мекунад.

Порошенко талош дорад, ки кишвараш шомили Иттиҳоди Аврупо ва паймони низомии НАТО шуда, артиш тақвият ёбад, то имкони муқобила бо ҷудоиталабони зери ҳимояти Русия бештар шавад.

Ҷаҳон чӣ мегӯяд?

Яке аз аввалин нафароне, ки Владимир Зеленскийро бо ғалабааш табрик кард, Президент Порошенко буд. Худи Зеленский дар нахустин изҳороташ гуфт: - «Мехоҳам аз ҷаноби Президент Петро Порошенко ташаккур гӯям, ки ҳамин ҳоло маро бо пирӯзиам табрик гуфт». Ӯ, ҳамчунин гуфт: «Ман аз ӯ сипосгузорам. Ӯ гуфт, ки ҳамеша омодаи кумак ба ман аст».

Доналд Туск, раиси Шӯрои Аврупо ва Жан Клод Янкер, раиси Комиссияи Аврупо рӯзи 22-уми апрел бо ирсоли як номаи муштарак Зеленскийро табрик гуфтанд ва Украинаро «барои пойбандии қавӣ ба демократия ва волоияти қонун» ситоиш карданд.

Дар нома омадааст: «Ин як дастоварди бузурге дар муҳити печидаи сиёсӣ, иқтисод ва амниятӣ ва дар муқобили чолишҳои мудавом дар баробари тамомияти арзии Украина аст». Роҳбарони Иттиҳодияи Аврупо гуфтаанд, ки Украина метавонад, барои идомаи ислоҳот ба ҳимояти қавии иттиҳодия такя кунад.

Ангела Меркел, садри аъзами Олмон, Эммануэл Макрон, раиси ҷумҳури Фаронса, Ҷеремӣ Ҳант, вазири умури хориҷии Британия Зеленскийро бо пирӯзиаш дар интихобот табрик гуфтаанд. Йенс Столтенберг, дабири кулли НАТО низ уро дар Твиттер табрик гуфта, Украинаро «шарики арзишманди НАТО» номидааст.

Доналд Трамп, бо Зеленский телефонӣ суҳбат карда ӯро табрик гуфтааст.

Дмитрий Медведев, нахуствазири Русия, дар Фейсбук навишт, интихобот нишон дод, ки "барои ҳалли мушкилоти Украина роҳҳои нав зарур аст" ва афзуд, ки "имконот барои беҳтар шудани робитаҳо байни Русия ва Украинаро" мебинад.

Афроди нав дар арсаи сиёсат

Владимир Зеленскийи 41 - сола, ки аз саҳнаи ҳунар ба саҳнаи сиёсат омад, асосан дар шабакаҳои иҷтимоӣ тарғибот мебурд ва аз мубоҳисаҳои сиёсӣ парҳез мекард, ба сабаби иқтисоди заиф, фасоди густурда ва ҷанги 5-сола дар шарқи Украина ҳаводорони зиёде ба даст оварда.

Ӯ баъди анҷоми раъйдиҳӣ гуфт, ки ният дорад, ба сиёсати Украина «афроди нав» биёрад ва афзуд, дар сурати зарурат ба маслиҳат ба Порошенко муроҷиат мекунад. Ӯ ҳамчунин гуфт, ки раҳо кардани тамоми асирони украинӣ ва аз сар гирифтани ҷараёни «Минск» барои ҳалли муноқиша дар шарқи Украина аз афзалияти кораш ҳамчун раиси ҷумҳур хоҳад буд. Акнун Зеленскийи комик сиёсати Украинаро чӣ гуна пеш хоҳад бурд: бо масхара ё мисли «Квартал» хеле ҷиддӣ? Инро вақт нишон хоҳад дод.

МАЪЛУМОТНОМА



ФАЙЗУЛЛО ХОЛБОБОЕВ

Холбобоев Файзулло Самадович – дипломати тоҷик, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Украина. Номбурда 10 марти соли 1962 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шуда, соли 1979 мактаби миёнаро дар ин шаҳр хатм кардааст.

Соли 1988 Институти хоҷагии қишлоқи шаҳри Маскав ба номи Г. Плехановро хатм карда, фаъолияти кориашро аз Институти иқтисодиёти АИ ҶТ оғоз кардааст.

Солҳои 1990-1996 аввал стажёр ва баъдан аспиранти АИ Федератсияи Русия буд.

Пас аз хатми аспирантура фаъолияти худро дар шуъбаи молияи Дастгоҳи Президенти кишвар оғоз кард, ки баъдан муовини мудири ин шуъба буд.

Солҳои 1999-2002 роҳбари гурӯҳи IBTA-2 –и Бонки ҷаҳонӣ ва солҳои 2002-2006 Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Аз соли 2006 Намояндаи мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ дар Шӯрои иқтисодии ИДМ ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Комиссияи намояндагони доимии ИК ЕврАзЭС буд.

Аз 10 августи 2015 сафири фавқулода ва мухтори ҶТ дар Ҷумҳурии Украина ва дар баробари ин аз 21 сентябри соли 2016 сафири фавқулода ва мухтори ҶТ дар Ҷумҳурии Молдова мебошад.

Файзулло Самадович оиладор ва соҳиби 7 фарзанд мебошад.

Забонҳои русӣ ва англисиро медонад.

ДОНИШ талабӣ, ПУЛА калон ДЕҲ?!

Зоҳир олию ботин холӣ

Ҳар гоҳ, ки дар суҳбати ҳамсояву ёру дӯстон қарор гирам, дар мадди аввал эшон аз печидагиҳову чигилҳои соҳаи маориф сухан мегӯянд ва бештар аз он изҳори нороҳатӣ мекунанд, ки омӯзгорон ҳар рӯз аз фарзандони мактабхонашон пули лампочкаву пардаву клёнкаи рӯи мизу пардохти ҳаққи фаррош ва ғайраву ҳоказоҳоро талаб мекунанд, ки ба гуфтаи онҳо, аз чунин амалкарди омӯзгорон ҷонашон ба лаб омадааст.



Бале, метавон арзу шикояти мардумро роҷеъ ба пулталабнамоии теъдоде аз омӯзгорон қобили қабул хонд. Зеро ба касе пӯшида нест, ки имрӯз толибилми мактабҳо ягона сарчашмаи даромаду пешбурди кори омӯзгорон гаштааст. Агар талаба пули талабкардаро бо ду дасти адаб ба устодаш насупорад, мусаллам аст, ки саду як мушкилот ӯро доман мезанад.

Ҳарчанд ки ҳамасола дар Буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф чиҳати роҳандозии хуби ин соҳа маблағи бештар ҷудо мегардад, аммо мушкилоти молиявии мактабҳо то ба ҳол ҳалли худро соҳиб нашудааст, ки чунин вазъ волидайнро дар як ҳолати ногувор қарор додааст. Волидайн бештар аз он нороҳатанд, ки дар муассисаҳои таълимоти умумӣ сатҳи дониш аз мадди назари омӯзгорон дур мондаву сатҳи маблағгундорӣ дар зинаи боло қарор дорад. Чӣ, магар масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин печидагиҳо дар соҳаи таълиму тарбия хабар надоранд? Хуб хабар доранд, аммо ба гуфтаи онҳо роҳи ҳалли ин муамморо ҳеҷ наёфта истодаанд. Як масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш кард, ки номашро зикр накунем, дар суҳбат бо муаллифи ин сатрҳо изҳор дошт, ки ба хотири он ки омӯзгорон тарки мактаб накунанд, онҳоро эркатулфор кардаанд. Бале, худ шоҳу табъашон вазир будани баъзе аз омӯзгорону директорони мактабҳо исботи ин гуфтаҳои намояндаи вазоратанд...

Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, дар таҳияи Буҷети давлатӣ барои соли 2019 ба соҳаи маориф 4404877 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст. Харочоти буҷети ҷумҳуриявӣ ба соҳаи маориф бошад, 720316 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла таҳсилоти умумӣ 159015 ҳазор сомонӣ, таҳсилоти касбӣ 460642 ҳазор сомонӣ, фаъолияти дигар дар соҳаи маориф 100659 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Бале, тавре аз рақамҳо бармеояд, ба зоҳир ҳама олист, аммо ботинан холӣ! Ин холигоҳро дар чӣ метавон мушоҳида кард? Дар манбаи пулчинӣ қарор гирифтани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Ҳарчанд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) аз соли 2010 инҷониб ҷорист ва ҳар мактаб соҳиби муҳосибу ҳисобу китоби алоҳидаи худ аст, аммо пулталабнамоии омӯзгорон аз хонандагон ҳамоно идома дорад. Ҳамчунин, теъдоде аз волидайни хонандагони мактабҳои пойтахт аз он шиква мекунанд, ки ҳар кӣ пули талабкардаи муаллимро сари вақт пардохт кард, ба ӯ имтиёзоти иловагие, аз қабили партаи назди муаллиму баҳои хуб ва ғайра пешниҳод мегардад.

Ин ҷо айни муддаост, то Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №505 “Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилотии умумӣ”-ро пешниҳоди волидайн гардонем, ки мутаассифона, аксар аз чунин низоми нави маблағгузории соҳаи маориф маълумоте дар ихтиёр надоранд. Коршиносону таҳлилгарони соҳаи маориф мавриди амал қарор додани чунин шакли нави маблағгузориро муфид арзёбӣ мекунанд ва бар ин назаранд, ки чунин усул дар соҳаи таълиму тарбия рақобати озодро ба вуҷуд оварда, дар мустақилият касб кардани муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

Лозим ба тазаккур аст, ки дар мактабҳо ду намуди меъёри маблағгузорӣ ҷорист: меъёр ба як нафар хонанда ва меъёр ба муассисаи таълимӣ. Бино ба шарҳи коршиносони соҳаи молия, ҳар як муассисаи таълимӣ сметаи ягонаи даромад ва харочоти худро бо гурӯҳбандии буҷетӣ мувофиқ гардонида, чиҳати тасдиқ пешниҳоди шуъбаи маориф мегардонад. Қаблан шуъбаи маориф даст-музди омӯзгоронро таъмин мекард ва танҳо бахши муҳосибот (бухгалтерия) дар шуъбаи маориф амал дошт, аммо имрӯз тибқи низоми нави маблағгузории сарикасӣ, барои таъмини маоши муаллимону харидории ашёву анҷом ва амалигардонии дигар корҳои ташкилӣ дар мактабҳо, раёсатҳои молияи шаҳру навоҳӣ тибқи сметаи пешниҳоднамудаи мактабҳо маблағ ҷудо мекунанд. Оё воқеан ҳам чунин аст? Аксар сарварони мактабҳо дар посухи ин суол аз он изҳори нороҳатӣ мекунанд, ки онҳо дар ташкили буҷет мустақил нестанд, балки маблағи муқарраргаштаро раёсатҳои молияи шаҳру навоҳӣ дар шакли бастаи умумӣ пешниҳоди онҳо мекунанд. Саввари мактаб наметавонад мустақиман харочоти як моддаро ба моддаи гузаронад ва дар сурати ба миён омадани чунин зарурат, танҳо бо пешниҳоди мактуби тавзеҳотӣ ба раёсати молия метавон мушкилотро ҳал намуд. Мусаллам аст, ки дар чунин ҳолат омилҳои коррупсионӣ рӯи кор меояд, яъне додугирифт миёни мактаб ва раёсати молия сурат мегирад.

Лозим ба тазаккур аст, ки меъёри минималии маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар доираи таҳияи буҷет муайян гардида, ба дастуруламали таҳияи буҷет дохил карда мешавад.

Аксар мехоҳанд ба суолашон посух бигиранд, ки чаро дар Тоҷикистон маблағгузории сарикасӣ интихоб шуд, дар сурате, ки он чигилҳои зиёдеро фароҳам овард? Коршиносону таҳлилгарони соҳаи таълиму тарбия бар ин назаранд, ки чунин усул дар сарфи маблағҳои буҷетӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорону ба таҳсил бештар фаро гирифтани таълимгирандагон мусоидат хоҳад кард. Метавон ба ин хулоса розӣ шуд?

Дар суҳбати сарироҳӣ чанде аз омӯзгорони мактабҳои пойтахт изҳор доштанд, ки 98 фоизи сметаи харочот танҳо сарфи дастмузди онҳо мегардад ва бо 2-3 ҳазор сомонӣ наметавон пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ ва харидории ашёву таҷҳизоти мактабиро рӯйи кор оварда. Аз ин рӯ, омӯзгорон водор мешаванд, то ҳар гуна харочотро аз кисаи хонандагон амалӣ созанд.

Бале, ин ҷо теъдоде аз сарварони мактабҳо худ мушкилоти сунъӣ эҷод месозанд. Бино ба гуфтаи омӯзгорон, теъдоде аз сарварони мактабҳо бо ширкатҳое, ки ашёҳои мактабӣ ба фурӯш мегузоранд, “маслиҳат пазонда”, танҳо баргаи хушкухолиро чиҳати пешниҳоди ҳисобот ва худро тоза нигоҳ доштан аз ҳар гуна санҷишу тафтишот аз фирмаҳо дастрас мекунанд ва пули “харҷшударо” ба ҳамёни худ мезананд. Маҳз ҳамин омил аст, ки барои харидории коғазу қаламу дигар ашёҳои мактабӣ хонанда сарчашма қарор мегирад.

Чунин бебандубориро метавон дар соҳаи тиб низ мушоҳида кард, ки сарчашмаи даромади табиб бемор маҳсуб мегардад ва дар матлабҳои баъдӣ ҳатман ба ин мавзӯъ хоҳем баргашт.

Пас, чӣ бояд кард, то мушкилоти молиявӣ дар мактабҳо ҳалли худро соҳиб гардад? Коршиносон роҳу василаи аз бунбаст берун шуданро дар ҷоринамоии низоми нави маблағгузории соҳаи маориф маънидод мекунанд, ки ба қавле вакилони мардумӣ атрофи ин лоиҳа кор карда истодаанд.

P.S. *Соли 2018 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф 15 фоиз боло рафт: Аз ҷумла, дар муассисаҳои томактабӣ: маоши мураббиён аз 634 сомонӣ ба 729 сомонӣ, ёрдамчии мураббӣ аз 400 сомонӣ ба 460 сомонӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, директор аз 700 сомонӣ ба 805 сомонӣ расида, то 12 соат сарбории омӯзгориро ҳуқуқ дорад. Омӯзгори маълумоти олӣ (тахассуси дараҷаи олӣ бо 20 соати дарсӣ, синфҳои ибтидоӣ) барои як ставка аз 779 сомонӣ ба 896 сомонӣ расонида шуд. Иловапулиҳо барои мудири кабинет - 10 фоиз, роҳбари синфӣ - 15 фоиз, санҷиши корҳои хаттӣ - 20 фоиз ба музди меҳнати омӯзгор пардохт карда мешавад. Музди меҳнати омӯзгор барои 1 ставка бо дарназардошти иловапулиҳо 1300 сомониро ташкил медиҳад.*

М. МУҲАММАДЗОДА

«Фирдавсӣ» Шоҳҷоиза гирифт

(Аввалаш дар саҳ.2)

Ба Театри давлатии драмавии русии ба номи Маяковский барои спектакли «Тартюф» - и Жан Батист Молйер дар таҳияи Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Баҳодур Миралибеков ва Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов барои спектакли «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд» аз рӯи асари Чингиз Айтматов дар таҳияи Нозим Меликов ҷои дуюм насиб гардид.

Ҷои сеюмро Театри давлатии мусиқии тамошобини ҷавон ба номи Одилҷон Назарови шаҳри Хуҷанд барои спектакли «Пораи дили модар» аз рӯи пйесаи Ҳалим Шариф дар таҳияи Эҳсон Ҳомидов ва Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар барои спектакли «Карим Девона» аз рӯи асари Турахон Аҳмадхонов дар таҳияи Қурбонмуҳаммад Шукуров бо ҳам диданд.

Нозим Меликов барои таҳияи спектакли «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд» ғолиби номинатсияи «Коргардони беҳтарин» дониста шуд.

Фирдавс Қосимов барои иҷрои нақши шоир дар спектакли «Ватандорӣ» аз рӯи ашъори Лоиқ Шералӣ ва Хуршед Мустафоев барои иҷрои нақши Оргон дар намоишномаи «Тартюф» сазовори ҷоизаи «Беҳтарин нақши мардона» шуданд.

Марина Ярмолик аз Театри русии ба номи Маяковский ва Шогун Давлатшоева аз Театри давлатии ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов аз ҷониби ҳайати ҳакамон ғолиби номинатсияи «Беҳтарин нақши занона» гардиданд.

Ҳамчунин, ба профессор Тамара Абдушукурова, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Фотима Ғуломова ва Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Марям Исоева, Тӯрахон Аҳмадхонов, Носир Ҳасанов, Сайрам Исоева дипломи «Барои садоқат ба касб ва саҳми назаррас дар рушди санъати театрии Тоҷикистон» тақдим карда шуд.

Ҷоизаи «Насли пуршараф», ки онро Вазорати фарҳанги кишвар ба тозагӣ таъсис додааст, насиби Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, асосгузори фестивали «Парасту» Ҳабибулло Абдураззоқов гардид.

Фестивал-озмуни «Парасту» аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди драматургияи миллӣ, санъати театрии мамлакат, таҳияи асарҳои баландғояи ватанӣ, баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии коргардонҳо, ҳунармандон, рассомон, бастакорон, ҳисси ифтихори ватандӯстию ватанпарастӣ ва анъанаҳои хуби таърихию фарҳангӣ гузаронида мешавад.

Дар мавриди бурдубохти «Парасту 2019» дар шумораи оянда мусоҳибаи «Тоҷикистон»-ро бо санъатшинос, профессор Тамара Абдушукурова мутолиа намоед.

ВАЗИРОН,

аз Раҳимзода ибрат гиред!



Муҳтарам вазири корҳои дохилӣ! Ман аз шумо сипосгузорам. Зеро муроҷиати маро шахсан худатон дида баромада, ба кормандони Хадамоти шиносномадиҳии ВКД супориш додед ва онҳо барои дастрас намудани шиносномаи хориҷӣ ба таври ройгон розӣ шуданд.

Вақте ки кормандони Хадамоти шиносномадиҳии ВКД (ОВИР) ба ман занг заданд, аввал бовариам наомад ва инро шӯхӣ пиндоштам. Аммо вақте ки бори дуюм занг заданд, хушнуд гашта, ба наздашон рафтам. Маро подполковник Бурҳон Шоҳидзода бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта гуфт,ки вақте ки бо вазъи зиндагонии ман шинос шудааст, барои дар муддати даҳ рӯз ба таври ройгон ши бо носнома таъмин намудани ман тасмим гирифтааст. Аз Бурҳон Шоҳидзода ва шогирди он кас, лейтенанти калон Афсархон Муҳаммадсафо низ миннатдор ҳастам.

Ман хоҳони онам, ки дигар вазирон низ аз муҳтарам Рамазон Раҳимзода ибрат гирифта, ба муроҷиаткунандагон, хусусан мардуми калонсол , ки дар гузашта барои рушди кишвар саҳм гузоштаанд, кумаки худро дареғ надоранд.

Тоҳир ОҚИЛОВ,
нафақагир аз шаҳри Душанбе

ИН ВАТАНРО МЕКУНАМ ҲИФЗ АЗ ХАТАР

Ниҳонӣ аз шоирони хушсалиқа ва хушбаёни тоҷик аст, ки сурудаҳояш дили инсонро тасхир мекунанд. Гарчанде касби асосиаш ба адабиёт иртибот надорад, аммо дар саросари ашъораш метавон муҳаббати ӯро ба адабиёти ғиноӣ дарк намуд. Дар ашъори Ниҳонӣ тараннуми зебоиҳои Тоҷикистон, дастовардҳои Ватан, қаҳрамониҳои Пешвои миллат таҷаллӣ мекунад. Шеърҳои ӯ аслан хусусияти иҷтимоӣ доранд. Забони ашъораш сода, салис ва зебост. Ин аст, ки зуд ба дили хонанда роҳ меёбад.

Ҳафтаи равон Ниҳонӣ мавлуд дорад ва мо қарор додем, ки як шингил аз шеърҳои марғуби ӯро дар мавзӯъҳои мухталиф пешкаши шумо гардонем.

Ватани ман

Эй Ватан, ман аз замину аршу кайҳон бинамат,
Хуш бигӯям, ибтидои насли инсон бинамат.

Дар канорат ҳамчу андар батни модар роҳатам,
Чун кафил осуда андар давру даврон бинамат.

Чун ҷавонон аз ниёгонанд гар ибратпазир,
Орзую шодии тифлони хандон бинамат.

Дил кашад бар кӯҳу саҳроят бароям ҳар замон,
Ҳам гулистон, ҳам чаман, ҳам боғу бӯстон бинамат.

Эй Ватан, ман дӯст медорам туро аз таҳти қалб,
Дар канори давру дунё бас дурахшон бинамат.

Мизбоне беназирӣ, ҳар ки ояд аз бурун,
Қадрдону меҳрубон бар аҳли меҳмон бинамат.

Неъмати пурганҷ офардӣ барои халқи хеш,
Мулки ризқафзуну пурфайзу фаровон бинамат.

Эй Ниҳонӣ, дон ту доим бештар қадри Ватан,
Ҳар қадар амре шавад, ман таҳти фармон бинамат.

Ҷон адоят

Ман, ки табибам, чӣ давоят кунам?
Ҷону дилу дида фидоят кунам.

Гар ту биоӣ ба барам субҳидам,
Шом расад, нағма навоят кунам.

Чун бидидам хуш ҳадафу қасди ту,
Васфи рӯҳу мадҳу саноят кунам.

Нарху навоят зару зевар бувад,
Кам шумарӣ, хеш адоят кунам.

Кай бишавад ман ба висолат расам?
Ҳар чӣ бигӯӣ ту, бароят кунам.

Баҳри рухат нест дигар қимате,
Ҳар чӣ бихоҳӣ ту, равоят кунам.

Баҳри ту иншо бикунам рози дил,
Рақскунон қалб сароят кунам.

Гарм Ниҳонӣ ба канорат гирифт,
Дур марав, ҷон, ки садоят кунам.

Модар фариштa буд

Модар фариштa буд, ки гуфто, ки пар надошт,
Фарзанд буд болу параш, худ хабар надошт.
Шояд хабар зи болу параш буд ҳам, вале
Фикри ҷудоӣ аз писару аз падар надошт.
Дар кӯдакӣ чу хостамаш ҳадяе барам,
Гарчӣ фақир буд, ба зар ҳам назар надошт.
Гар беш буд даври ҷавонӣ ҳавас ба дех,
Бар ҳадяҳои бурдаам ҳоҷат дигар надошт.
Обаш ба ҷои ҳадя чакондам чу қатрае,
Даври лабаш ба ғайри дуо бар писар надошт.
Модар фариштa буд, пари хеш монду рафт,
Аз дарду ранҷи қалб мадор он қадар надошт.
Модар фариштa буд, фариштa ҳамешагӣ,
Ҷуз доғу дарди зиндагӣ ранҷе агар надошт.
Маъзуну саргарон гузарам аз мазори ӯ,
Ҷуз рӯи шод модари воло гуҳар надошт.
Ҳамдардии касе бикунам к-ӯ зи хурдиаш,
Бо даргузашти модараш ҷуз чашми тар надошт.
Чун қадри ӯ Ниҳониву Озар бигуфтаанд,
Бе ёди модар дардашон дар дил асар надошт.

Фалаки чакан

Бингар, фалако, чакан бишуд моли ҷаҳон,
Мо шоҳиди ҳол, шуд Ватан шуҳра аз он.
Фарҳанги Саразм, ҳам Мақому Наврӯз,
Халқ аст гувоҳи ҳақ аз ин мулку макон.

Бингар, фалако, ҷаҳон чаканпӯш шудаст,
Пушти гӯши духтарон сияҳгӯш шудаст.
Ин куртаи зебанда аҷаб гулчаканай,
Рахшанда чунон, баҳор мадҳуш шудаст.

Бингар, фалако, чакан гули нанг бишуд,
Куртачакан аз шавқ сари санг бишуд.
Наврӯз омад бас чакану атласпӯш,
Маъруф ба созмону садранг бишуд.

Бингар, фалако, ҷомаю тоқии чакан,
Аз чукрию торон, гулу май дил ту накан.
Ин духтаро дар тан чакану гулпӯшанд.
Наврӯз зиёфат кунад, армон бишкан.

Мастам, фалако, бо чакану ҳусни баҳор,
Гулпӯш ҳама, як бишуда лайлу наҳор.
Сардӣ бигузашт киштукор омад боз,
Наврӯз ба деҳқон шуда оғози барор.

Омад, фалако, зи Созмон пайке хуш:
Дар саҳнаи ЮНЕСКО чаканпӯшу хурӯш.
Ин иқдоми Пешво қабул омаду боз
Даҳсолаи оби рушд дорем ба дӯш.

Рафтам, фалако, шод ба сайри лола,
Куртачакано - духтаракой қингола.
Абр омаду бигрист ба дашту саҳро,
Як дам борон, як дам барфу ҷола.

Гардам, фалако, чакан забар шуд ҷаҳон,
Ҳафтранг чакан базеб чун тиру камон.
Аз давраи пеш то ба ин давру замон
Мерос ба халқ монд аз насли Каён.

ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ ВА ГУМРУК

чаро баъзе “коршиносон” бархӯрдорӣ аз онҳоро “орзуи мушкил” арзёбӣ мекунанд?

Ба ҳукми анъана даромадааст, ки баробари ба ширкате пешниҳод шудани имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ булбулаки баъзе “коршиносон” ба хондан даромада, дар навбати аввал ба молики ширкат “таваҷҷуҳ” зоҳир мекунанд.



Ҷанбаҳои дигар – фароҳам шудани ҷойҳои нави корӣ, ғановати бучети давлатӣ, коҳиш ёфтани воридот, рушди истеҳсолот, муаррифии кишвар ба шарофати маҳсулоти истеҳсолмешуда дар арсаи байналмилалӣ ва ғайра аз мадди назари ин “аллома”- хо дур мемонад.

Далели возеҳи ин гуфта, сафсатапароканӣ дар робита ба тасдиқи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фабрикаи қаннодии Амирӣ» оид ба таҷдид, рушд, сохтмон, ба истифода додан ва фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, хока ва шираи нишоста ва маҳсулоти ордӣ» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ин қабил “коршиносон” нодида вонамуд мекунанд, ки Ҳукумати мамлакат на танҳо ба ширкатҳои алоҳида, балки соҳаҳои аз лиҳози моҳият барои рушди иқтисодиёти кишвар саҳми бориз дошта, аз қабили сайёҳӣ, парандапарварӣ, саноат ва ғайра имтиёзҳои қобили мулоҳиза пешниҳод намудаааст. Мутаассифона, дар ин мавриди расонаҳо ва “коршиносон”- и мавриди назар “ба даҳон об гирифтанд”.

Дар суҳбат бо **сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал - майор Хуршед Каримзода** қабл аз ҳама, маблағи аз



ҳисоби пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба буҷет дар соли 2018 воридшаванда дидаро пурсон шудам. Бино ба гуфти номбурда, соли сипаришуда имтиёзҳои тарифию андозии тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда 64,7 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод»-ро ташкил менамояд. Ба ибораи дигар, дар ин давра аз ҳаҷми умумии воридоти молу воситаҳои нақлиёти дар низоми гумрукии «Иҷозат барои муомилоти озод» воридшуда танҳо 35,3 фоизи он (1063,7 млн. доллар) пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифта, арзиши гумрукии молҳои аз имтиёзҳои тарифию андозӣ бархӯрдор 1 954,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил менамояд, ки пардохтҳои гумрукии озодкардашуда ба ҳисоби миёна 2 643,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар посухи саволи дуюм - имтиёзҳои додашуда ба кадом соҳаҳо рост меоянд ва маблағашон чӣ қадар аст?- генерал – майор Хуршед Каримзода минҷумла гуфт, ки татбиқи чунин имтиёзҳо, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии барои самтҳои гуногун қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд, вобаста ба ҳар як соҳа вижагиҳои худро дорад. Барои мисол, воридоти молҳо барои иншооти махсусан муҳими давлатӣ 249,4 млн. доллари ИМА ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 552,9 млн. сомониро ташкил дода, воридоти молу маҳсулот барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 174,0 млн. доллари ИМА ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 382,0 млн. сомониро ташкил дод.

Ҳамсуҳбатам бо дарки масъулият иброз намуд, ки дар ин раванд анқариб тамоми соҳа ва ашхоси ба талабот ҷавобгӯ имкони бархӯрдорӣ аз чунин имтиёзҳоро доранд.

Барои тақвияти сухан номбурда аз он ёдовар шуд, ки дар давраи мавриди назар воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ 21,4 млн. доллари ИМА ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 46,4 млн. сомонӣ, доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ 7,2 млн. доллари ИМА ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 15,5 млн. сомонӣ, молҳо барои корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғуланд, 13,9 млн. доллари ИМА ва пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 29,5 млн. сомониро ташкил дод. Илова ба ин, воридоти молҳо, ки дар асоси моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018" аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озоданд, 226,2 млн. доллари ИМА ва пардохтҳои гумрукии озодкардашуда ба 243,7 млн. сомонӣ расид.

Аз номгӯи соҳаҳое, ки имкони бархӯрдорӣ ба чунин имтиёзҳоро ба даст овардаанд,

Tajikistantimes.com

Ин қабил “коршиносон” нодида вонамуд мекунанд, ки ҳукумати мамлакат на танҳо ба ширкатҳои алоҳида, балки соҳаҳои барои рушди иқтисодиёти кишвар саҳми бориз дошта, аз қабили сайёҳӣ, парандапарварӣ, саноат ва ғайра имтиёзҳои қобили мулоҳиза пешниҳод намудааст.

хулоса кардан мумкин аст, ки Ҳукумати кишвар ва сохторҳои зиддахл ба ин масъала муносибати мунсифона доранд. Воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ, ки маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 38,9 млн. сомонӣ, автомашинаҳои нав, ки пардохтҳои гумрукии сарфи назаршуда 87,1 млн. сомонӣ, таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ, ки пардохтҳои гумрукии аз имтиёз бархӯрдорбуда 8,2 млн. сомониро ташкил додаааст, дурустии ин гуфтаро собит менамояд.

Дар идомаи суҳбат Хуршед Каримзода афзуд, ки озод намудани воридоти мол ва воситаҳои нақлиётро аз пардохтҳои гумрукиву андоз муқаррароти моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд.

“Коршиносон”-и мавриди назар шояд намедонанд ва ё медонанду намедониста вонамуд мекунанд, ки ҳамрадиф бо молу маҳсулот ва таҷҳизоти зикршуда, воридоти моле, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ (қарзӣ) амалӣ мешаванд, воридоти махсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон, маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ), воридоти ашё (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ, техникаи таъиноти кишоварзӣ, маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ низ аз ин имтиёзҳо бархӯрдоранд.

Ин омил ва дигар далелу рақамҳои дар матлаб истифодашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бархӯрдорӣ аз имтиёз падидаи маъмул асту онро хоси як гурӯҳ, “орзуи мушкил” ва ё саҳли мумтанеъ арзёбӣ намудан иштибоҳ буда, аз аҳдофи муғризонаи нотавонбинон маншаъ гирифтааст.

Далер МЕРГАНОВ,
журналист

АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

ЭРНЕСТО БЕРТАРЕЛЛИ

Эрнесто Бертарелли соҳибкори муваффақи шветсарӣ буда, айни замон фаъолона ба варзиш, тиҷорат ва корҳои хайриявӣ машғул мебошад.



Вай соли 1965 дар Рим ба дунё омада, соли 1989 коллеҷи Бэбсон ва соли 1993 донишгоҳи Гарвардро хатм намудааст. Пас аз ду соли хатми таҳсил Эрнесто директори генералии ширкати Sereno таъин гардид. Маҳз донишҳои дар муассисаҳои бонуфузи таълимии дунё гирифтааш имкон дод, ки нақшаи дурусти тиҷоратро ба роҳ монад ва коргоҳи худро сарватманд гардонад. Давоми роҳбарии ӯ ин ширкат аз соҳаи фарматсевтӣ ба самти биотехнология рӯ оварда, давоми даҳсолаи минбаъда даромадаш се баробар афзоиш ёфт. Соли 1998 пас аз марги падараш ширкат пурра ба номи ӯ гузашт. Соли 2007 «Серено» - ро ба ширкати олмоние фурӯхтанд. Айни замон Эрнесто таваҷҷуҳи корию худро ба ширкати Waypoint равона намудааст, ки ба хотири рушди тадқиқоти илмӣ таъсис дода шудааст. Дороии ин соҳибкор 14,4 миллиард доллярро ташкил медиҳад.

Шавқи асосии Эрнесто ба варзиши парусӣ, яъне идораи киштиҳои бодбондор равона шудааст. Аз ин ҷост, ки бештари вақти худро ба ин шуғл сарф менамояд Соли 2003 дар мусобиқаи бонуфузи амрикоӣ дастаи аврупоӣ, ки Эрнесто Бертарелли роҳбарӣ мекард, ғолиб омад. Ин иқдом аз ҷониби саркори онвактаи Фаронса Жак Ширак баҳои баланд гирифта, ба Эрнесто орден дода шуд. Ҳатто дар яке аз суҳбатҳояш ба хабарнигорон иброз дошт, ки ғолибият дар озмунҳои киштиронӣ дар муқоиса дар ғолибият дар бизнес барояш бештар лаззат мебахшад. Ӯро дар гӯшаҳои мухталифи дунё, ки чунин озмунҳо доир мешавад, дучор шудан мумкин аст.

Эрнесто ба сарояндаи шинохта Кристи оиладор шуда, соҳиби се фарзанд мебошанд.

Таҳияи
Насрулло ТӮЙЧИЗОДА



НОН ҲАМ НОНУ НОНРЕЗА ҲАМ НОН

озмун барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода



НОН - нишони МОДАР



Наврас будем. Калонсолон ба мо насиҳат мекарданд, ки агар шабона ба ҷое рафтанат лозим мешаваду каси ҳамроҳ надорӣ, бо худат нон бигир. Ӯ туро ҳамроҳӣ хоҳад кард. Ё ба зери болишти кӯдак дар гаҳвора дар қатори китоб нон мегузоштанд, ки кӯдак вақти хоб танҳо намонад...

Ношукрии гӯшношунид

Дар охирҳои ҳукмравоии Иттиҳоди Шӯравӣ тариқи телевизион аз корхонаи нонпазие намоиш нишон дода буданд, ки якчанд тонна хамирро турш карда, пинҳонӣ ба байни теппаҳо оварда рехтаанд, то касе аз масъулин огоҳ нашаванд... Аммо ҳукумат аз ин огоҳ шуд ва дар оинаи нилгун нишон медод, ки ғарамҳои нону хлебу хамирро коргарон ба болояш баромада, бо бел ба болои мошини калон ҳаво медоданд. Гӯё хок бор мекарда бошанд. Ин, албатта, ношукрии гӯшношунид буд.

Чанд соле баъд Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрду ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд. Мардум барои ба даст овардани як бурида нон шабонарӯз дар навбат меистоданд...

Насиба

Ҳангоме ки ба хидмати ҳарбӣ мерафтам, пеш аз хона баромадан модарам ба сӯям ду кулча дароз карда гуфтанд: - «Бигир, бачам. Як газӣ гирифта, кулчаҳоро ба ман деҳ. То аз хизмат баргаштанат онҳоро дар девори хона овезон мекунам. Инҳо насибаи туянд. Насиба бошад, туро соқу саломат ба хона хоҳад оварда...

Нонҳоро газида, ба хизмати ҳарбӣ рафтем. 5 - 6 соат бо мошин ҳаракат карда, то ба қисми низомӣ расидем. Ҳамаи мо даъватшудагонро ба ҳаммом оварданд. Оббозӣ кардем. Либосҳои аз хона баромадаи моро ба аробаҳо бор карда бурданд. Ба мо сарулибоси ҳарбӣ доданд. Моро ба ҷои хобамон ба казарма оварда, саф оростанд. Афсарон пурсиданд, ки дар борхалтаҳоятон чӣ доред? Гуфтем: «нону гӯшти бирён». Нафаҳмиданд.

Чодареро болои фарш паҳн намуда, борхалтаҳои моро холӣ карданд. Кулчаҳо, мағзу мавиз, ғулинг, қоқи себу ноку шафтолу чодарро пур карданд. Кулчаи серравғани суп-сурхе ғел хӯрда, то пеши пои афсар рафт. Ӯ хам шуда, онро гирифта пурсид: «Ин чист?». «Нон!»,- гуфтем. Кулчаро бӯй кашида, гуфт: - «Вкусно пахнит. Можно попробовать?», -иҷозат пурсид афсар. Бале гуфтем. Пораи хурде шикаста ба даҳон бурду хоида, бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Оре, хеле бомаза будааст. Ва ин дар ҳоле буд, ки кулчаҳои мо бурдаро 4-5-рӯз пештар пухта буданд.

Нон дар ҳоҷатхона?!

Соле аз хизмати ҳарбӣ сипарӣ шуду ба чанде аз мо рутбаи сержантӣ доданд. Дар қатори дигар ҳамхизматонам маро ҳам ба як шуъба командир таъин карданд. Рӯзе тоҷикбачаҳое, ки нав ба хидмат рафта буданд, ба ман хабар оварданд, ки дар дохили ҳоҷатхона хлеб дидаанд. Ҳақиқатан дар зертахтаи тирезаҳои ҳоҷатхонаҳои қисми низомӣ ва пушти он рӯи замин хлебпораҳоро дида будам, аммо оне, ки хлеб дар дохили сӯрохии ҳоҷатона бошад, бори аввал мешунидам.

Ростӣ, хеле табъам хира шуд. Ғазабам омад. Пурсидам, ки дигар хлебро аз дарун бардошта гирифта намешавад? Не, гуфтанд. Мо кӯшиш кардем, вале афсӯс натавонистем. Ҳатто дигар сарбозон, ки дигар миллатҳо буданд, аз ин рафтори мо дар ҳайрат ҳам шуданд. Онҳо хаёл карданд, ки мо чизи дигаре он ҷо афтонидаем. Ба ҳар ҳол эшон аз ин нияти мо сарфаҳм нарафтанд. Ротаи сарбозонро, ки иборат аз сад нафар буд, пас аз ба ошхона бурда овардан, саф ороста, хеле сарзаниш кардам ва огоҳ намудам, ки агар бори дигар беэҳтиромӣ нисбати нонро шоҳид шавам, марш-бросоки ғайринавбатӣ (ин як намуд машқи ҳарбие, ки ба дарозии 12 км бо борхалта, белча, яроқу тирдон, 03к-либоси махсуси зидди заҳр, дар як вақти муайян медавониданд) ташкил хоҳам кард...

Дар давоми хизмат дигар шоҳиди чунин ҳодисаи нангин нашудем...

Нишоне аз модар...

Пас аз адои хизмати ҳарбӣ ба хона баргаштам. Модарам ба пешвозам наомаданд, чун сафари дунёи охират карда буданд. Лек он нонҳои газидаи ман рӯи қолини дар девор овезон гӯё сӯям мегуфтанд: “Мо туро интизорем. Чун мо насибаи туем”. Ин нонҳо нишон аз модарам буданд...

Абдуқаҳҳор САТТОРӢ,
корманди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ

ҚАДРИ НОН

(Ҳикояи воқеӣ)



Моҳи дай. Ҳаво хунук. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва замони қаҳтӣ. Ҳама сарсон ва ба як пораи нон зор буданд. Саҳарӣ барф меборид. Барои ношто ҳеҷ чизи хӯрданӣ набуд.

Наҷмияхола ба сандуқча як пораи хурди нонро монд ва ба духтараш Шаҳло таъкид карда гуфт:

-Духтарам, то бегоҳ ин қисми нонро ин ҷо нигоҳ дор! Акату занаш аз хоб бедор шавад, ҳам гӯй, ки нон нест. Ин нони таҳкарда барои хӯроки бегоҳӣ. Ман ҳаракат карда, боз нон меёбам.

Ӯ нонро дар сандуқча, сандуқчаро дар ҷевон гузошту ҳуҷраро қулф карда рафт.

Баъди чанд лаҳза Рустам ва Таҳмина, писар ва арӯси Наҷмияхола аз хоб бедор шуданд.Таҳмина ба ҳавлӣ баромад ва он ҷо Шаҳлоро дида аз рафтораш пай бурд, ки вай чизеро пинҳон мекунад.

-Шаҳло! Ҳой Шаҳло, нон ҳаст? – бо овози баланд пурсид янга.

-Нест келнояҷон, - забонхоида гуфт Шаҳло.

Таҳмина дасту рӯяшро шуст ва ба ҳуҷрааш баргашт. Баъди камтар вақт Рустам мисли дев аз ҳуҷра баромада, ба сӯйи ҳуҷраи хоҳару модараш равона шуд. Шаҳло хост пеши роҳашро гирад, аммо Рустам ӯро як тараф тела дода, ба хона даромадан хост.

Дари хонаро баста дида, тирезаро шикаста, вориди хона шуд ва баъди лаҳзае нони пинҳонкардаи модарро гирифта, ба берун баромад ва ба ҳуҷраи худ рафт. Илова бар ин, зану шавҳар Шаҳлоро дашномҳои қабеҳ мекарданд...

Шаҳло ҳам ором наистода, ба гапи бародар ҷавоб медод. Рустам ба хашм омада, Шаҳлоро зери мушту лагад гирифт ва ӯро латукӯб кард. Барфи сап-сафед оғӯштаи хуни суп-сурх шуд...

Таҳмина дид, ки шавҳараш хоҳарашро мекушад омада ӯро наҷот дод ва шавҳарашро ба хона бурд...

Солҳо гузаштанд, сулҳ, сериву пурӣ омад, аммо Рустам ҳанӯз ҳам худро пеши хоҳар шарманда ҳис мекунад...

Анвар САВРИДИНОВ
хонандаи МТМУ № 12,
ш. Исфара

НОНИ ШИКАМБАНДА

Бихӯр талқуни ширинаки ровӣ,
Макаш миннати боёни палавхӯрӣ таговӣ,

-мегуфтанду аз ночорӣ ба шикам санги қаноат мебастанд одамони баномус дар даврахои гушнагӣ.

«Падарам ҷомаи ҷиғда-ҷиғдаи умумиро пӯшида, барои ёфтани як пора нон барои мо бечорагони лучи урён дар ба дари мардум талбандагӣ мерафт. Ҳа, бачам, лучӣ мешинонаду гуруснагӣ лучиро ҳам мехезонад», - ҳикоя мекард модаркалон ба набераааш, ки ба нон беэҳтиромӣ мекард.

Боре мо дар ҳамон даврахои сахти ҷанги шаҳрвандӣ пас аз савдо кардани говҳои худ якчанд линча орд харида, ба хонаҳо раҳсипор шудем. Одамони бисёре дар болои мошини боркаш бари дар бар нишаста буданд. Ҷои сӯзанпартоӣ набуд. Ҳаво хунуку торик буд. Ман хеле гурусна будам, вале нон надоштам. Дар бари ман як хешрангам нишаста буд. Вай бисёр одами шикамбанда буд. Вай нон дошт, лекин бачо-бачо пинҳонӣ аз нонаш шикаста мехӯрд. Ба ман надод. Ин кори ӯ сухани Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро ба хотирам овард:

Андар балои сахт падид ояд,
Фазли бузург мардиву солорӣ.

Вале ба ин панд ман сер намешудам, чунки “Гушнаро як пора нон аз ганҷи дунё бехтар аст”.

Ин фикр ва ин байт аз сарам мегузашт, ки ҳамон хеши шикамбандаам як пора нон шикаста, ба яке аз ҳамроҳонамон, ки фоидааш ба ӯ мерасид, дароз кард.

Он шахс аз афташ одами дилкушод будааст, ки аз ҳамон пораи нон нисфашро шикаста ба ман дод. Он пораи нон ширинтарин ноне буд, ки дар умрам хӯрдаам. Ҳар замон он лаҳза ба ёдам ояд, ман он нонро хаёлан мехӯрам ва маза мекунам. Бо он пораи нон қадру қимати нон дар ҷонам нишастааст. Бигузор қадри нону нонреза дар ҷони ҳамаи мо нишинад. Омин!

Адҳам ЗОИР,
нафақахӯр, н. Тоҷикобод

ТОТРОНИ АЗО



Ҳамсояи мо Тӯтӣ-хола занест , ки дар қаъри чашмонаш ҳамеша як аломати ғам намудор, вале зоҳиран табассум мекунад. Нодонҳо ӯро девона меҳонанду ҳолдонҳо дили ӯро ғамхона мегӯянд. Ҷавонон гумон мекунанд, ки ӯ аз замин чизеро меҷӯяд, кӯҳансолон медонанд, ки ғам қомати ӯро хамонидааст...

Баҳори соли 1941 буд. Тӯтинисову ҳомиладору интизори кӯдак, аммо бадбахтона ҷанги хонумонсӯз шурӯъ шуду шавҳари ӯро, ки солҳои дароз орзуи дидани рӯи фарзандро дошт ба ҷанг даъват карданд.

Шавҳараш аз фронт ба Тӯтинисо тез-тез мактуб менавишт... Дере нагузашта дар кулбаи Тӯтинисо овози гиряи тифл садо дод. Гиряи ӯ ба гӯши модараш чун садои мусиқии форам басо ҳаловатбахш мерасид; охир ӯ ин рӯзро солҳои боз орзу мекард, бекаророна интизорӣ мекашид...

Оҳ гардуни каҷрафтор? Акнун гиряи ин духтарчаи сияҳчашму ҷингиламӯй ба афғони занҳои ҳамсоя ва навҳаи модараш, ки дар даст “хати сиёҳ”-и шавҳараш буд, ҳамовоз гардид!!! Магар падари шаҳиду ҷавонмаргаш медонист, ки дар гиряи мотамаш, тифли бепадар мондааш ҳамовоз аст?!

Духтарчаро Ёдгора ном гузоштанду ҳама поёни ҷангро интизор буданд.

Мардуми деҳа барои аз ин офати сахт наҷот ёфтан ҳар гуна роҳу тадбир ва наҷот меҷустанду як навъ илоҷашро ҳам меёфтанд: дар кӯҳ растаниеро пайдо карданд, ки мазаи решаи он чун шалғам ва аз он хӯроку нон тайёр кардан мумкин. Номи он растаниро тотрон меномиданд. Решаи тотронро аз кӯҳҳои баланд кофта омада, пеш аз истеъмолаш як шабонарӯзи том ба оби равон баста мемонданд. Об талхии онро шуста мебурд ва баъд хушконида орд мекарданд.

Зимистони соли охирини ҷанг. Тӯтинисо низ маҷбур шуд, ба тотронкобӣ равад. Ҳанӯз домани ҳаво сафед нашуда, зану бачагон ва пиронсолон сӯи кӯҳ мешитофтанд. Ба гуруснагӣ ҳеҷ чиз тоқат намекардааст: кӯҳ чун замини кишт аз тотронкобӣ гӯё шудгор шуда буд.

Ёдгора, ки забонаш акнун баромада буд, пурсид:

- Бибӣ, нон тамом, тотрон тамом, акнун чӣ мехӯрем?

Модар кӯдакашро ба қафаси дилаш сахт пахш карда, беихтиёр гиря карда фиристод. Баъди каме Ёдгораро ба ҷойгаҳ хобонида, барои ғанаб бурданаш суруди “алла”-ро сароид. Дар “алла”-аш модар дарду алам ва ноилоҷии худашро месароид. Ёдгораро ғанаб бурд.

Тӯтинисо ҳис кард, ки сахт гурусна аст. Дар табақ ду бурдача нони тотрон мондааст. Ба назар чунон дилкаш, чунон болаззат, ки хӯраду монад. Нонро ба дасташ гирифт. Барои рафъи нафсаш бӯиду боз ба табақ гузошт; охир Ёдгора то аз кӯҳ омаданаш чӣ мехӯрад?! Бӯи нони тотрон меъдаашро ба хурӯҷ овард: гуруснагӣ ғолиб омадан мехост. Не, меҳри модарӣ аз гуруснагӣ даҳчанд пурқувват аст...

Саҳарии бармаҳал Тӯтинисо аз ҷойгаҳ хест. Чизе тараппасзанон худро ба берун зад. Саросема чароғро даргиронд. Бадбахтӣ!! Гурбаи дайдуе ба хона даромадаасту ҳамон ду бурда тотронро рабудааст!! “Камбағалро дар болои шутур ҳам саг мегазад”, - гуфтанашон дуруст будааст. Тӯтинисо худро барои беэҳтиётиаш мазаммат кард, гиря намуд. То аз тотронкобӣ омадани ӯ ва тайёр намудани он дар тӯли қариб ду рӯз ҷигарбандаш чӣ мехӯрад?!!

Банохост аз куҷое бӯи хуши нони гандум омад! Оҳ аз хонаи кӣ?! Кадом фарзандони хушбахт, аз дасти модарашон ҳозир нони гандум мехӯрда бошанд?!!

Ёдгора гӯё нон хоб дида бошад, аз хобаш хесту нон талабид. Аввал оромона баъд гирякунон. Тӯтинисо чӣ кор карданашро намедонист.

- Очаҷон, нон диҳед, гурусна-ам, – бо ангушташ ба шикамаш ишора карда илтиҷо мекард Ёдгора.

Модари бечора, бо умеди он ки шояд гуруснагии Ёдгора андаке басанда шавад, ба ӯ об дод. Ӯ обро нӯшида, боз нон талабид, модар боз об нӯшонидан хост.

- Очаҷон-очаҷон об не, нон диҳед, нони тотрон бошад ҳам, нони сахт бошад ҳам майлаш, об надиҳед... Нон, нон диҳед...

Илтиҷои духтарчаро шунидан барои Тӯтинисо тоқатнопазир буд. Ӯ бо ваъдаҳои гуногун духтарчаро ором кард, ба хонаи аммаи кӯҳансолаш бурда монду худ тотронкобӣ рафт.

Дар кӯҳ фақат сангу хок монда буду бас... Ӯ то бегоҳ фақат чанд бехи хурди тотрон ёфта тавонисту халос. Офтоб ба паси кӯҳҳо мешитобид, ӯ сӯи хона. Раҳораҳ шитоб мекард. Дилаш ким-чӣ хел хиҷил, гӯё ягон нохушие пеш меомада бошад: ба танг омада, чукур-чукур нафас кашида, нафас мебароварад.

Чун Ёдгораашро дид, нафаси сабуке кашид. Тотронро ба оби равон баст. Дилаш аз он хавф мекашид, ки ҳозир духтарчааш нон талабида, инҷиқӣ мекунад. Вале Ёдгора хомӯш буд. Гумон кард, аммааш ба ӯ боз ягон чизи хӯрданӣ додааст.

Шабонгаҳ. Нолаи ҷонгудозе хобашро паронид. Ёдгора нолиш мекард:

- Куҷоят дард мекунад? – пурсид модари зор саросемавор.

- Шикамам, – дастони нозукашро рӯи шиками варамидааш гузошта ҷавоб дод Ёдгора.

Шиками духтарча торафт варам карда, ӯро безобита менамуд: аз даҳонаш оби сабз мешорид. Модар чӣ кор карданашро намедонист, гоҳ даст, гоҳ пой, гоҳ сар ва гоҳ шиками духтарчаро мемолид.

- Чӣ хӯрдӣ, чӣ хӯрдӣ?

Духтарча маҷоли гап задан надошт. Тӯтинисо ба кӯча давида, ҳамсояҳоро барои имдод ҷеғ зад. Онҳо фаҳмиданд, ки Ёдгора аз гуруснагӣ юнучқаи наврустаро серӣ хӯрдааст. Ӯ забонашро бароварда, чашмонашро калон-калон мекушод ва нолаи ҷонгудозе карда, зӯр мезад, ки дарди шикамашро берун кунад. Кист он ки дар ин шаби шум ҷигарбанди ӯро аз чанголи марг наҷод диҳад?! Фарзанди яккаву ягонааш, нури чашму умедвории ҳаёташ дар пеши назараш бо марг даст ба гиребон мешавад, вале ба ӯ касе имдоде карда наметавонад.

Пагоҳии рӯзи дигар чаҳор тан мӯйсафедони деҳа ҷасади духтарчаро ба хок супориданд. Он чанд дона тотрони аз кӯҳ овардаи Тӯтинисо оши бегоҳи аввали Ёдгора шуд...

Собирҷон ИБРОҲИМОВ,
ноҳияи Ашт

ТУ ГУРУСНАГӢ НАДИДАЙ

(Ёддошт)



Солҳои бачагии мо басо беғамона ва орӣ аз ташвишҳои зиндагӣ мегузашт.

Маоши падарамон барои таъмини рӯзгор басанда буд ва мо тасаввур ҳам надоштем, ки ғизои хонавода аз кадом манбаъ муҳайё мегардад. «Бача бояд лаззати бачагиро чашад, камтар калон шаванд, баъд дар ин мавзӯъ суҳбатҳо мекунем», - мегуфт падарам.

Мо, бачагони беғами замони Шӯро аз субҳ як пора нон дар дасту донакаанди сапед дар даҳон ба кӯча метохтем, то баҳри дилхушиҳои рӯз бо ҷӯраҳо нақшаву маслиҳат кунем

Пушти хонаи мо майдони холӣ ва андаке дуртар аз он гандумзори пурвусъате буд. Аз ҳавлиямон сӯйи майдон дарича вучуд дошт. Соатҳои зиёд дар майдон мебозидем. Модари меҳнативу меҳрубонам рӯзе ду маротиба деги калон мемонд. Хусусан, дар пухтани хӯрокҳои хамирӣ мумтоз буд. Ягон бор аз набудани маҳсулот шикоят намекард. Сурфа кушода, дар муддати кӯтоҳ мантуву тушбера, угрову лагмон ё туппаи табакӣ мепухт. Нисфирӯзӣ дар зери хавозаи ток ё сояи дарахтон шолу кӯрпача густурда, дастархон меорост. Нону мева ва хӯрок меовард.

Рӯзе аз рӯзҳои баҳори моҳи май мо ба саҳро баромада, даруни гандумзор бозӣ мекардем. Тасфи офтоб баланд буд, аз ин рӯ, мо даста-даста хӯшаҳои гандумро канда, ба зерамон чун кӯрпача густурдему болояш беғамона ғел задем. Дар ин миён модарамон барои тановули хӯрок моро ҷеғ задаву саргарми бозӣ нашнавидаем. Дафъатан модарам сӯйи гандумзор омада, ин манзараро бо чашми худ дид ва бо овози ранчишомез пурсид:

- Шумо чӣ кор карда истодаед?

- Бозӣ мекунем,- ҳайрон ҷавоб гуфтем мо.

- Ин чӣ хел бозӣ?

- Ҳамту... бозӣ...

- Ин чӣ?- ба хӯшаҳои канда ишора намуд модар.

- Ин «кӯрпача»-и мо! - бепарвоёна ҷавоб дод бародари калониям.

- Хезед аз ҷо! - овоз баланд кард модар бо чеҳраи гирифта. Чунин ваҷоҳат ва овози ғайримуқаррарии ӯ ҳайронамон кард.

- Хезед аз ҷо, бемаъниҳо!!! – бори дигар бонг зад ӯ.

Мо осемаву ҳаросон аз ҷоямон баланд шудем. Модарамон хӯшаҳои кандаи моро рӯйи даст гирифт.

- Ношукрҳо! Ин чӣ кори кардаатон? - бо чашмони пурнам сӯямон назар кард, сиришке аз гунаҳояш лағжида ба поён ғалтид. Ӯ барои сарзаниши мо дигар сухан наёфта, «Хона равед, сонӣ гап мезанем», - гӯён таҳдид карду қафо гашт.

Ҳар бор шӯхӣ кунем, модарам «бегоҳ дадаҳотон биёянд, адабатона медиҳанд» мегуфт. Мо аз ҷазо тарсида, бегоҳ худро назди падар бамаъниякак, бегуноҳ нишон медодем. Баъди чанде маълум мешуд, ки модарам ба мо раҳм кардааст. Ӯ аслан хабаркаширо хуш надошт, вале муносибати мо бо хӯшаҳои гандум ӯро чандон муассир кардааст, ки ҳамон бегоҳ дар ҳузури падар лаб ба шикоят кушод:

- Дадаш, ин бачаҳотона насиҳат кунед, бозиҳои бечо накунанд.

- Чӣ кор карданд инҳо? - омирона сӯйи мо назар андохта пурсид падар.

- Имрӯз кофта-кофта инҳоро аз миёни гандумзор ёфтам, бинам, хӯшаҳои гандума канда, «кӯрпача» гуфта, ба болояш ғел зада хобидаанд. Бисёр зиқ шудам, асабам хароб шуд.

Падарамон абрӯ дарҳам кашида, ба ҳар яки мо маънидорона нигарист. Аз калтак бадтар буд он нигоҳ, гӯё танҳоро шикоф кард, сарҳоямон хам шуд. Муқаддимаи ҷазои падар ҳамин ҳуҷуми психологӣ буд. Қисмати дигари сарзаниш насиҳатҳои оқилона буданд:

- Шумо медонед чӣ кор кардед?

- ...

- Намедонед! Чунки гуруснагӣ надидаед. Замони ҷанг одамон зори як бурида нон аз гуруснагӣ ҳалок шудаанд, нони серӣ надида рафтанд бисёриҳо. Ҳар як донаи гандуме, ки нобуд кардед, баҳои тиллоро дорад. Медонед, ки то як хӯша гандум рӯёндан чӣ қадар меҳнат сарф мешавад? Эҳ, ҳайфи шумо! ..

Бо ҳар сухани падар сари мо зиёдтар хам мешуд. Аз бори гарони пушаймонӣ. Дарк кардем, ки чӣ гуноҳи азиме кардаем. Оре, гуноҳи азим бо беақлии кӯдакона: ношукрӣ ба фаровонии неъмат, беэҳтиромӣ ба меҳнати дигарон... Бале, падару модарамон дуруст қайд карданд: мо гуруснагӣ надидаем.

Анвари АБДУҶАЛИЛ,
журналист, муҳаррири рӯзномаи «Паёми Истаравшан»

Сардухтури ПУЛЧИНАК

баҳси ӯ то раиси вилоят рафт

Аз моҳи сентябри соли 2018 сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен О. Бекбутаев кормандони тибби беморхонаро маҷбур мекардааст, ки дурӯза маблағи маошашонро барои ободонӣ дар давоми се сол супоранд.



Аз рӯи шикояти беш аз даҳ нафар кормандони тибби беморхонаи мазкур, ӯ ҳамаро метарсондааст, ки "агар пулро ҷамъ накунед, шуморо барои ба сиёсати давлат зид баромадан ба мақомоти амниятӣ месупорам". Ин маҷбуркунӣ ва фишорҳо косаи сабри чанде аз духтурони ин беморхонаро маҷбур кард, ки баъд аз нависонависи зиёд ба редаксияҳо, билохир шикоят ба раиси вилоят баранд, то ин мушкилотро ҳал кунад.

Аз пулситонӣ безор шудам...

Раъно Яқубова, духтури амрози дили Беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен, ки аз пулситониҳои сардухтур ҷонбезор шудааст, мегӯяд:

-Дар байни кормандони тиб шахсоне ҳастанд, ки вазъи шароити оилавиашон вазнин аст. Умуман, мо намефаҳмем, ки барои чӣ маоши худро мо барои эҳтиёҷоти оилаамон сарф накарда, ба сардухтур бояд супорем? Охир фармони Вазорати тандурустӣ ё лоақал Раёсати тандурустӣ мешуд, ки сабаби пулҷамъкуниро мефаҳмидем, шояд нофаҳмӣ ё шикоят кардан ба миён намеомад. Аммо дар ягон қонунгузорӣ ишора нашудааст, ки сардухтур ҳаққи аз маоши кормандон пулгириро дошта бошад.

"Илова бар ин маоши духтурон зиёд нест, ки аз он мо ба сардухтур ҷамъ карда диҳем. Аз сабаби он ки ҳар моҳ вақти маошгирӣ ҷанҷолу нофаҳмиҳо мешавад, барои аз маошамон барои ободонӣ нигоҳ доштани Бекбутаев ӯ пеши худ фармон дод, ки ҳамаи кормандон новобаста аз вазъи шароити оилавӣ дурӯза маблағи маошашонро медиҳанд, вагарна шахсони саркаш аз кор сабукдӯш мешаванд",-афзуд Раъно.

Хазина ҳаст, дору нест...

Чор моҳ (аз моҳи декабри соли 2018) инҷониб дар беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен дар шуъбаҳо тамоман доруворӣ нест. Сардухтур ҳатто кӯшиш намекунад, ки ин масъала ҳалли худро ёбад. Аз сабаби набудани доруворӣ мо ба беморон кумаки аввалияи тиббӣ расонида наметавонем ва ба хешу табори беморон мегӯем, ки доруворираз дорухона харида биёранд. Зеро ҳар як бемор дар вақти бистарӣ шудан ба хазинаи беморхона аз 250 то 540 сомонӣ маблағ ворид мекунад.

Tajikistantimes.com

Сардухтур одоби касбиро риоя намекунад, ба кормандони тиб дағалона муомила мекунад, ба шахсияти духтурон мерасад.

Дар шуъбаҳо бо фармони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорухонаи ёрии аввалии тиббӣ ташкил шудааст, вале аз таъмин нашудан бо доруворӣ қуттии ин дорухонаи ёрии аввалии тиббиро маҷбурем, ки мо коркунони шуъбаҳо худамон бо дорухо таъмин намоем. Дар асл барои маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, инчунин шахсони камбизоат гирифтани табобат ройгон мебошад. Дар вақти бистарӣ гаштан талаб мекунанд, ки онҳоро ройгон табобат карда, бо доруворӣ таъмин кунем, лекин мо ин талаби онҳоро ичро карда наметавонем, чунки беморхона бо доруворӣ таъмин нест.

Бояд қайд намоем, ки дар беморхона ҳамчун ҳамшираи калон Олтин Сангинова 4 моҳ инҷониб фаъолият мебарад. Олтин Сангинова собиқаи корӣ дар соҳаи тиб надорад, категория надорад. Ӯ дипломи филиали Коллечи тиббии шаҳри Хуҷанд дар ноҳияи Спитаменро нахонда гирифта буд. Ҳамон вақт ӯ ҳамчун котибаи сардухтур кор мекард, аз саҳар то бегоҳ ӯ дар ҷои кориаш қарор дошт ва тамоман намехонд. Дар беморхона ҳамшираҳои собиқадор ҳастанд, барои чӣ онҳо ҳамшираи калон намешаванду Олтин Сангинова мешавад? Агар ин ҷо ҳолатҳои коррупсионӣ ва ё муносибати "дӯстона" байни Сангинова ва Бекбутаев намебуд, кор ин гуна ранг намегирифт. Сангинова тамоми саводи тахассусӣ надошта, аллакай аз ҳамшираҳо «зачёт» гирифта истодааст. Ба ҳар як ҳамшираҳои рӯзона маблағ барои худаш таъин кардааст ва ҳармоҳа он маблағ ба Сангинова бояд дода шавад. Агар аз ин амал шикоят кунем, боз сардухтур аз Сангинова пуштибонӣ мекунад ва бо таҳдиди аз кор сабукдӯш кардан ба даҳони мо муҳри хомӯшӣ мезанад. Аз якуми марти соли 2019 ба ӯ таърихи бемориро пешниҳод мекунанд ва Сангинова ин ҳуҷҷатҳоро тафтиш мекунад. Чӣ тавр, ҳамшираи бе стажи кор кори духтурони беморхонаро, ки собиқаи кориашон аз 10 сол зиёд аст, тафтиш мекунад? Чаро дар ҳама муассисаҳои тандурустӣ сари ҳар қадам комиссия меояд ва аз "А" то "Я" тафтиш мекунаду ин беморхона сарфи назар аст? Ё ин ҷо сирре ҳаст?



Дипломи ин ҳамшира бояд санҷида шавад, зеро мегӯянд, ки ӯ ҳамагӣ 7 синфро тамом кардааст халос. Ҳоло як сол ҳам кор накарда, Сангинова Олтин бе ягон асос аллакай кормандони хурди тиббиро аз кор гирифтанро сар кардааст, хоҳад ба кор мемонад ва нахоҳад аз кор мегирад. Ҳама дар беморхона ба таъби дили сардухтур Бекбутаев ва ҳамшираи калон Сангинова итоат карда кор мекунанд. Сангинова Олтин худро ҳамчун сардухтур меҳисобад, аз номи сардухтур кор мебарад, вазифа мемонад, беморхонаро идора мекунад, чунки бо сардухтур хеле муносибати хуб ва зич дорад, ки инро аз фарроши беморхона то посбону дорухоначиҳо медонанд-афзуд Раъно.

Бекбутаев эҳтиром надорад

Мудири шуъбаи осебшиносӣ М. Назиров дар робита ба ин масъала гуфт: -Сардухтур тамоман одоби касбиро риоя намекунад, ба кормандони тиб дағал муомила мекунад, ба шахсияти духтурон мерасад. Дар дили бисёр кормандони беморхона нисбати сардухтур Бекбутаев нафрат пайдо шудааст. Дар БМН ноҳияи Спитамен конфронси илмии амалӣ, шуроҳои тиббӣ, мунозираҳои (консилиум) беморони вазнин, фавтида гузаронида намешавад, гардиши шуъбаҳо (обший обход) аз тарафи сардухтур, шунидани фикру андешаи духтурони собиқадор тамоман вуҷуд надорад. Дар шуъбаи эхё барои додани ёрии аввалиндараҷа доруворӣ нест. Чор моҳ мешавад, ки ин шуъба бо доруворӣ таъмин карда намешавад. Сардухтур мегӯяд, ки беморон дорувориашонро бо худ ованд, шароиташон бошад, табобат гиранд, набошад, дар хонаашон табобат кунанд, ҳоло тендер тасдиқ нашудааст, тасдиқ шавад, баъдан доруворӣ мешавад.

Шикоят ба раис расид, хулоса чӣ мешавад?

Мувофиқи шикояти кормандони тибби Беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен сардухтур Бекбутаев дар утоқи кориаш ягон корманди беморхонаро қабул намекардааст. Инчунин ҳолати беруна ва дарунаи беморхона (дар акс ҳаст ва мо низ дидан кардем) тамоман фарсуда шудааст, ягон шуъба аз таъмири куллӣ бароварда нашудааст. Ба гуфти кормандони ин беморхона доимо коркунони шуъбаҳо ба ёрии шахсони корафтода таъмири ҷорӣ мегузаронанд. Сан узелҳо, нуқтаҳои обии лозима дар беморхона вуҷуд надоштааст. Дар давоми соли 2018 аз сабаби баъд будани ҳолати санитарӣ аз тарафи назорати санитарию эпидемиологии вилояту ноҳия, фаъолияти шуъбаи таваллудхона муваққатан қатъ карда шуда дар давоми якчанд муддат корафтодагон сарсону саргардон ба ноҳияи Ҷ. Расулов ва шаҳри Хуҷанд рафтанд. Ҳамаи ин камбудиҳоро сардухтур чӣ тавр "рӯйпӯш" мекарда бошад?

Айни ҳол духтурони Беморхонаи марказии ноҳияи Спитамен бо ин шикоят ба раиси вилоят Рачаббой Аҳмадзода мурочиат кардаанд ва комиссияи махсус, ки иборат аз кормандони мубориза бар зидди коррупсия ва дигар масъулин иборат аст, ба санҷиши ҳолати кор оғоз кардаанд. Пулҷамъкунии сарвари беморхона маълум, вале ӯро чӣ интизор аст, номаълум мемонад...

Фарзона МУРОДӢ

Дар Душанбе қаллоби "хонасоз" дастгир шуд

Кормандони милитсияи шаҳри Душанбе марди 49-соларо бо гумони қаллобӣ дастгир намуданд.

Тибқи иттилои дафтари матбуоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, ба ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ зани 36-солаи сокини деҳаи Чортути поёни ноҳияи Рӯдакӣ мурочиат намудааст, ки рӯзи 15-уми августи соли 2018 дар кӯчаи Неъмат Қарабоеви пойтахт, марди 49-солаи сокини шаҳри Душанбе бо роҳи фиреб ба бовариаш даромада, аз ӯ 141 ҳазор сомониро гирифта, ваъда додааст, ки бар ивазаш дар ҳудуди маҳаллаи Пахтакори ноҳияи Рӯдакӣ ҳавлии истиқоматӣ сохта медиҳад. Номбурда қайд намудааст, ки мард пас аз гирифтани маблағ то ҳол ваъдаҳояшро ичро накардааст. Кормандони милитсияи пойтахт аз рӯи ҳодисаи мазкур парванда боз намуда, тафтишот идома доранд.

Зане,ки ду яхдонро дуздида метавонад, дастгир шуд

Ба ШВКД дар ноҳияи Фархор бо ариза марди 36-солаи сокини деҳаи Баҳористони ноҳияи мазкур мурочиат намудааст.


Шаби 10-уми апрели соли 2019, тахминан соати 23:00-дақиқа, шахсони номаълум бо роҳи пинҳонӣ аз дохили хонаи истиқоматиаш 2 адад яхдон, ки арзиши умумиашон 3000 сомониро ташкил медиҳад, дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Зимни доир намудани чорабиниҳои оперативӣ-чустучӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия зани 36-солаи сокини ҷамоати шаҳраки Фархор бо гумони дуздӣ дастгир карда шуда, ин ҳодиса мавриди тафтиш қарор дорад.

Шаҳноза Ҳамдамова:

Маҳсулоти АРЗОН ба пешвози РАМАЗОН

Аз якум то чоруми майи соли равон ба пешвози моҳи шарифи Рамазон дар "Кохи Борбад" ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзони ватанӣ доир мегардад.

Ин ярмарка дар доираи лоиҳаи "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон" роҳандозӣ шуда, ҳадафаш тарғиби маҳсулоти ватанӣ ва ба нархи арзон пешкаш кардани маҳсулот дар арафаи моҳи Рамазон мебошад. Доир ба ин ярмарка ва лоиҳаи зикршуда суҳбате доштем бо асосгузор ва баргузоркунандаи он Директори ширкати рекламавии "Тайрон" Шаҳноза Ҳамдамова, ки фишурдаи онро пешкаши шумо мегардонем.



Шаҳноза Ҳамдамова, директори ширкати рекламавии "Тайрон"

-Шаҳноза Шарифовна, сол шашум аст, ки шумо лоиҳаи "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон"- ро баргузор мекунед. Ҳадафи шумо аз баргузории чунин чорабинӣ чист?

-Ҳадафи асосии мо дастгирии ширкатҳои истеҳсолии ватанӣ ва тарғиби онҳо дар байни мардум мебошад. Шумо медонед, ки барои муваффақ шудани ширкати истеҳсолӣ тарғиби дурусти он дар байни мардум бисёр муҳим мебошад. Лоиҳаи мо на танҳо маҳсулоти онҳоро тарғиб мекунад, балки барои бренди машҳур шудани он ва дар ҳамаи манотиқи Тоҷикистон ва берун аз он ном бароварданӣ онҳо замина фароҳам меорад.

-Дар доираи лоиҳаи "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон" шумо ярмаркаи 4-рӯзаи фурӯши маҳсулоти арзонро ҳам баргузор менамоед. Мехостам дар мавриди ин ярмарка чанд ҳарф бигӯед.

-Ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзон дар доираи лоиҳаи "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон" чун анъана ба пешвози моҳи шарифи Рамазон баргузор мегардад. Ҳадафи мо аз баргузор кардани ин ярмарка ба мардуми кишвар дастрас кардани маҳсулоти арзон ва босифати ватанӣ пеш аз моҳи муборак аст. Чунин ярмаркаро низ соли шашум аст, ки баргузор мекунем ва мардуми зиёде омада, маҳсулоти зарурии худро харидорӣ карда мераванд. Бовар мекунед, соли гузашта занҳо ба назди ман омада мегуфтанд, ки шумо кори савоб мекунед ва дуои нек медоданд. "Мо барои як моҳ аз ярмаркаи шумо харидорӣ мекунем",- мегуфт яке. "Дастурхони рамазонии мо бо шарофати ярмаркаи шумо бофайзу баракат аст",- мегуфт дигаре. Дар шароити мирӯза, ки миёнаравҳо ва майдафурӯшҳо нархи маҳсулотро дар бозорҳо баланд мекунанд, маҳсусан пеш аз рӯзҳои ид ва моҳи Рамазон мардум имкон пайдо мекунанд, ки аз ярмаркаи мо маҳсулоти заруриро аз дасти якум, аз худи истеҳсолгар, бо нархи дастрас харидорӣ карда захира кунанд.

-Дар ярмарка кадом намуди маҳсулот пешниҳоди харидорон мегардад?

-Қариб ҳамаи маҳсулоти рӯзмарраи истеъмолӣ, ки ширкатҳои ватанӣ онҳоро истеҳсол мекунанд, дар ярмаркаи мо маҳсулоти худро пешкаш менамоянд. Маҳсусан, ширкатҳои истеҳсолии "Файзи Расул", "Шири Душанбе", "Молочная радость", "Рамис" ва ғайра дар ярмарка маҳсулоти худро пешкаш мекунанд. Маҳсулоти ширӣ, қаннодӣ ва гӯштӣ талабгорони зиёд доранд. Ҳамчунин, ба харидорон имконияти бехтарин барои ҳамсуҳбат шудан бо истеҳсолкунандагон фароҳам оварда мешавад. Онҳо метавонанд дар мавриди сифати маҳсулот бевосита аз истеҳсолкунанда ба саволҳои худ ҷавоб бигиранд.

-Ярмаркаи имсола аз ярмаркаҳои солҳои пеш чӣ фарқ дорад?

-Имсол доираи иштирокчиёни мо васеъ гардида, ширкатҳои зиёде ба мо пайвастанд. Мо ҳамкориҳои худро бо ширкатҳои ватанӣ вусъат додем ва соли равон дар лоиҳаи "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон" зиёда аз 35 ширкати истеҳсолии ватанӣ шомил гардидаанд, ки маҳсулоти худро аз якум то чоруми май дар ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзон пешкаши мизоҷон мекунанд. Дигар ин ки мо барои осон намудани омадурафти шаҳрвандон ба ярмарка аз ду самт автобуси ройгон ташкил кардаем, ки шаҳрвандонро ба ярмарка меорад.

-Ба ҳамаи мо маълум аст, ки шумо ягона тарғибгари истеҳсолкунандагони ватанӣ дар чунин сатҳ мебошед ва чунин чорабинии муҳташамро баргузор менамоед. Барои амалӣ кардани ин лоиҳа, ки хеле кори сангин аст, киҳо ба шумо кумак мекунанд?

- "Тамғаи писандидаи Тоҷикистон" ва ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзони ватаниро "Тайрон" дар ҳамдастӣ бо Палатаи савдо ва саноати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ «ОИЛА» баргузор мекунад, ки мо аз онҳо сипосгузорем, зеро дар ин амали хайр дастгиру мададгори мо ҳастанд.

-Солҳои 2019-2021-ро Президенти кишвар "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон кардаанд. Оё дар ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзон, ба маҳсулоти ҳунармандон таваҷҷуҳ сурат гирифтааст?

-Бале. Мо зиёд кӯшиш кардем, ки ширкатҳоеро, ки ба истеҳсоли маҳсулоти дастӣ ва мардумӣ машғуланд, ба «Тамғаи писандидаи Тоҷикистон» ҷалб кунем ва ин талошҳои мо самар ҳам оварда. Дар ярмаркаи имсола аллакай як гурӯҳ занони ҳунарманд маҳсулоти дастӣ – ороишоти нуқрагинро ба мо пешкаш карданд, ки хеле зебост. Ва ин маҳсулот дар рӯзи ярмарка ҳам ба фурӯш гузошта мешавад. Ман фикр мекунам, ки мо бояд бештар ба ҳунарҳои мардумӣ, маҳсусан маҳсулоти дастие, ки занон омода мекунанд, таваҷҷуҳ зоҳир намоем, зеро дар тамоми гӯшаю канори кишварамон чунин занон хеле зиёданд. Онҳо бехтарин намунаҳои зардӯзӣ, гулдӯзӣ ва дигар ҳунарҳоро метавонанд ба бозор бароранд, аммо имконият надоранд. Барои тарғиби онҳо ва шинохта шуданашон дар байни мардум мо ин имконро ба онҳо фароҳам меорем.

-Аз нигоҳи шумо «Тамғаи писандидаи Тоҷикистон» ба иқтисодиёти кишвар чӣ таъсир расонида метавонанд?

-Барои иқтисодиёти кишвари мо, ки дар ҳоли рушд аст, «Тамғаи писандидаи Тоҷикистон» аҳамияти хеле калон дорад. Чунки лоиҳаи мо барои рушди соҳибкорӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан ба истеҳсолкунандаи ватанӣ мусоидат менамояд. Зеро маҳз истеҳсолоти бомаром аст, ки иқтисодиёти давлат пеш мераваду рушд мекунад. Мардум огоҳ мешаванд, ки истеҳсолкунандагони мо имкони таъмини маҳсулоти рӯзмарраро доранд, сифати маҳсулоти онҳо аз маҳсулоти хориҷӣ ҳеҷ қафомондагӣ надорад, баръакс баландтару ба саломатӣ фоидаовар аст.

Аҳамияти дигари «Тамғаи писандидаи Тоҷикистон» ба вуҷуд овардани рақобат миёни истеҳсолкунандагон мебошад. Рақобат омили асосии пешрафт аст. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулоти пастсифат ба бозори истеъмолӣ роҳ наёбад. Дигар ин ки зимни ярмаркаи мо ширкатҳои истеҳсолӣ бо кори ҳамдигар ошно шуда, табодули таҷриба менамоянд ва дар оянда ҳамкорӣ мекунанд.

-Шаҳнозабону, ташаккур, ки бо вуҷуди ташвишҳои баргузории чорабиниҳои калон вақт ёфта бо мо ҳамсуҳбат шудед. Ба ширкати шумо барор ва ба ярмаркаи дарпешбуда комёбӣ мехоҳам.

-Саломат бошед. Ман ҳам аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳамаи шаҳрвандон ва меҳмонони шаҳри Душанберо ба "Кохи Борбад" ба ярмаркаи фурӯши маҳсулоти арзон, ки аз якум то чоруми майи соли равон баргузор мегардад, даъват менамоям. Биёед, барои дастурхони рамазонии худ маҳсулоти арзон ва босифатро харидорӣ кунед.

Мусоҳиб
О.СОҲИБЗОДА,



ИЛМИ ТИБ БО

гузориш аз XIV-умин Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ



“Мубоҳисаи илмӣ: масъалаҳои мубрам, дастовардҳо ва инноватсия дар тиб”-таҳти ин унвон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (2019-2021) конференсияи байналмилалӣ доир гардид. Ҳадаф аз баргузории конференсия густариш додани равобити илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои мухталиф мебошад.

Гузаронидани XIV–умин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо иштироки намояндагони хориҷӣ доир гашт.

Дар ифтитоҳи ҳамоиш ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ зикр кард, ки баргузории конференсияи солонаи илмӣ-амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни ДДТТ ба ҳукми анъана даромада, дар рушди илми тиб ва ҷалби ҷавонон ба корҳои илмию эҷодӣ нақши босазо мегузорад. Зеро мубодилаи афкор, муҳокимаи дастовардҳои илмӣ ва таҳлили он омили тавлиди ғояҳои нави илмӣ, инкишофи эҷодиёту навоварӣ ба ҳисоб меравад. Мавзӯи конференсияи имрӯза низ маҳз ба инҳо-мубоҳисаи илмӣ, масъалаҳои мубрам, дастовардҳо ва навовариҳо дар тиб бахшида шудааст.

Зикр гардид, ки солҳои охир на танҳо шумораи хоҳишмандон барои иштирок дар конференсия меафзояд, балки географияи он васеъ шуда, сифати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бехтар шуда истодааст.

Зимни конференсия **Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



қайд кард, ки солҳои охир тавассути ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд бо муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олии тиббии хориҷӣ, роҳбарияти ДДТТ тавонистааст, ки дар масъалаи фарогирии ҷавонони соҳибистеъдод ба комёбиҳои навтарини тиббӣ ҷаҳонӣ ва дастовардҳои назаррас ноил гардад. Танҳо давоми соли таҳсили ҷорӣ 29 нафар омӯзгорони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳ муддати аз се то шаш моҳ дар таълимгоҳҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, инчунин, 22 нафар донишҷӯёни хориҷӣ дар ДДТТ маҳорати касбии худро такмил додаанд.

Акнун аз бемории дил камтар мемиранд

Ғоибзода Алиҷон Ҷӯра, Президенти Академияи илмҳои тиб, доктори илмҳои тиб, профессор



таассуроти хешро аз баргузории конференсияи донишгоҳ ва пешравии илми тиб чунин баён намуд:

-Солҳои охир гарчанде дониши донишҷӯён мисли пештара ҳам набошад, лекин аксарияти онҳо ояндаи худро дуруст интихоб кардаанд. Дар байни донишҷӯёни мо дар ичрои корҳои илмӣ хоҳишмандон зиёданд. Солҳои пеш донишҷӯён хуб таҳсил мекарданд, 90 фоизи онҳо дониши хуб доштанд, лекин аз байни онҳо донишҷӯёни ба корҳои илмӣ машғулшаванда кам буданд. Шояд он замон шароит набуд, аммо имрӯзҳо барои донишҷӯён аз тамоми кишварҳои хориҷӣ китобҳо, дастурҳои илмӣ-таълимӣ, натиҷаҳои асосии корҳои илмӣ дар марказҳои донишандӯзӣ, масалан Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, Донишгоҳи баъдидипломии Академияи илмҳои тиб тамоми шароит бо ин сарчашмаҳо муҳайё шудааст. Онҳо метавонанд, бе ягон мушкилӣ бо истифода аз он корҳои илмӣ анҷом диҳанд. Инчунин, сабаби зиёд гардидани хоҳишмандон ҷиҳати ичро кардани корҳои илмӣ ин заминаи техникии беморхонаҳо мебошад. Тақрибан дар 70 дарсади беморхонаҳое, ки дар кишвар фаъолият мекунанд, бо технологияҳои инноватсионӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотиро хеле осон мегардонад. Масалан, солҳои пеш ҳар кас имкон надошт, ки барои як беморро ташхис кардан ва натиҷаи онро ба даст овардану дар кори илмӣ истифода бурдан, зеро беморонро ба хориҷи кишвар мебурданд ва натиҷаи онро истифода мекарданд. Имрӯз олимони мо имконият доранд, ки аз кишвар дур нарафта, ҳамаи ташхисро бо истифода аз технологияи муосир, ҳам дар самти озмоишгоҳҳо, ҳам дар самти муоина ва табобат гузаронанд.

Як нуктаи муҳимро қайд намоям, ки ин барои хонандагон исботи пешравии технология дар ҷумҳуриамон мебошад. Бемории ишемияи дил. Ин беморӣ дар натиҷаи танг шудани рагҳои хунгарди дил, яъне таъминнокии дил аз хун дардҳо, нафастангӣ пайдо мешавад, ки бемор ягон фаъолият карда наметавонад. Агар табобат нагирад, он ба сактаи дил оварда мерасонад, ки аз 30 то 50 фоизи фавтро нишон медиҳад. Солҳои пеш бо усулҳои инноватсионӣ табобат кардани онро надоштем, аз 5 бемор то 2 нафар мефавтиданд. Имрӯз дастгоҳе дорем, ки дар марҳилаҳои аввали беморӣ, ҷойи тангшуда ё басташудаи рагҳои хунгарди дилро муайян карда, ба воситаи махсус балонҳо васеъ карда мешавад. Яъне, ангеография карда, дар он ҷо стен мемонем, ки ин амал бе амалиёти ҷарроҳӣ анҷом меёбад. Ин тақрибан 45-50 дақиқа анҷом меёбад ва беморро баъд аз ду рӯз ба хона ҷавоб медиҳанд. Ҳолатҳое мешавад, ки стен мондан номумкин аст, мутахассисони мо аз пои бемор рагҳои лозимӣ гирифта, ба рагҳои хунгарди дил иваз карда мешавад ва онҳо солҳои дароз фаъолияти пештараашонро идома медиҳанд.

Асабҳои сегонаи ҷоғу рӯй. Киҳо ба он гирифтор мешаванд?

Довудшо Қурбонов, донишҷӯи курси 6-уми факултаи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дар рафти конференсия вобаста ба кори илмии анҷомдодааш дар мавзӯи “Бемории асабҳои сегонаи ҷоғу рӯй дар байни аҳолии Тоҷикистон” бо маърӯза баромад кард. Ӯ қайд кард, ки аввалин маротиба дар асри XXI табиб “Aretaeus” дар бораи дардҳои хурӯҷкунанда ва кунди як тарафи рӯй маълумоти мукаммал дода буд. Тибқи маълумоти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ аз бемории асаби сегонаи ҷоғу рӯй аз рӯйи 10 000, аҳолӣ тахминан 2-4 нафар азият мекашанд. Дар сатҳи ҷаҳонӣ бошад, зиёда аз як миллион нафар гирифтор шудаанд. Аз рӯи ҳисоботи кафедраи ҷарроҳии торҳои асаби рӯй аз соли 2017 то соли 2019-ум 14 бемор бистарӣ ва амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шудааст. Чунин беморон тамоми муоинаҳое, ки барои бемории онҳо равона шудааст, аз қабили шикояти бемор, томография (МРТ) ва муоинаи мағзи сар (КТ), инчунин, таҳлилҳои озмоишӣ гузаронида мешавад. Дар муқоиса миёни занону мардон, занҳо бештар гирифтори ин беморӣ мешаванд. Масалан, тадқиқот нишон додааст, ки аз 8,67 фоиз занон ва 4,33 фоиз мардон будаанд.



Ҷон Ҷу Ҷэ, шаҳрванди Кореяи Ҷанубӣ кори илмиашро таҳти роҳбарии доктори илмҳои тиб, профессор Ҷамолиддин Абдуллоев, директори Муассисаи давлатии “Маҷмааи тандурустии Истиқлол” анҷом медиҳад. Ӯ дар конференсияи илмӣ бо забони тоҷикӣ ҳарф зад. “Шодам, ки дар чунин як конференсияи бузург иштирок мекунам. Ҳадаф аз баргузории чунин конференсия дастгирии олимону донишҷӯён мебошад, ки миннатдории худро ба раёсати донишгоҳ баён мекунам. Тоҷикистон дорои боду ҳавои тоза мебошад. Аз ин рӯ, дар корҳои илмии донишҷӯёни олимони ҷавони донишгоҳ, ки бо мақсади пешрафти соҳаи тандурустӣ равона шудааст, муваффақият мехоҳам.

Конференсия чӣ дод?

Гарифулина Лилия Мурадовна, намоянда аз Донишгоҳи тиббии шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон андешаҳояшро чунин гуфт:



-Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон аз донишгоҳҳое маҳсуб меёбад, ки дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб сахми арзанда дорад. Зеро дар ин таълимгоҳ бо дастгоҳҳои замонавӣ усули муосири таълим ва шароитҳои инноватсионӣ фароҳам оварда шудааст. Маҳз чунин шароити таҳсил аст, ки номзадҳои илм дар самтҳои гуногуни тиб рӯ ба афзоиш аст.

Хуршед Ғаниев, аспиранти кафедраи бемориҳои дарунии беморхонаи №1, ДДТТ:



-Ҳамасола дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон конференсияи илмӣ барои олимони ҷавон баргузор мегардад. Мавзӯи конференсия, ки ба дастовардҳои илмии олимони ҷавон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббӣ бахшида шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки дастгирии ҳукумати кишвар, раёсати донишгоҳ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор зиёд аст. Дар чанд соли охир конференсияи илмӣ дар арсаи байналмилалӣ гузаронида мешавад. Ин ба он хотир аст, ки олимони ҷавони тоҷик бо олимони давлатҳои дигар ҳамкорӣ намоянд ва бо корҳои илмии якдигар ошно шаванду дастовардҳои илмии худро ба ҷамъияти илмии муосир пешниҳод намоянд. Бо дастгирии роҳбарияти донишгоҳ солҳои

УСУЛИ ИННОВАТСИОНӢ

дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино



охир чунин конференсияҳо зиёд гузаронида мешаванд. Олимони ҷавон муҳите пайдо карда истодаанд, ки ба илми кунунии Тоҷикистон ва илми ҷаҳонӣ ҳамроҳ шаванд ва дастовардҳои худро ба ин ҷамъият пешниҳод намоянд. Конференсия аз чанд ҷиҳат самара овард. Якум, дар натиҷа корҳои илмӣ тақрибан 15-20 фоиз зиёд шуд. Дуюм, истифодаи дастовардҳои технологияҳои муосир низ рушд карда, якчанд корҳои илмиро дар бораи коркард ва татбиқи технологияи муосир дар илми муосир бахшида шуд. Масалан, яке аз корҳои илмӣ коркард ва татбиқи барномаи инноватсионии таълимӣ барои омӯзиши фанҳои тиббӣ, барномаи ташхисӣ ва ташхисии диференсиалии бемориҳо бо истифодаи интеллекти сунъӣ, ки айни замон дар соҳаи гастроэнтерология истифода шудааст ва барои истифодаи дигар соҳаҳо омӯзиш рафта истодааст.



Tajikistantimes.com

Илми тибби тоҷик тӯли солҳои охир ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, дастовардҳои илмии олимони соҳаи тандурустии мамлакат дар дохил ва хориҷи кишвар баҳои баландро сазовор гардидаанд.

додӣ баромад мекунем. Ин гуна конференсияҳо имкон фароҳам меорад, ки дониши худро сайқал диҳем.


Олимони ДДТТ бештар мешаванд

Сайфиддин Давлатзода, муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон зимни суханронии хеш қайд кард, ки тандурустӣ яке аз соҳаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Ҳоло дар 40 макотиби таҳсилоти олӣ тақрибан 200 000 донишҷӯ таҳсили илм мекунанд. Боиси хушнудист, ки сол то сол шумораи корҳои илмӣ аз тарафи олимони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои кишвар, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон майли зиёдшавӣ дорад. Вазорати маориф ва илми кишвар низ кӯшиш бар он дорад, ки тамоми шароитро барои анҷом додани корҳои илмию тадқиқотӣ фароҳам оварад.





Исломиддин Юнусов, доктори илмҳои тиб, директори Маркази ҳуҷайрадармонӣ:



-Дар ин конференсия баробари олимони ҷавони ватанӣ аз хориҷа, ба мисли Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон олимон бештар ҷалб шуданд. Чунин конференсияҳо дар хориҷи кишвар ҳам баргузор мегардад ва аз кишвари мо олимони ҷавон даъват мешаванд. Хусусан, банда ҳар сол дар конфронсе, ки дар Русия баргузор мегардад, ҳамроҳи олимони ҷавон иштирок карда, бо маърӯзаҳо дар бахшҳои осебшиносӣ, ҳуҷайрадармонӣ, радтӯли солҳои охир ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, дастовардҳои илмии олимони соҳаи тандурустии мамлакат дар дохил ва хориҷи кишвар баҳои баландро сазовор гардидаанд. Бояд гуфт, ки дар кори конференсия дастовардҳои олимону табибони маъруфи кишвар ва хориҷӣ, олимони ҷавону донишҷӯён аз Тоҷикистон, Полша, Россия, Кореяи Ҷанубӣ, Украина, Беларус, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон манзури доираи васеи иштирокчиён гардида, таҳлилу таҳқиқи ма-

соили таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар тиб, дастовардҳои соҳаҳои мухталифи илми тиб, технологияи муосир дар тибби назариявӣ ва амалӣ, татбиқи дастовардҳои навини илмӣ дар раванди таҳсилот баррасӣ гардиданд. Дар конференсияи байналмилалӣ зиёда аз 350 маърӯзаи илмӣ, аз ҷумла, 62 маърӯза аз ҷониби намояндагони кишварҳои хориҷӣ ба самъи иштирокдорон расонида шуда, атрофи онҳо мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар конференсияи мазкур мувофиқи барнома чунин масоил матраҳ гардид:

1. Ҷанбаҳои афзалиятноки рушди илми тиб;

2. Технологияи муосир дар тибби назариявӣ ва амалӣ;

3. Таҳқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ дар тиб;

4. Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар раванди таҳсил.

Ҳамин тавр, 366 маърӯзаи илмӣ, аз ҷумла 62 маърӯза аз ҷониби намояндагони хориҷӣ дар ҷаласаи пленарӣ ва 16 ҷаласаҳои сексионии конференсия бо ширкати беш аз 90 нафар олимону донишҷӯёни 17 муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва табобатии 9 кишвари хориҷӣ таҳлилу баррасӣ гардид. Маводҳои конференсия дар ҳаҷми 1334 фишурдаи илмӣ, аз ҷумла, 493 мавод аз ҷониби намояндагони кишварҳои хориҷӣ дар маҷмӯаи алоҳида ҷамъоварӣ ва нашр гардида, ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мешавад. Дар анҷоми конференсия бо мақсади истифодаи дастовардҳои илми тибби муосир дар амал ва раванди таълим резолютсияи конференсия қабул карда шуд.

Маҳинаи ДАВЛАТ,
“Тоҷикистон”





ГИМОФИЛИЯ

чӣ беморӣ асту беморонаш чӣ мушкилӣ доранд?

Гемофилия яке аз бемориҳои хун маҳсуб меёбад, ки бо сабаби норасогии лахташавии хун инсон азият мекашад. Дар баъзе ҳолат онро бемории ирсӣ мегӯянд. Намудҳои гуногуни бемории гемофилия мавҷуд аст, ки ҳар яки он хусусиятҳои худро дорад.

Масалан, дар намуди гемофилияи А норасоии сафеда дар хун мебошанд. Чунин намуди беморӣ дар 80-90 дарсади беморон дида мешавад. Дар ҳолатҳои захм бардоштан, ҷарроҳӣ кардан хавфи зиёди хунравии вуҷуд дорад.

Ҳамасола дар кишвари мо 17 апрел Рӯзи гемофилҳо ҷашн гирифта мешавад. Имсол низ бахшида бо ин сана дар Маркази шаҳраки тиббӣ чунин ҷамъомад баргузор гашт, ки дар он намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва аҳолии ҶТ, мутахассисони хуншинос иштирок доштанд.

Дар намуди гемофилияи В норасогии факторҳои зардобаи хун 9 дида мешавад.Гирифторони гемофилияи С бошад, аз норасогии факторҳои хун 11 азият мекашанд ва онҳоро метавон ирсӣ номид. Лекин дар айни ҳол ин намуди беморӣ ба қайд гирифта намешавад. Танҳо ду намуди он А ва В бештар вомехӯрад.

АЗИЗИ НАҶИБ, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии гемофилҳои ҷумҳурӣ, вобаста ба мушкилиҳо ва пешрафтҳои ҷойдошта дар суҳбат ба мо чунин гуфт:

-Давоми 3 сол аст, ки мо ҳам Рӯзи умумиҷаҳонии беморони гемофилияро қайд мекунем. Ҳарчанд ин рӯзро ид гуфтан ғайриимкон аст, мо онро рӯзи ҳамдилӣ ва ҳамдигарфаҳмии бародарони ҳамтақдири хеш меҳисобем. Мо як мушкили дорем, ки ин ҳам қабул кардани Барномаи миллӣ оид ба беморон мебошад. Чанд сол пеш қайд карда будам, ки бояд намояндагонии дафтари асосии ин ташкилот, ки дар Канада мебошад, моро расман узви созмон намоянд. Онҳо беморони гемофилиядоштаи тоҷикро қабул карда , сертификат доданд. Кумакпулӣ барои беҳтар намудани шароити беморони мазкур 700-800 ҳазор сомонӣ расониданд. Шумораи беморон дар сатҳи кишвар 630 нафар расман ба қайд гирифта шудааст, ки қисми зиёди он дар вилояти Хатлон, яъне 170 нафар, вилояти Суғд 140 нафар ва боқимонда аз ноҳияҳои тобеи марказ мебошанд. Мақсад аз ворид шудан ба ҳайати ташкилотҳои байналхалқӣ, пеш аз ҳама, ба роҳ мондани таҷрибаи онҳо дар самти табобат ва роҳҳои пешгирии ин бемории ирсӣ аст.

Ба ҳама дарду ғаму хеш нигоҳ накарда, нигоҳи ҳамаи беморони гемофилия ба зиндагӣ мусбист, чунки ҳар яке мо таваҷҷуҳи Давлату Ҳукуматро эҳсос менамоем. Мо бовар дорем, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаргиз моро бо дарду доғи хеш танҳо нахоҳад гузошт ва Ҳукумати Тоҷикистон низ қодир аст, ки кафолати пурраи табобати беморони гемофилияро таъмин намояд.

ПУПАНАКИ НОН

чӣ таъсири манфӣ дорад?

Дар аксари маҳсулоти хӯрока, сабзшавӣ ва ё сафедшавӣ, ки онро дар тиб замбурӯғ мегӯянд, дида мешавад. Он дар ҳолати номусоид набудани ҳаво нисбат ба маҳсулот пайдо мешавад.



Марианна Грейвли, намояндаи Вазорати кишоварзӣ дар ИМА вобаста ба ин мавзӯъ гуфтааст, ки мутахассисони соҳа баъд аз тадқиқотҳо ба хулосае расиданд, ки нонҳое, ки замбурӯғ пайдо мекунанд, истеъмол накунед ва ҳатто ҷои тозаи онро низ бурида нагиред, зеро ҳангоми буридан решаи занбурӯғ ба осонӣ дохили нон шуда, зарарнокиаш боқӣ мемонад.

Сабзшавии нон ё дигар маҳсулоти ғизоӣ, аз замбурӯғҳои гуногун пайдо мешаванд ва дар қаъри он реша медавонад, ки онро танҳо дар зери микроскоп дидан мумкин аст. Чашми муқаррарӣ имкони дидани онро надорад. Ҳангоми харид кардани маҳсулот, як нуқтаи сабзро мушоҳида кардед, бояд донед, ки аллакай маҳсулоти дохили халтаи печонидашударо истеъмол кардан мумкин нест.

Замбурӯғ ба саломатӣ хатар дорад?

Баъзе намудҳои сабзшавӣ вуҷуд дорад, ки истеъмол кардани онро иҷозат медиҳанд. Мисоли равшан панирро гирем, агар дар се намуди он пайдо шудани сабзшавӣ хатар надорад, вале дар нон хатари ҷиддӣ барои организм дорад. Чунин ҳолат метавонад дар узвҳои роҳҳои нафаскашӣ алергия ва баъзе мушкилиҳои дигарро биёрад. Ҳатто чунин нонро дар салафанҳои полиэтиленӣ печонида, баъд партофтан зарур аст, ки ба кӯдакон ва ҳайвонот дастнорас бошад.

Дар маҳсулоти мулоим ба монанди гӯшт, мураббо сабз ё сафедшавиро дидед, онро партоед. Лекин замбурӯғе, ки дар маҳсулоти сахт, ба монанди ҳасибҳо, панирҳо, сабзӣ, занҷабили булғорӣ ва карам имконияти бурида партофтанро дорад. Шуморо зарур аст, ки каме чуқуртар аз ҷои сабз ё сафедшуда буред, то ки қабати замбурӯғдошта ба пуррагӣ тоза шавад.

Чӣ гуна маҳсулотро нигоҳ доштан зарур аст?

Роҳи аз ҳама беҳтар нигоҳ доштани маҳсулот яхдон мебошад. Ҳамеша ба муҳлати истеъмолиаш аҳамият диҳед, тавсия медиҳанд мутахассисон. Ду намуди замбурӯғҳо, захрдор ва безахр мавҷуд аст. Вақте дар маҳсулот замбурӯғ медамад, безахр аст ва аз байн гузаштани муддати на чандон тӯлонӣ ҳам захрдор ва ҳам хатарнок мешавад. Ногуфта намонад, ки истеъмоли сабзшудаи нон ба инсон зарари ҷиддӣ дорад. Тибқи меъёрҳои ҷаҳонӣ муҳлати истифодаи нон 3 рӯз аст.

Чӣ таъсири манфӣ дорад?

Истеъмол кардани нони замбурӯғи ранги сиёҳ ё хокидошта метавонад захролудшавии организмро ба вуҷуд орад, зеро ин замбурӯғҳо дар ҷигар ва рӯдаҳо хориҷшавии моддаҳои захрдорро ба миён меорад. Кашишхӯрии хун дар тамоми организм кам шуда, ба ҷигар ва гурдаҳо кам мерасад, масъунияти баданро паст карда, ба системаи асаб таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин метавонад сулфа ва асуламалҳои аллергикиро ба вуҷуд орад. Шахс худро бемадор ҳис карда, қайкунӣ, дарди сар ва баъзан дар пӯст доначаҳо пайдо мешавад. Дар ин сурат табобати хонагиро интизор нашуда, сари вақт ба духтур мурочиат намоед.

Табобати РОЙГОН

Пешгирӣ кардани бемориҳо нисбат ба муолиҷа осон, камхарҷ ва муфид аст. Сокинонро зарур аст, ки қоидаҳои пешгирӣ аз бемориҳо, расонидани ёрии аввалин ба бемор, риоя ва ҳифзи беҳдошти санитарӣ огоҳӣ дошта бошанд.

Ҳамкории волидон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати санитарӣ, масъалаҳои нигоҳубини кӯдакон ва риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ бо табиби оилавӣ ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ манфиатбахш аст. Баланд бардоштани фаҳмиши волидайн ҷиҳати истифодаи бамавриди нӯшокиҳои регидрататсионӣ, хусусан, Регидрон – нӯшонидани он дар шароити хона омили асосии пешгирии фавти кӯдакон аз бемории дарунравӣ дар ҳама сатҳ мебошад. Синамаконии табиӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак то 2-солагӣ, ҳадди ақал то синни 6-моҳагӣ омили дигари нирӯманд гардидани тифлон ва эмин гардидани онҳо аз бисёр бемориҳо ба ҳисоб меравад.

Волидонро зарур аст, ки ҳангоми мушоҳидаи ягон нишонаи аввалини беморӣ дар кӯдакон , ба марказҳои саломатии наздиктарин мурочиат намоянд. То синни панҷсолагӣ табобати ройгон расонида мешавад. Мурочиати саривақтии волидайн барои эмгузаронии кӯдак гарави пешгирӣ аз бемориҳои сирояти идорашаванда ва сари вақт огоҳ кардани табибон ҳангоми зуҳури аломатҳои бемориҳо дар аҳли оила гарави табобат дар ҳама марҳилаҳо маҳсуб меёбад. Агар ҳар яки мо табибон, вазифаи хешро дар назди давлату ҷамъият сарбаландона ичро намоем, аминам, ки мардуми мо ба мушкилоти зиёду ҷиддӣ дучор нахоҳанд гашт.

Наҷмиддин САФАРОВ,
мудири шуъбаи 3-юми тибби оилавӣ,
Шаҳло МАНЗАРШОЕВА,
табиби оилавии дараҷаи якум

Саволҳои худро ба вайбери 918462711 ё ба почтаи электорнии bonu8500@mail.ru фиристед.

Масъули саҳифа М.ДАВЛАТ



Арзи СИПОС баъди ҳафт СОЛ

Дер боз дар бораи хоксорӣ ва инсони заминӣ будани академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ навиштан мехостам. Аммо ҳеҷ баҳона пайдо намегардид.



Аз дигар ҷониб дар ҳамин шабурӯз, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва инетернетӣ пур аз хабарҳои доғу манфӣ мебошанд, навиштани матлаби мусбат ва аз хубиҳои фарде ёдоварӣ кардан, метавонад дар доираҳои гуногун шахсро “лаганбардору хушомадгӯ” муаррифӣ намояд.

Пешопеш бояд арз намоям, ки бо устод Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ на хешутаборӣ дораму на ҳамшахрем ва на ягон бародару хоҳарам дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил мекунад. Танҳо назди вичдону имони худ қарз мешуморам, ки он дастгирию ғамхорие, ки насбати ҷавонону донишҷӯён арзонӣ медоранд. 7 сол қабл банда низ аз он бархӯрдор гардидам, ёдоварӣ карда бошам.

Хатми мактаби миёна ба поён расиду озими пойтахти мамлакат- шаҳри Душанбе гардидам ва интихобам сари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон уфтод.

Қабл аз дохил гардидан факултетҳои донишгоҳро амиқан омӯхта, ба хулосае расидам, ки дар он шабурӯз таҳсил дар риштаи ҳуқуқшиносӣ бароям хеле душвор мебошад, гарчанде ин орзуи деринаам буд. Бинобар ин, факултаи журналистикаи донишгоҳро интихоб карда, бо ихтисоси рӯзноманигори байналмилалӣ онро хатм намудам. Аммо орзуи таҳсил дар факултети ҳуқуқшиносӣ маро тарк намекард.

Соли 2012. Ба чадвали номгӯи ихтисосҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маълумоти дуюм ва магистратура шинос шуда, пайи ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ гардидам. Тамоми ҳуҷҷатҳо анҷом шуд, аммо мушкили асосӣ набудани квотаи таҳсили ройгон ва ё ба қавле гурӯҳи буҷавӣ буд. Тамоми ихтисосҳо барои маълумоти дуюм ва магистратура ба тариқи шартномавӣ сурат мегирифт.

Кӯшишҳои зиёд барои буҷавӣ таҳсил намудан бенатиҷа анҷом меёфт. Дари утоқи чанд нафар шахсони масъул ва хеле дастдарозро барои таҳсили ройгон даҳҳо маротиба кӯфтам. Хоҳиш кардам. Аммо ҳамеша як ҷавоб буд: “Имконият надорад”. Маблағи ихтисоси интихобкардаи ман дар як сол бештар аз ду ҳазор доллари амрикоиро ташкил медод, ки дар он шабурӯз хеле гарон буд. Амалӣ гардидани орзу ва соҳиби маълумоти ҳуқуқшиносӣ гардидан кори осону сода набуда, маро водор мекард, ки умедро аз даст надода, талошҳои худро то ба мақсад расидан, идома бахшам.

Дар баробари банда якчанд нафар ихтисоси ҳуқуқшиноси байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро интихоб намуда, шартномаи онро супориданд. Фармони ҳама барои қабул гардидан ба донишгоҳ баромад, ба ҷуз ман.

Пас аз ин ҳодиса умедамро пурра аз таҳсил канда, ният кардам, ки пайи чустуҷӯи кори доимӣ мегардам.

Барои ба кор қабул гардидан якчанд номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маълумотномаю диплом зарур мебошад. Чунин ҳуҷҷатҳоро бо замимаи дипломи рӯзноманигорӣ қаблан барои идомаи таҳсил ба донишгоҳ супорида будам.

Бо мақсади бозпас гирифтани ҳуҷҷатҳо ба донишгоҳ рафтам. Ғайриинтизор пеш аз ҳуҷҷатҳоро пурсидан, шахси мутасаддӣ бо садои норозиёна эътироз кард: “Боз омадӣ? Мо фармони туро бароварда наметавонем! Имрӯз қабули ректор аст, худат рафта ҳал кун.”

Хотира фиребам надиҳад рӯзи чаҳоршанбеи ҳафта буд. Ҳарчанд аз идомаи таҳсил дилам “сард” шуда бошад ҳам, ба дил гуфтам, ки як бори дигар кӯшиш намуда, аз назди ректор мегузарам ва агар қабул нашудам, бо хотири ҷамъ корро шурӯъ карда, дигар ёде аз донишгоҳ намекунам...

Дар навбати қабули ректор 48-ум нафар маро ба қайд гирифтанд. Профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ дар толори Шӯрои олимони донишгоҳ, ки дар қабати якуми бинои асосӣ ҷойгир аст, бо як ҳайати баландпояи донишгоҳ корафтодагонро бо навбат қабул намуда, ба арзашон гӯш медод. Яке бо табассум, дигаре бо нидои раҳмат ва савумӣ бо чеҳраи гирифтаю рангпарида берун мешуданд. Ин ҳолат дар вуҷуди ман ҳам боварию эътимод ва ҳам тарсу воҳимаро эҷод мекард. Ниҳоят навбати ман расиду ёрдамчии ректор барои ворид шудан маро даъват кард.

Баробари ворид шудан, устод Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ бо як табассуми ба худашон хос ба ман ишораи нишастан карда, суол гузоштанд, ки чӣ мушкил дорам?

Арзамро ҳам хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ пешниҳод намудам: “Устоди азиз! Мехоҳам таҳсиламро дар факултети ҳуқуқшиносӣ идома диҳам. Аммо бинобар набудани гурӯҳи буҷавӣ имкони қабул нест. Маблағи гурӯҳи шартномавӣ бароям хеле гарон асту имкони таҳсил дар он гурӯҳро надорам.”

Профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, айнакашонро ба чашм монда, хеле бодиққат ва чеҳраи чиддӣ аризаро хонда, каме хомӯш монданд. Сипас, оромона шарҳ доданд, ки квота барои таҳсили ройгон ё буҷавиро Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо инобати талаботи бозор муайян мекунад. Ва ваъда доданд, ки ба вазорат мактуби расмӣ ирсол менамоянд ва дар сурати иҷозати вазоратро дарёфт намудан, ҳатман маро ба донишгоҳ тариқи буҷавӣ қабул хоҳанд кард.

Устод хеле чиддӣ таъкид карданд, ки дар сурати фармон баромадан, бояд аз худ ахлоқи намунавӣ нишон дода, донишгоҳро бо баҳои хубу аъло хатм ва оянда дар пешрафту ободии давлат хидмат намоям.

Ҳамин тавр, ба ваъдаи худ вафо карда, фармони ба тариқи буҷавӣ таҳсил намудани банда дар донишгоҳ баромад ва онро бо баҳои аъло хатм намудам, ки ба устод баъди ҳафт сол арзи сипос менамоям.

Ёдоварӣ аз ин дастгирӣ ба он хотир аст, ки Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ худ ин зинаҳоро амалан тай карда, дарди ҳар як донишҷӯро эҳсос менамояд. Ӯ бо меҳнату заҳмати ҳалол ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, хоксорию фурӯтанӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа соҳиби обрӯю эҳтиром гардидааст.

28 апрел Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия, доктори илмҳои филологӣ, профессор ба синни мубораки 60 қадам мегузоранд.

Ба ин муносибат устодро самимона табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароямон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд ва дар кору фаъолияти касбиашон муваффақиятҳои мудавомро таманно менамоям.

Наврӯз ҚУРБОНЗОДА,
як тан аз хатмкардаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлудномаи Тоҷикистон

24 АПРЕЛ

Орозо Исмонов (1934), 85-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Натан Хаимов (1914-1994), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Салимбой Ҳасанов (1949), 70-солагии зодрӯзи санъатшинос.

25 АПРЕЛ

Тоҷиниссо Азизӣ (1954), 65-солагии зодрӯзи журналист.

Улуғназар Аҳмадов (1909-1989), 110-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Абдулло Иброҳимов (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Борис Кияновский (1904-1986), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Абдуғанӣ Нурматов (1934), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Яраш Пӯлодов (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

Мизроб Холов (1959), 60-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Шаҳобиддини Ҳақназар (1954), 65-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

26 АПРЕЛ

Соҳибназар Бекназаров (1934), 85-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Далер Лоҳутӣ (1934), 85-солагии зодрӯзи филолог, файласуф, тарҷумон.

27 АПРЕЛ

Камолиддин Баротов (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Александра Лашкарёва (1929), 90-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи кишоварзӣ.

Майя Сатторова (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи математика.

Евгений Соколов (1929), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Хосият Тоҷибоева (1949), 70-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

28 АПРЕЛ

Рачабмат Амиров (1954), 65-солагии зодрӯзи санъатшинос, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Муҳамадюсуф Имомов (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, академики АИ Тоҷикистон.

Қайлаӣ Қодиров (1939-2006), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Аҳмадшо Маҳмадшоев (1954-2001), 65-солагии зодрӯзи нависанда.

Маҳмад Раҳмонов (1924-2007), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

29 АПРЕЛ

Файзулло Абдуллозода (1909-1966), 110-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Кенҷа Баротов (1919-1991), 100-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Раъно Султонова (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи иқтисод.

Баҳодур Ҳомидов (1944), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

Шоҳонаи Сулаймон (1969), 50-солагии зодрӯзи шоира.

30 АПРЕЛ

Солеҳ Болтаев (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Нурмуҳаммад Кабирова (1969), 50-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Николай Киевский (1924-1987), 95-солагии зодрӯзи роҳбари оркестри ҳарбӣ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Қобилҷон Мансуров (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед. **ТЕЛ: 238-54-51**

ҶАЗОИ ДУМОҲА

ба Ҷаҳонпаҳлавонони тоҷик Беҳрӯзи Хоҷазода ва Хушқадам Хусравов

Беҳрӯзи Хоҷазода ва Хушқадам Хусравов, паҳлавонони номдори тоҷик, аз ҳаққи ширкат дар ҳама гуна мусобиқаҳое, ки таҳти сарпарастии Федератсиони байналмилалии ҷудо (IJF) баргузор мешавад, ба муддати ду моҳ маҳрум шуданд.



Дар бораи ин тасмими худ Федератсиони байналмилалии ҷудо дар як номаи расмӣ президенти Федератсиони ҷудои Тоҷикистон Нурулло Лоиқвро огоҳ намудааст.

Бинобар навиштаи шореҳи варзиши «Озодӣ» Нарзулло Латифов , дар ин нома зикр шудааст, ки Беҳрӯзи Хоҷазода ва Хушқадам Хусравов ба иллати ширкат дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба самбо дар соли 2018 бе мувофиқа бо Федератсиони байналмилалиии ҷудо ва иҷозати IJF ҷазо дода шудаанд. Ҳар ду ба муҳлати ду моҳ аз ҳақи ширкат дар ҳама гуна мусобиқаҳои IJF маҳрум гаштанд.

Ёдовар мешавем, Беҳрӯзи Хоҷазода соли 2017 дар Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо дар вазни зери 74 кило дар шаҳри Сочии Русия медали тилло ба даст оварда, пас аз 42 сол корнамоии Ҷаҳонпаҳлавон Саидмуъмин Раҳимовро такрор карда буд. Хушқадам Хусравов бошад, соли 2018 дар шаҳри Бухарести Руминия бо медали тиллои Чемпионати самбои ҷаҳон дар вазни зери 62 кило ва унвони Ҷаҳонпаҳлавонро сарфароз шудааст. Инчунин, Хоҷазода порсол барандаи медали биринҷии Чемпионати самбои ҷаҳон гардидааст.

Моҳи марти имсол Беҳрӯзи Хоҷазода дар мусобиқаи байналмилалии Ekaterinburg Grand Slam 2019 оид ба ҷудо, ки дар шаҳри Екатеринбурги Русия доир шуд, медали биринҷӣ гирифт. Ҳамакнун ин гуштигири номдори тоҷик наметавонад дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷудои Осиё, ки рӯзҳои 20-23-юми апрел дар шаҳри Фуҷайраи Амороти Муттаҳидаи Араб доир мегардад, иштирок намояд.

Хушқадам Хусравов ҳарчанд дар мусобиқоти байналмилалии ҷудо хеле кам ширкат меварзад, қайди номаш дар феҳристи ҷудокорони ҷаҳон дар системи IJF ӯро аз ҳақи иштирок дар мусобиқаҳои байналмиллалии ҷудо ба муҳлати ду моҳ маҳрум месозад.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН-2019

Тақвими бозиҳои даври аввали байни дастаҳои Лигаи олии кишвар оид ба футбол

Лигаи футболи Тоҷикистон Тақвими бозиҳои дудавраро дар Чемпионати 28-уми Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олии кишвар барои мавсими соли 2019 интишор кард. Ҳоло тақвими бозиҳои даври аввали чемпионатро манзури мухлисон мегардонем.

Иштирокчиёни чемпионат:

1. «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода)
2. «Кӯктош» (Рӯдакӣ)
3. «Панҷшер» (Ҷалолиддин Балхӣ)
4. «Хуҷанд» (Хуҷанд)
5. «Хатлон» (Бохтар)
6. «Истаравшан» (Истаравшан)
7. КМВА «Помир» (Душанбе)
8. «Истиқлол» (Душанбе)

Суперҷоми Тоҷикистон

29 МАРТ

«Истиқлол» – «Хуҷанд» – 3:0

Ҷоми КФО-2019

Гурӯҳи «D». Даври 1-ум

3 апрел

«ИСТИҚЛОЛ» (ТОҶИКИСТОН) – «ХУҶАНД» (ТОҶИКИСТОН) – 3:0

ДАВРАИ АВВАЛ

Даври 1-ум

6 АПРЕЛ

2. «Кӯктош» – КМВА «Помир» – 2:0
3. «Панҷшер» – «Истаравшан» – 2:1.

7 АПРЕЛ

1. «Истиқлол» – «Регар-ТадАЗ» – 4:1
4. «Хуҷанд» – «Хатлон» – 1:0.

Даври 2-юм

11 АПРЕЛ

5. «Истиқлол» – «Хатлон» – 3:1
6. «Истаравшан» – «Хуҷанд» – 2:1

13 АПРЕЛ

7. КМВА «Помир» – «Панҷшер» – 0:1

14 АПРЕЛ

8. «Регар-ТадАЗ» – «Кӯктош» – 3:0

Ҷоми КФО-2019

Гурӯҳи «D». Даври 2-юм

17 апрел

«ХУҶАНД» (ТОҶИКИСТОН) – «Дордой» (Қирғизистон) -3:1

«Олтин Асир» (Туркманистон) – «ИСТИҚЛОЛ» (ТОҶИКИСТОН) – 1:1.

Даври 3-юм

21 АПРЕЛ

10. «Панҷшер» – «Регар-ТадАЗ»
11. «Хуҷанд» – КМВА «Помир»
12. «Хатлон» – «Истаравшан»

22 АПРЕЛ

9. «Кӯктош» – «Истиқлол»

Даври 4-ум

25 АПРЕЛ

15. «Регар-ТадАЗ» – «Хуҷанд»

26 АПРЕЛ

13. «Истиқлол» – «Истаравшан»

27 АПРЕЛ

14. КМВА «Помир» – «Хатлон»
16. «Кӯктош» – «Панҷшер»

Ҷоми КФО-2019

Гурӯҳи «D». Даври 3-юм

30 АПРЕЛ

«ХУҶАНД» (ТОҶИКИСТОН) – «Олтин Асир» (Туркманистон)

1 май

«ИСТИҚЛОЛ» (ТОҶИКИСТОН) – «Дордой» (Қирғизистон)

Даври 5-ум

4 МАЙ

17. «Панҷшер» – «Истиқлол»
18. «Хуҷанд» – «Кӯктош»
19. «Хатлон» – «Регар-ТадАЗ»
20. «Истаравшан» – КМВА «Помир».

Ҷоми Тоҷикистон. Марҳилаи пешакӣ

7-8 МАЙ

Даври 6-ум

9 МАЙ

21. «Истиқлол» – КМВА «Помир»
24. «Панҷшер» – «Хуҷанд»

11 МАЙ

22. «Регар-ТадАЗ» – «Истаравшан»
23. «Кӯктош» – «Хатлон»

Ҷоми КФО-2019

Гурӯҳи «D». Даври 4-ум

15 МАЙ

«Дордой» (Қирғизистон) – «ИСТИҚЛОЛ» (ТОҶИКИСТОН)

«Олтын Асир» (Туркманистон) – «ХУҶАНД» (ТОҶИКИСТОН)

Даври 7-ум

18 МАЙ

27. «Истаравшан» – «Кӯктош»
28. КМВА «Помир» – «Регар-ТадАЗ»

19 МАЙ

25. «Хуҷанд» – «Истиқлол»
26. «Хатлон» – «Панҷшер»

Э. НАЗАРОВ

Бозиҳои даврai дуюми чемпионат аз 25 май то 31 август ҷараён мегиранд.

Эмомризо

ғолиби Ҷоми Осиё оид ба дзюдо

Варзишгари ҷавону умедбахши тоҷик Эмомризо Анварзода ғолиби Ҷоми Осиё оид ба дзюдо миёни наврасон гардид.

Мусобиқаи анъанавии Ҷоми Осиё оид ба дзюдо миёни наврасону ҷавонон 12-15 апрел дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир гашт. Дар мусобиқа 245 варзишгар аз 6 давлат – АМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок карданд. Варзишгарони мо дар ин мусобиқа сазовори 5 медал – 1 тилло, 1 нуқра, 3 биринҷӣ шуданд.

Эмомризо Анварзода дар вазни -90кг миёни наврасон соҳиби медали тилло шуд. Медали нуқраро Шоҳида Қаландарова дар вазни -57кг миёни ҷавонон сазовор гашт.

ЧО-2019: Дилшод Назаров дар финали мусобиқаи гурзандозӣ

Варзишгари маъруфи кишвар, чемпиони Бозиҳои олимпӣ Дилшод Назаров ба даври финалии мусобиқаи гурзандозии Чемпионати Осиё оид ба варзиши сабук, ки дар Доҳаи Қатар ҷараён дорад, роҳхат гирифт.

Даври интихобии қувваозмоии гурзандозӣ шоми дирӯз – 23 апрел - миёни 17 варзишгари 11 давлати қора баргузор гашт. Дилшод Назаров гурзро ба дурии 71.46 метр ҳаво дода, ҷои дуюмро ишғол намуд. Натиҷаи аз ӯ бехтарро варзишгари мизбон Ашраф Ал-Сайфӣ нишон дод (74.92).

Умуман, аз миёни 17 нафар 12 нафар дар даври финалӣ, ки шоми имрӯз – 24 апрел – баргузор мешавад, барои ҷойҳои ифтихорӣ талош мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки Дилшод Назаров чор карат қаҳрамони Осиё (2009, 2013, 2015, 2017), барандаи 2 медали нуқра (2005, 2007) ва як медали биринҷии (2003) Чемпионати Осиё мебошад.

Варзишгари дигари мо Гулсунбӣ Шарифова дирӯз дар қувваозмоии дав ба масофаи 200 метр миёни бонувон дар даври интихобӣ натиҷаи 23.99 нишон дода, натавонист ба даври финалӣ роҳ ёбад. Ӯ миёни 23 нафар ҷои 11-умро ишғол намуд. Дар даври финалӣ 8 нафар иштирок мекунанд.

ҶУДО »

МЕДАЛИ НУҚРАИ КОМРОНШОҲ ВА ТЕМУР АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶУДОИ ОСИЁ

Паҳлавонони тоҷик Комроншоҳ Устопириён (-90кг) ва Темур Раҳимов (+100кг) дар рӯзи сеюми Чемпионати ҷудои Осиё, ки дар шаҳри Фуҷайраи АМА ҷараён дорад, сазовори медалҳои нуқра гардиданд.



Темур Раҳимов, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар варзишгари Арабистони Саудӣ Ракан Саидан, дар чорякфинал бар намояндаи Муғулистон Дууренбайар Улзибайар дастболо шуда, ба нимфинал роҳ ёфт. Ӯ дар нимфинал варзишгари Қирғизистон Лурий Краковетскийро шикаст дод, вале дар финал аз варзишгари Кореяи Ҷанубӣ Сугмин Ким мағлуб шуд.

Комроншоҳ Устопириён дар вазни -90кг, ки ду соли гузашта чемпиони Осиё буд, имсол ба гирифтани нуқра иктифо кард. Комроншоҳ низ дар даври аввал озод буд. Ӯ даври баъдӣ бар варзишгари Ӯзбекистон - Давлат Бобонов, Чин - Ҳебиличе Бу, Қазоқистон - Ислом Бозбоев пирӯз гардида, ба финал баромад, вале дар ин давр аз Косуке Машаямаи ҷопонӣ шикаст хӯрд ва ҷои дуюмро ишғол кард.

3 варзишгари дигари тоҷик Хайёмиддин Ҷабборов дар вазни -66кг, Сомон Маҳмадбеков дар вазни -73кг ва Шакармамад Мирмамадов дар вазни +100кг ҷои панҷумро ишғол карданд ва мавқеашонро дар раддабандии олимпӣ беҳтар карданд.

Варзишгарони дигари мо Акмал Муродов дар вазни -81кг баъд аз пирӯзӣ бар намояндаи Арабистони Саудӣ Ҷобир Алҳазрӣ, дар даври дуюм аз варзишгари Чин Ласай Жа шикаст хӯрд. Саидҷалол Саидов дар вазни -100кг дар даври аввал аз намояндаи Покистон Ҳусайн Шоҳ мағлуб гашт.

ТАЭКВОНДО »

ҒАЛАБАИ «ХАТЛОН», муштзании дарвозабон ва муҷозот шудани довар

Дар даври сеюми Чемпионати футболи Тоҷикистон миёни дастаҳои Лигаи олӣ дастаи «Хатлон» бо қоидавайронкунии дарвозабон аввалин пирӯзиашро ба даст оварда ва довари ин бозӣ муҷозот шуд.

Дар ин давр КМВА "Помир" соҳиби аввалин имтиёз дар мавсими нав гардида, «Истаравшан» дар меҳмони бохтро таҳаммул кард ва "Панҷшер" 3 хол аз даст дод.

Дастаи "Хатлон"-и Бохтар, ки чемпионати имсоларо натиҷабахш оғоз накард, дар ин давр дар майдони худ бар "Истаравшан" бо ҳисоби 2:1 ғалаба кард.

Дар ин бозӣ дарвозабони «Хатлон» Шаҳром Исмоилов ба рӯйи бозигари меҳмон Ҷамшед Ҳасанов бо мушт зад. Довар Гулмуроди Саъдулло ҳарчанд пеналтӣ таъйин кард, аммо дарвозабонро ҷазо надод. ФФТ баъди ин бозӣ доварро муҷозот ва ӯро аз доварӣ дар се бозии чемпионат маҳрум кард. Ҳамчунин, Шаҳром Исмоилов аз се бозӣ дар ин мавсим маҳрум карда шуд. Голҳои дастаи ғолибро Карроматулло Саидов ва Равшан Азизов заданд. Голи "Истаравшан"-ро Фирӯз Қараев аз пеналтӣ ба самар расонд.

"Хуҷанд" дар майдони худ бо КМВА "Помир" мусовӣ бозӣ кард – 1:1. Шарафҷон Солеҳов дар дақиқаи 57-ум дастаи артишро ба пеш бароварда. Дар охири бозӣ легионери ӯзбекистонии "Хуҷанд" ҳисобро баробар кард.

Дар бозии дигар "Панҷшер" дар майдони худ аз "Регар-ТадАЗ" шикаст хурд – 0:1. Голи ягонаро Нозим Бобоҷонов дар дақиқаи 70-ум ба ҳадаф расонд.

"Кӯктош" дар бозии хонагӣ бо "Истиқлол" мусовӣ (2:2) бозӣ кард. Дар ҳайати дастаи мизбон легионери ӯзбекистонӣ Муҳиддин Олимов ду гол зад. Голҳои "Истиқлол"-ро Шаҳром Саидов ва Фатҳулло Фатҳуллоев (аз пеналтӣ) ба номашон навиштанд.

Баъд аз натиҷагирии даври сеюм "Истиқлол" бо 7 хол дар садри ҷадвал боқӣ монд. "Регар-ТадАЗ" ва "Панҷшер" бо 6-холӣ дар ҷойҳои дуюму сеюм мавқеъ доранд.

Бозии навбатӣ 25, 26, 27-уми апрел баргузор мешаванд. 25 апрел "Хуҷанд" дар майдони худ "Регар-ТадАЗ"-ро қабул мекунад. 26 апрел дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе "Истиқлол" муқобили "Истаравшан" ба майдон мебарояд. Ду бозии дигар 27 апрел миёни дастаҳои КМВА "Помир" – "Хатлон", "Куктош" – "Панҷшер" сурат мегиранд.

ФУТБОЛ »

ДИЛШОД НАЗАРОВ раиси Федератсияи варзиши сабуки Осиёи Миёна шуд

Дар шаҳри Давҳаи Қатар Конгресси Федератсияи варзиши сабуки Осиё доир гардид, ки дар он варзишгари маъруфи Тоҷикистон Дилшод Назарво раиси Федератсияи варзиши сабкуи Осиёи Миёна интихоб гардид.

Ин ҷаласа 20-уми апрел дар доираи баргузории Чемпионати варзиши сабуки Осиё доир гашт, ки ҳамчунин чемпиони Бозиҳои олимпӣ Дилшод Назаров раиси Комиссияи варзишгарон интихоб шуд.

Дар кори ҷаласа Доҳлан Ҳамади қатарӣ бори дигар президенти Федератсияи варзиши сабуки Осиё интихоб гардида, ӯ то соли 2023 дар ин мақом хоҳад монд.

Ҳамзамон, дар кори ҷаласа ноибони президент, узви Кумитаи иҷроия ва дигар ниҳодҳо аз ҷониби аъзои конгресс интихоб гардиданд.

Варзишгари шинохтаи тоҷик, чемпиони олимпии соли 1992 ва Чемпиони ҷаҳон дар соли 1993 Андрей Абдувалиев ба ҳайси ноиби президент интихоб гардид.

Дар ин ҷаласа бо дастгирии роҳбарони федератсияҳои варзиши сабуки қитъаи Осиё ба Дилшод Назаров ҷоизаи «Беҳтарин гурзандози Осиё» тақдим карда шуд.

Зимнан, Дилшод Назаров ба даври финалии мусобиқаи гурзандозии Чемпионати варзиши сабуки Осиё дар Давҳаи Қатар ҷараён дорад, роҳхат гирифт. Ӯ гурзро ба масофаи 71.46 метр партофт ва ҷои дуюмро ишғол кардд. Натиҷаи аз ӯ беҳтарро варзишгари мизбон Ашраф Ал-Сайфӣ нишон дод (74.92).



ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

Варзишгари навраси тоҷик Мансур Раҳмон дар Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасон сазовори медали биринҷӣ шуд.

Ҷоми ҷудои Осиё миёни наврасону ҷавонон 20-21-уми апрел дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон баргузор шуд. Мансур дар кувваозмоии вазни -90 кг дар даври муқаддамотӣ бар варзишгари мизбон Кайратбек Сабит ғалаба кард, вале дар нимфинал аз варзишгари дигари Қазоқистон Рауан Нозимхонов мағлуб шуд. Мансур Раҳмон барои ҷои сеюм бар намояндаи Ӯзбекистон Мурод Эркинов пирӯз шуд. 7 варзишгари дигари мо дар Ҷоми Осиё миёни наврасон ва ҷавонон аз медалҳо бенасиб монданд.

***

Муштзани тоҷик Баҳодур Усмонов дар вазни 64 кг миёни мардҳо ба даври нимфинали Чемпионати бокси Осиё роҳ ёфт.

Чемпионати бокси Осиё миёни мардҳо ва бонувон дар шаҳри Бангкоки Тайланд ҷараён дорад. Баҳодур Усмонов, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар варзишгари Ҷопон Далсуки Нариматсу ғолиб омад ва ба даври чорякфинал роҳ ёфт. Баҳодур дар ин давр бар Туғрулбег Паззиев аз Туркманистон ғалаба кард. Дар нимфинал 25-уми апрел ӯ бо Саматалӣ Толтаев аз Қазоқистон неру месанҷад. Миёни бонувон Мичгона Самадова, ки дар даври муқаддамотӣ бар варзишгари Қазоқистон Сония Султонқизи пирӯз шуд, дар чорякфинал аз Ёдгорой Мирзоеваи ӯзбекистонӣ шикаст хӯрд.

***

26-28 апрел дар шаҳри Душанбе мусобиқаи байналмилалӣ оид ба таеквондои ҷаҳонӣ – "Tajikistan Open Taekwondo WT" баргузор мешавад.

Дар ин мусобиқа дар баробари дастаҳои Тоҷикистон, ширкати варзишгарон аз кишварҳои Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия дар назар аст. Гуфта мешавад, ки баргузории мусобиқаи мазкур дар рушди ин намуди олимпии варзиш дар кишвар мусоидат карда, варзишгарони мо таҷрибаи хуби мусобиқоти сатҳи байналмилалиро мегиранд.

Вақте НОН аз чархбол МЕПАРИД...



Солӣ 2008-ум, баъди гузашти 16 сол охирин хонаводаи муҳоҷирони дар кишвари Афғонистон бозмонда ба зодгоҳашош – деҳаи Ҷарқӯрғони хоҷагии "Авесто"-и ноҳияи Қубодиён баргаштанд.

Маро дами дарвоза зани рӯзгордида холаи Балхубони 70-сола пешвоз гирифта, дар суфаи зери ҳавозаи ток ба нишастан таклиф намуд.

Холаи Балхубонро бо баргаштани фарзандонашон аз ғарибӣ, ки тариқи расонаҳои иттилоотӣ хабардор гардида будам, муборакбод намуда, арзи матлаб кардам.

-Иброҳимҷон барои таъмири хонаҳои валангоргаштааш, ки дар ин 16 соли набуданаш ҳеҷ дастам пеш намерафт, ки таъмиру тармимаш кунам, ба коҳкобӣ рафтааст. Келинҳо ба кори саҳро баромада, маро дар хона наберабон монданд, - ба нақлҳои машғули бозӣ ишора карда, ба нақл шурӯъ мекунад холаи Балхубон. Ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш боиси ҷудоиямон гашт. Номардиҳои қисмат сарғоз бехонумонамон кард. Ғурбатзадаи диёри мардум шудем. Ман аз ғами ҳиҷрати писаронам Иброҳимҷону Амирҳамза (Амирҳамза аз Покистон баргашта муқими Афғонистон гардидааст ба тозагӣ сурағаашро пайдо кардаанд) таи ин солҳо чун ганҷгумкардаи ақлбохтае оҳу вовайлокунон ба худ метапидам, сӯзи синаи маро касе марҳам шуда наметавонист. Агар дар азое одамон воҳасрати мурдаҳояшонро нола мекарданд, ман аз сангинии зиндаҷудоии фарзандонам мегиристам. Гоҳе ки аз фироқи фарзандон синаам ба танг меомад, аз худам шеъру ғазал мегуфтам:

Гуфтам биравам хонаи
бачаи ҷонум,
Бачам нестай бишкана
армонум.
Бачам нестай аҷаб хаёло
дорум,
Сар дар бағалаш монум
буроя ҷонум.

***

Менависам номае аз
бенавоӣ,
Бибандум бар пари
мурғи ҳавоӣ.
Кабӯтар номаро сӯи
Покистон бубар,
Бигӯ сад доду бедод аз ҷудоӣ.

Аз дару девори хона нишони бенишони писаронамро мечустам. Бо умеде ки шояд аз дар медароянд, кӯки чашмонам аздарпоӣ канда шуд.

Сӯҳбати мо ҳамин тавр оғоз гардид. Ба қиссаҳои ғамангези рӯзгори ин зани муштипар гӯшу ҳуш дода, хомӯш менишастам. Метарсидам, ки бо пурсише мабодо риштаи қиссаро бармеканаму ба ҳамин суҳбат қатъ мегардад.

Ӯ қисса мекард аз оғози даврони беғаши кӯдакиаш, аз зиндагии тинҷу ором ва серу пури Гилкани азизаш, аз боғоти пурдолу дарахти водии Рашти хушбоду ҳавою биҳишсояш, ки ҳоло ҳам шабҳо дар хоб мебинад.

Холаи Балхубон ба нуқтаи номаълуми дур дида дӯхта нақл мекард:

-Падарамро дар кӯдакӣ ёд надоштам. Аз нақлҳои бибиву модарам медонистам, ки падарам Тоҳир ҳамроҳи бародараш Нозим, дар қатори 28 нафар ҷавонмардони деҳаи кӯчаки Гилкан ба ҷанги Гирмон рафтааст.

Ҷанг хотима ёфту баргаштани падарамро бесаброна интизорӣ мекашидам.

Он рӯз ҳам фаро расид. Чун рӯзи равшан дар ёдам ҳаст ҳамроҳи аммаҳоям то деҳаи ҳамсоя ба пешвози падарам давида будам. Аз сафи ба ҷанг рафтагони гилканӣ танҳо 2-3 нафар баргаштанд. Хушбахтона, падари ман ҳам бо савғотиҳо баргашт. Аз ҷанги Берлин як тӯб дока, як деги бухории сарпӯшдор ва ба ман як куртаи ғалатии лабдоманаш бо садафи зард ороддошуда оварданд. Ҳама ҳамсояҳо ба садафҳои куртаи ман ҳавас мекарданд.

Ҳатто баъди фарсудаю корношоям гардидани курта низ модарам садафҳояшро чида, дар бастае нигоҳ медошт. Одамони он солҳо шояд аз бесаводиашон бошад, ки садафҳои зарди ҷилодорро тилло гумон карда, фикри дуздиданашро ҳам кардаанд. Боре бастаи боигариҳои модарам аз хона ғайб зад. Баъди гумҷӯиву ба фолбину домуллои деҳа рафтани модару бибиам, пас аз чанде он бастаро аз хонаи як зани ҳамдеҳаамон пайдо намуданд.

Охирҳои солҳои 40-уму аввалҳои солҳои 50-уми асри XX дар синни 10-солагиам ба маҳаллаи Ҳаёти собиқ колхози "50-солагии СССР", ҳоло хоҷагии "Авесто" муҳоҷир гардидем. Бо гузашти солҳо ҳам садафҳои ғалатӣ, ки модарам баъдҳо барои зеб дар пеши бари ҷомааш дӯхта монда буд, ҳам он деги бухориро аз беъэтиноӣ гум кардем.

Бо анҷоми қиссаи куртаи ғалатӣ дар лабони холаи Балхубон, ки ғурури доштани чунин курта байни дугонаҳояш далераш менамуд, табассум гул мекунад. Бо чеҳраи шукуфта аз рӯзҳои ба шавҳар баромаданаш ёдовар мешавад:

-14 - сола будам, мактаб мехондам. Барои дар ин синну сол шавҳар кардани мактаббача иҷозат набуд. Дар дарс менишастам, ҳамроҳи муаллим чанд нафар милиса ба синф даромада, маро интиқ намуданд. Суханҳои ёддодаи ҳампаҳлуямро "гӯй, ки ман нағз дида бо хоҳиши худам шавҳар карда истодаам, агар не, падаратро ҳабс мекунанд" нотарсона ба рӯяшон гуфтам. Аз қаҳ-қаҳи хандаи мардона хаёлам боми синфхона ларзид. Охир он солҳо нағз дидан куҷо буд. Ба беақлии мани сода механдиданд. Ҳамин "корномоиям" падарамро аз ҳабс раҳо намуд. Тӯли зиндагии зану шавҳариамон соҳиби 13 фарзанд гаштем. Чортояш аз дунё гузашта бошад ҳам, шукронаи зиндаҳояш мекунам. 4 духтару 5 писар, 7 набера, 9 абера магар давлати кам аст? Шукрона мегӯям ба даргоҳи Яздони пок.

Меҳнати тоқатфарсо дар даштҳои синабирён мардуми водии Раштро хаста накарда, бозувони ба меҳнат дар кӯҳистон обутобёфтаи онҳо дар андак вақт мушкилоташонро осону зиндагиашонро беҳбудӣ бахшид.

Пахта рӯсурхашон намуд. Шуҳрати колхози "50-солагии СССР"-ро, ки дар даврони шӯравӣ дар тамоми ҷумҳурӣ паҳн гардида буд, кӣ нашунидаву намедонад?

Сахтиву вазниниҳо пушти сар шуд. Ҷои хаскапаву кулбаҳои гилинро хонаҳои замонавии шиферпӯш иваз намуд. Қатори бешумори дарахтони тутро бунёд намуда, кирмакпарвариро ривоҷ доданд. Меваҳои шаҳдбор, тарбузу харбузаи қандаки Қубодиён аввали мавсим вориди бозорҳои пойтахт мегардид. Мардум пулу молдор шуданд. Вале бо фурӯпошии шӯравӣ пулҳои бо меҳнати сангин пайдонамудаашон дар об рафт, пасандозҳояшон дар бонкҳо сӯхт. Мардум дар шароити нав сару калобаи корро наёфта, ҷангҳои бемаънии хонумонсӯз сар шуд. Ман ҳамроҳи як духтари муҷаррадам дар хонаи писарам Амирҳамза, ки донишҷӯи Донишгоҳи исломӣ буд, дар Душанбе будем. Ҳар рӯзу ҳар соат аҳвол бадтар мешуд. Шӯру ғавғо дар кӯчаҳои пойтахт авҷ мегирифт. Диламро гургон тала мекарданд, ба неву нестони писарам нанигариста, ҳар лаҳза ба роҳ баромаданӣ мешудам. Чун хонаву дар, шавҳару дигар фарзандонам дар ноҳия буданд, ман чӣ тавр дар Душанбе - маркази даргириҳову майдоннишиниҳо ором нишаста метавонистам. Як КамАЗ-ро киро намуда, мо 6 нафар –ман, духтару келинам ва се ҷавони донишҷӯро дар кабин шинонида, сару рӯямонро бо чодар пӯшонда, ба Қубодиён гусел намуданд.

Вақте ба деҳа расидем, мардум кӯч баста ҷониби дарёи Аму фирор мекарданд. Боигарии чандсола андӯхтаашонро дар сандуқҳо ҷой карда, зери замин пинҳон менамуданд. Мо ҳам чунин карда, бо дастони холӣ аз деҳа баромадем. Қариб як моҳ дар лаби дарё пинҳону ошкоро мисли кӯчиён зиндагӣ кардем. Захираи хӯрокиямон ба охир мерасид. Моҳи декабри соли 1992 буд. Нимсеру нимгуруста дар шимоли лаби дарё бо сару рӯи бо ҳафт қабат рӯмол печида, ҷомаҳои ғафс дар тан, барои аз дарё гузаштан чора мечустем. Ҳар кас войи ҷони худам мегуфт. Баъди иҷозат шудан, шабонгоҳ тариқи балонҳои худсохт ва қаиқҳои аз ҷониби Афғонистон фиристодашуда дарёро гузаштем. Дар ҳамин вақт набераи чорсолаам Ҷовид аз дасташ тир хӯрд.

Мо андармони суҳбат гузаштани вақтро нафаҳмида мондем. Суҳбати мо лаҳзае қатъ мегардад. Келинҳо нисфирӯзӣ аз кор бармегарданд. Холаи Балхубон ба поёни ҳота барои обу алаф додани говҳояш меравад, Келинҳо баъди ҳолу аҳволпурсӣ дунболи сариштаи корҳои хона ва омода намудани таом мешаванд. Саида ҳамсари Иброҳим аст. Инро аз лаҳҷаи гуфтораш, нигоҳҳои хаставу чеҳраи гарди ғурбат нишастааш, пайкари лоғари ранҷи роҳ кашидааш ба осонӣ дарк намудам. Ӯ қиссаи нотамоми модаршӯяшро идома дод: Захмӣ шудани писараш Ҷовид, аз сардиву гуруснагӣ ва рафтани хуни зиёд сард гардидани ҷисми фарзандашро ва ҳамроҳи дигар занҳо барои ҷасади ӯро зери хок намудан тарадуди гӯр кофтанашонро дар ҷазирае миёни ду соҳил, бе оби дида нақл карда наметавонист. Ашк дар чашмонаш мечӯшиду нафас гулӯгираш мекард. Ӯ ин ҳамаро фурӯ менишонду канда-канда нақл мекард:

-Писарам, тифли бегуноҳам мурду аз нав зинда гашт. Кам монда буд, ки бо дастони худам писарамро зери хок кунам ва зери гуноҳи нобахшиданӣ монам. Аз байни издиҳом касе пешниҳод намуд, ки дар ин ҷазира не, ба ягон ободӣ расида, баъд ӯро гӯр кунем. Ҳезум ҷамъ намуда, оташ гирондем. Намедонам қисмат ё амри Ҳақ таолло буд, ки ҷисми сарди ӯ чон гирифт. Пушту паҳлуяшро дар шӯълаи оташ гарм кардем, ки чашмонашро кушод, ба лабонаш хун давид. Ба Худо, ки ӯ аз нав зинда шуд. Ду чархбол болои сарамон давр хӯрда, хлеб мепартофт. Қиёмат қоим мешуд. Ҳар кас барои ба даст овардани луқмаи зиёдтар ҷон мекоҳонд.

Холаи Балхубон: "Ман ҳамон лаҳза дар майдони "набард" баҳри нон тир хӯрдам",- гуфта дубора ба суҳбат ҳамроҳ мегардад:

-Чархбол нанишаста, зинаашро поён кард. маро, ки се рӯз боз бурдаи ноне ба даҳон набурда будам, ба кӯрпа печонида, боло намуданд. Рост ба Мазори Шариф, ба беморхонаи "Дусад бистар" бурданд. Он ҷо 45 рӯз бистарӣ гаштам. Хуб нигоҳубинам карданд. Дар Кампи Сахӣ - дашти Гӯри морон ҷамъ шуда, хайма задем. Ҷое буд, ҳатто гунҷишк пар намезад.

Мардуми деҳоти Тошкӯрғон, ки дар наздикии макони нави мо мезистанд, бо муҳаббат омода буданд, моро дар хонаҳояшон ҷой диҳанд. Мушкилие надоштем, танҳо ғарибӣ мекашидем. Ҳушу ёдам ба духтаронам, ки яке дар Ғарм, дигаре дар Душанбе монда буданд, банд буд. Ҳамин тавр, чор сол сипарӣ гашт. Бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳоямон ба Созмони Милали Муттаҳид давоми як рӯз ба Ватан баргаштем. Дар бозгашт писаронам моро гусел намуда, бо гурӯҳи дигар расида меоем, гуфтанд. Мо дар деҳаи Ҳаваскор аз қатора фуромадем. Қавму ҷамъи худамон моро пешвоз гирифтанд. Дар мактаби деҳаи Болшевик ду рӯз барои гузаронидани ташхиси тиббӣ моро манъ намуданд. Моҳи августи соли 2005 ба деҳа ворид гардидем. Хонаҳоямонро сӯхтаю валангор дидем. Бо дастгирии Ҳукумати ҷумурӣ аз тарафи СММ кумакҳои башардӯстона, аз қабили маводи ғизоӣ ва масолеҳи сохтмон гирифтем.

Хонаҳоро аз нав сохтем. Ҳама баргаштанд. Аз ду писари калониам ҳеҷ дарак намешуд. Падарашон чор сол пеш, дар интизории фарзандон чашм ба роҳ, ин дунёи фониро тарк намуд.

Мегӯянд, ки ин дунё кирои ғам хӯрдан намекунад. Аммо қисмати банда аз азал ғам хӯрдану чафои ин чархи

качрафторро кашидан будааст...

Саида хотираҳояшро чунини нақл мекунад: - Баъди бозгашти ҳамватанон, мо ба шаҳри Кобул омадем. Ҳама ҷо тинҷиву оромӣ буд, гоҳ-гоҳе ҷанги “Толибон” авҷ мегирифт. Сипас 12 сол дар Кампи Ҳирот-Пойманораҳо зери назорати созмони байналмиллалии ЮНИСЕФ қарор доштем. Ҳар вақте барои бозгашт ба Ватан муроҷиат мекардем, мегуфтанд, ки 2-3 оила шавед, баъд мефиристем. Ҳамин тавр, то охир байни муҳоҷирони маҳалҳои атрофи Ҳирот мо ягона оилаи тоҷик танҳо мондем. Бо чор фарзанд ҳичрат карда будем. Он ҷо чор фарзанди дигарам таваллуд шуд. Дар дафтари-пружаи Арбитат ба ҳайси тақсимгари хӯрока, дар беморхонаи Пойманораҳо чун ёвари доктор кор кардам. Аз хотираҳое, ки бароям ёд намуданаш хушоянд аст, зиёрати марқади 199 авлиё, бузургони дар Ҳирот хокшуда мебошад.

Марқади Алишер Навоӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Абдуллои Ансорӣ, Хоҷа Алӣ Муваффақ, Саид Мухтор-оғо, Пири Парранда, Шоҳ Султони Зиндаро зиёрат намудан муяссарам гардидааст, ки фаромӯш ношуданист.

Дар мавриди пайдо шудани писаронаш холаи Балхубон (ду - се сол қабл огоҳ гардидем, ки ин пири рӯзгордида аз дунёи фонӣ реҳлат кардааст) бо хушҳолӣ чунин меафзояд: -Писарам Валӣ ба деҳаи Чирик, ба хонаи Тоҳир, ки ӯ духтури дандон аст, меравад. Хешовандони Тоҳир аз ӯзбекони Афғонистон, меҳмони ӯ будаанд. Ҳангоми суҳбат дар омади гап Валӣ аз бародарони беномунишонгаштааш Иброҳиму Амирҳамза сухан мегӯяд. Марди афғон барои пайдо намудани онҳо ваъда медиҳад. Ҳамин тавр, баъди шаш моҳ, суроғаву рақами телефонҳоро аз Афғонистон пайдо карда меорад.

Валӣ бо суроғаи муайян барои овардани бародаронаш ба роҳ мебарояд...

Имрӯз аҳли оилаи Иброҳим Халилов барои ба Ватан баргаштанашон аз саҳми бевоситаи собиқ вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳоло Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, инчунин раиси хоҷагии махсусгардонидашудаи тухмипарварии “Авесто”, собиқ узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматулло Абдуллоев бо арзи сипосу эҳтиром ёд мекунанд.

Адолат САЙФУЛЛОЗОДА,
сармуҳаррири нашрияи
“Тахти Қубод”-и
н. Қубодиён, узви ИЖТ,
Аълочии матбуоти ҶТ

МУСИБАТ ОН БУВАД, КИ НОН НАБОШАД

Аз гузаштаҳои дур ба ҳамагон равшан аст, ки Худо Одаму Ҳаворо бо сабаби дар васвасаи шайтон даромада, гандумро хӯрданашон онҳоро аз биҳишт ронда буд.

Баъди солҳои зиёди тавбаю тазарруи фаровонашон Худо манзили зисташонро дар рӯи Замин ва ғизояшонро аз гандум муқаррар кард. Онҳо бо дастони худ зироат карда, шикамашонро сер мекарданд. Аз ҳамон даврaҳо инсони кӯчак баъди ҷудо шуданаш аз шири модар ба нон эҳтиёҷ дорад. Нонро мепарастад, дӯст медорад. Нон барояш қуввату дармон аст. Барои ба даст овардани нон ранҷ мекашад, машаққат мебинад

Мегӯянд, ки дар гузаштаҳои дур марди соҳибдавлате додаи ғурур шуда, бо ҳавас дар болои асп нон мехӯрад, ногоҳ нонпорае аз дасташ ҷудо шуда, дар байни хасу хошок меафтад. Ӯ бошитоб аз асп пиёда шуда, дер гоҳ нонрезаро ҷустуҷӯ мекунад. Аммо ёфтани нонреза ба вай муяссар намегардад. Ноилоҷ ҷойи нонрезаафтодаро давра кашида, гирдашро хандақ меканад. Пас аз ин давлаташ ба маротиб зиёд мегардад...

Ривояте ҳаст. Дар рӯзгори Муҳаммад (с) субҳгоҳон, баъди адои намози бомдод, бенавое дари масҷидро кушода, мегӯяд:

- Падарам дар ҳолати вазнин қарор дорад. Ӯ мехоҳад, ки дар ин дақиқаҳо шуморо бинад.

Муҳаммад (с) даъватро пазируфта, зуд ҳамроҳи ёрони хеш роҳи хонаи беморро пеш мегирад. Паёмбар ҳолати вазнини беморро, ки вай ниҳоят солхӯрда ҳам буд, дарк карда, мепурсад:

- Орзуи охиринат аз Худои бахшандаю меҳрубон чист?

Бемор мегӯяд:

- Шояд бо иноияти Шумо Худо ба ман як порча нони гандумро насиб кунад, - бемор маҳзуну хастаҳолона ҷавоб медиҳад. Бо ишораи Муҳаммад (с) ёронаш бошитоб аз пайи дарёфти нон мешаванд. Онҳо чандин дарро кӯфта нон мепурсанд. Аммо, афсӯс... Ҳама ба онҳо нони ҷавинро пешниҳод мекунанд. Бемор пири бедандон буду имкони хӯрдани нони ҷавинро надошт, дар ҳасрати нони гандум аз олам мегузарад. Дар ин бора шахси ботадбире гуфтааст:

Тавон нон хӯрд агар
дандон набошад,
Мусибат он бувад, ки
нон набошад.

Яъне хӯрдани нони гандум барои пири бедандон гаронӣ надорад. Гаронию мусибат дар набудани нон аст.

Таърих гувоҳи ҳамаи ҳол аст. Ҷангу муноқишаҳои бемаънии дар байни шахрвандонамон дар гузашти на чандон дур баамаломада нақши манфие дар осорхонаҳои хотираҳоямон гузошт. Дар он айём ҷанг бо ҳукми қонунҳои нонавиштааш муҳри бераҳмию бемеҳрӣ, ғорат, ғасб, тарс, гуруснагию нодориро дар деворaҳои дилҳои мардум пахш кард. Захмҳо бедаво, сарҳо пур аз савдо. Аз бими яроқ миллат на танҳо бехонаю ҷой, ҳатто ҳайвонҳои ваҳшӣ аз бешаю ҷангалзорҳо фирорӣ буданд. Қаҳтию гуруснагӣ ҳар рӯз ба дарҳои мардум нохун мезад.

Дар аввал омма молу амволашонро ба андак гандум иваз мекардагӣ шуданд. Дере нагузашта гандум ноёбу нон қимат шуд. Одамон рӯзу шабҳои дароз дар дӯконҳои нонфурӯшӣ навбатпойӣ мекарданд. Аз ноёбию нодорӣ онҳо рӯ ба сабӯсу кунҷора, орди ҷав ва тухмии ҷуворимаккаҳои кайҳо захролудкарда оварданд. Барои расидан ба рӯзҳои нек, фиреби шикам, ҳатто аз решаҳои гиёҳҳо рӯй намегардонданд. Истеъмоли қоқуро хӯроки арзанда медонистанд. Сокинони қишлоқҳои дар кӯҳистон ҷойдошта рӯзи худро аз ҳисоби мушунги аз заминҳо чидаашон мегузаронданд. Онҳо бетоқатона омадани охири баҳорро интизор шуда, пухта расидани тактакро истиқбол мегирифтанд. Аз гардаш то андозае захира ҳам мекарданд.

Оқибат истеъмоли ғизоҳои дигар ба ҷисми ниёзмандонаш зиён овард. Сироятҳои зиёд, ба мисли ҷоғар, касалиҳои меъдаю рӯда, маризиҳои пӯст зиёд шуд. Воқеан, то ҳол бисёриҳо аз касалии ҷоғар заифанд, азоб мекашанд. Ҳамааш аз касофатии ҷанги бемаънӣ ва набудани нон сар зад.

... Чӣ хуш, ки дар Ватани бахтбаргаштаамон офтоби саодат шаъшаъапошӣ кард. Барҳақ, мисраъҳои шоир далели он рӯзҳост:

Аз ноумедӣ басе умед ҳаст,
Поёни шаби сиёҳ сафед аст.

Пешниҳоди ҳафтоду панҷ ҳазор гектар замини корам ва фармони ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ояндаи нек башорат дод. Қуввату дармони одамон, рӯйи сурхашон– нон, арзону фаровон гардид. Дар кишвар эҷоду созандагӣ, бунрёдкорӣ эҳё гашт.

Карорматулло ҒАФУРОВ,
омӯзгори собиқадор, шаҳри
Ваҳдат

Резаи НОНРО маяафкан ЗЕРИ ПОЙ

Ба наздикӣ дар тӯи як ҳамкорамон иштирок карда,манзараеро дидаму ба ёдам мисраъҳои Қутбӣ Киром омад:

Об мавҷе заду бурд аз кафи
чӯпон нонро,
Сарвати аз ҳама камёбтари
давронро.
Аз паси пораи нон хеш ба дарё
андохт,
Қисматаш, лек дар ин бозии
беқоида бохт...

Меҳмонхонаи калону васеъ. Аз ин сар то он сари меҳмонхона дастурхони хушгуле партофта шудааст. Рӯи он пур аз нонҳои чапотию кулчаҳои равғанӣ. Садри маърака Неъматулло ном ҷавон барои ҳар як меҳмони навомада 5-6 кулча оварда, аз дур ба рӯи дастархон ҳаво медод. Бо пой дастархонро зер карда,мегузашт.

- Охир садқаат шавам , ин қадар нону кулчаи бисёр чӣ лозим , барои садҳо кас басӣ мекунад,исроф хуб нест, додар, - эътироз намуд як пирамард.

- Ин тӯй аст, падар, нонро барои хӯрдани одамон пухтаанд. Иззати меҳмон расми қадима аст. Вай меҳӯрад ё не , вале иззаташ қарз аст, – мегуфт садри маърака.

Гузаштагон ҳеҷ вақт нисбати нон чунин беҳурматӣ намекарданд. Зер кардани сурфаро низ гуноҳ медонистанд... Нисфирӯзӣ ба ошхонаи назди бозори шаҳри Кӯлоб даромадем, дохилаш тозаю озода . Одамони бисёре болои кат нишаста хӯрок мехӯрданд. Ҷавони олуфтанамое дар паҳлуи мо омада нишаст. Пешхизмат хӯроки фармудаи ӯро оварда , инчунин дар як табақча чор бурда нон оварда пеши ҷавон гузошт. -Боз нон деҳ,-хитоб кард ҷавон.

Пешхизмат як бурдаи дигар болои табақча гузошт. - Ин қадар сахтӣ мекунӣ? – Аввал ин нонро хӯр, боз чӣ қадар дилат бардорад медиҳам, - гуфт хизматчӣ. Аз ин манзара табъи ҳама хира гашт.Ба ҷавон ҳоҷати гап задан набуд...

Баъди чанд лаҳза бинам, ҷавон рафта буд, аммо дар сабадча нони сап-сафед меистод, ки чоряки онро ҳам нахӯрдааст.


–Ҳар боре ки дар роҳраву зери симчӯбҳо бурдаи нон,-нимхӯрдаи самбӯсаю кулчаро мебинам, чашмонам нам,-дилам аз изтиробу ҳаяҷон ғамгин мегардад, - мегӯяд муаллими собиқадор Хайрулло Файзуллоев,-чунки баробари дидани ин неъмати бебаҳо солҳои дар муҳосираи иқтисодӣ будани минтақаи Кӯлоб ба ёдам меояд. Мардум аз сабаби надоштани орду гандум деҳа ба деҳа рафта, дони ҷуворимакка оварда, нон мепухтанд.Чӣ қадар одамон аз сабаби гуруснагӣ вафот намуданд. Оилаеро медонам,ки се фарзанди баркамоли худро бинобар сабаби хӯрдани алафҳои захролуд аз даст дод.Чаро одамон гузаштаи худро фаромӯш мекунанд.

-Замона дигар шудааст, одамон панду насиҳатро намебардоранд, балки ибрати шахсӣ нишон додан лозим. Агар падару модар аз дастархон нонҳои хушкро гирифта, ба фарзандаш супориш диҳад,ки бурда ба сатили гов парто,он гоҳ дар оянда муносибати ӯ ба нон дигар хел мешавад, - ба суҳбат ҳамроҳ шуд духтури бачагонаи беморхонаи марказии ноҳия Шералӣ Қодиров, – ҳол он ки дар ҳар давру замон одамон барои хурмати резаи нон ҳаракат мекарданд.

Аммо, ба фикри манн, барои ба қадри нон расидану онро хурмат намудан, гуруснагӣ кашидан шарт нест. Балки ба ҳамдигар ибрат нишон дода, нисбати хор шудани он бетарафӣ зоҳир накардан аст.

Беҳтар мебуд дар бораи бузургии нон дар ошхонаву чойхонаҳо, мағозаҳои хӯрокворӣ, мактабу корхонаҳо суханону таъкидҳо ба чашм расанд. Шахсе, ки нонро азизу гиромӣ медорад, ҳеҷ рӯи камию хориро намебинад ва ҳамарӯза Худованд сарвати ӯро афзун менамояд. Шайх Аттори Нишопурӣ фармудаанд; Резаи нонро маяфкан зери пой, Гар ҳамехоҳӣ ту неъмат аз Худой.

Рӯзимади Тоҳир,
н. Восеъ



БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРӮШАМ

► 4-ҲУҶРАГӢ

► 4-ҳуҷрагӣ, 80 м.кв., қабати 3, таъмиршуда, ориентир: "Милано мода", 84 мкр. Тел: 8888-58-865.

► 5-ҲУҶРАГӢ

► 5-ҳуҷрагӣ, баъди таъмири асосӣ ва хайтеки евроремонтӣ, суроға: маҳаллаи 46 дар наздикии роҳ, рӯ ба рӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, маълумоти муфассалро бо телефони 919-00-22-42 дарёбед.

► ҲАВЛӢ

► Таъҷилан! Хонаи 2-ошёна дорои 6 ҳуҷра, 1.5 сотих замин, ноҳияи Фирдавсӣ, шаҳраки Фалакон, нархаш 24.000 в.ш., боз имкони савдо кадан дорад. Тел: 904-45-53-55.

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 915-06-55-06, 987-729-802.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Сантехник, ивази кубур, насби термексҳо ва ғайра. Тел: 917-66-04-11.

► Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои кухна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

ЭЪЛОН

► ҶДММ "Ширкати муштараки бародарони тоҷику хитой" сармояи оинномавии худро ба маблағи 95000 сомонӣ кам мекунад. Тел: 918-63-53-60.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупская, хонаи 19/1ба Шоев Исроил Фақирович додааст , беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №Г15409-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2015 ба Асроилов Аҳлиёр Мирзоумедович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А6135509-и гумшуда, ки онро ШКД-2 дар ноҳияи Сино 14.10 соли 2010 ба Садуллоев Эраҷ Фариддунович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагии таҳти №381666-и гумшуда, ки онро МРТ-и шаҳри Душанбе 27.09 соли 2014 ба Раҳмонов Илёс Фурқатович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2017 ба Соҳибназаров Ҷурабек Шамсиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А6668573-и гумшуда, ки онро ШКД-2 дар ноҳияи Сино 20.05 соли 2011 ба Саидов Баҳром Нигматович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтҳонии №111914/2013-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2013 ба Тоҷибоев Ғайратҷон Абдулазизович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти реестри №8Д-312-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи давлатии нотариалии 3-юми шаҳри Душанбе 24.01 соли 1997 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи С.Шерозӣ, бинои 62 (собиқ кӯчаи Правда), ҳуҷраи 11 ба Ғафуров Тағоймурод Ҷураевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2017 ба Қараулов Шоҳрух Ҳокимович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А7778059-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 27.09 соли 2013 ба Ҳалимов Убайдулло Мирзоалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи А.С. Осимӣ соли 2010 ба Сатторов Абдулло Ажиклоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати А009914-и гумшуда, ки онро Гимназияи №9 ба номи Низомӣ (собиқ мактаби миёнаи №9) ноҳияи И.Сомонӣ 19.06 соли 1991 ба Қаҳорова Лола Абдурахимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТСИ №0002223-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев 14.11 соли 2002 ба Мелимуродова Нодира Қурбоналиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТТ №000965-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Душанбе ба номи Н.К.Крупская соли 1996 ба Мелимуродова Нодира Қурбоналиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А5992058-и гумшуда, ки онро ШКД-1 дар ноҳияи Сино 26.07 соли 2010 ба Аҳроров Далер Фирузович додааст,беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А7162102-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Сино 09.07 соли 2012 ба Азизова Дилрабо Нусратуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансур 02.02 соли 2009 б о суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Титов, бинои 38/1, ҳуҷраи 29 ба Қаландаров Рустам Раҳматуллоевич додааст, беэътибо дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи 2М-232, кори меросии №158-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии ҶТ. 10.08 соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Титов, бинои 38/1, ҳуҷраи 29 ба номи Қаландаров Рустам Раҳматуллоевич ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисӣ- техникии ба номи М.С.Осимӣ соли 2017 ба Шоев Муҳаммад Раҷабович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисии техникии ба номи М.С.Осимӣ соли 2017 ба Мусамиров Саймуддин Шодмонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи МТ-1 №102295-и гумшуда, ки онро Техникуми кооперативии шаҳри Душанбе соли 1989 ба Фазылова Нигина Нигматовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №146-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе 31.08 соли 2016 ба Заробидинов Меъроҷиддин Шарифхуҷаевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақахӯрии гумшуда, ки онро ВКД ҶТ соли 2012 ба Шарифов Абдуҳамид Ҷалилович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Маълумотнома, ки минбаъд бо билети ҳарбии №4/129 санаи 7.02.2002 сол аз тарафи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фрунзе дода шудааст ва варақаи баҳисобгрию хизматӣ , ки дар асоси фармони №250, 30.10.2001 ба номи Хамидов Алишер Насруллоевич сабт гардидааст , бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А6322786-и гумшуда, ки онро ШКД-1 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2011ба Эвазов Муқбил Шамсзода додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 144, ҳуҷраи 46 ба Кассиров Абубакр Қиёмиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати А0001316-и гумшуда, ки онро Литсеи иноватсионии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Бояков Сангак Хабибуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи даҳуми А№932475-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №59-и ноҳияи Сино соли 1982 ба Хусанҷанова Зӯҳрохон Актамовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А7364817-и гумшуда, ки онро ШКД-2 дар ноҳияи Сино 22.09 соли 2012 ба Садуллоев Хусрав Фариддунович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00108514-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар шаҳри Исфараи Вилояти Суғд 16.02 соли 2015 ба Бақозода Меҳронахон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А4161912-и гумшуда, ки онро ШКД-и Ҳукумати шаҳри Кӯлоб 18.07 соли 2007 ба Валиева Фотима Ёрахмадовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи НТ-1 №319428-и гумшуда, ки онро Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова соли 1990 ба Давронов Рустам Махмудович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0135412-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2014 ба Ибрагимова Нигора Фарходджоновна додааст, беэътибор дониста шавад.


БАРҲАМ МЕХУРАД

► Филиали ҶДММ "Шейх Аҳмед Бин Обейд Ал Мактум Интернейшнл Инвестментс Энтерпрайзерс" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо №0266386, РЯМ 0120001017, РМА 010095859, фаъолияташро қатъ менамояд. Хама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Царский пар" бо №0256769, РЯМ 0410018776, РМА 040038644, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Рахимов Мансурхон Мухаммадчонович, бо № 0031617, РЯМ 0330019113, РМА 035223605, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.

ЗОДРӮЗ МУБОРАК



Модари мушфиқу меҳрубон Рачабова Адолатро азизонаш - Рустамҷон, Муҳаммадҷон, Набӣ, Суробҷон, Бахтиёру Алишер ва Лолаю Азиза ба 67-мин баҳори умрашон табрику таҳният намуда, бароятон сиҳатию саломатии бардавом хоста, аз забони шоир гуфтанианд.

Барои мо шуда гесӯ сафедат,
Сари сабз(а)мон фидоят модари ҷон.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Local Engineer** (UNDP GEF/ Green Energy Small Medium Enterprises (SMEs) Development Project and UNDP/OFID Energy Access SMEs; Contract Type: IC National; Duty Station: Dushanbe with in-country travels, Deadline: 6 May 2019)

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **http://www.tj.undp.org**. Applications without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment. Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply

To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:
http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554



НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ


- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10
- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17
- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54
- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).
- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.
- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».
- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.
- Кӯчаи Маяковский 46
- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.
- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ

ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Қурғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».





БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД

Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?

Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?

Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?

Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар куҷое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.

Барои ин ба шумо лозим аст:

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?

Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.

Телефон барои маълумот: 238-61-61

TMC EDUCATION GROUP SINCE 2004
ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT

ТАВАҶҶУҲ!!!

ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:

- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj



ТОЛЕЪНОМА



Ҳафтаи ноорому пурмоҷарост, дар нимаи дувуми ҳафта воқеаҳои гуногун ҷараён мегиранд. Таваккалӣ кор накунед, аз ҳангомаҷӯӣ дур бошед. Корҳои муҳиму масъулиятнокро беҳтараш ба ягон вақти дигар гузоред. Дар муносибатҳои ошиқона баъзе мушкилот сар мезанад ва корҳоятон нотамом мемонад.



Ҳафтаро пурра ба истироҳат ва санъат бубахшед. Ба мулоқотҳои ошиқона равед. Аз хариди калон худдорӣ намоед, беҳтар мебуд, зеро хатари сарфи бисёр ва харидани моли бесифат зиёд аст. Эҳтимол баъзе моҷароҳои нохуш рӯй диҳанд, вале то охири ҳафта роҳи ҳалли онҳоро пайдо хоҳед кард. Муҳимаш дар ҳалли он аз роҳҳои қонунӣ истифода баред.



Ин ҳафта мумкин баъзе низоъҳои оилавӣ шуморо ташвиш диҳанд. Сабаби асосии ин нофаҳмиву ҷанҷолҳо мушкилоти иқтисодӣ ва муайян кардани "Калони оила" аст. Фаромӯш насозед, ки барои хӯҷаини хона шудан бояд бофаҳм ва таъмингари 100 % -и оила бошед. Бо дӯғу пӯписа ин кор ба шумо муяссар нахоҳад шуд. Охири ҳафта даромади хуби пулӣ ба даст меоред.



Ҳафта нисбатан ором ва бобарор мегузарад. Саратонҳое, ки ба савдо машғуланд, бурди калон мекунанд. Мушкилоти ҳафтаи гузашта ба осонӣ ҳал мешаванд. Барои имзои шартномаҳои нав ва қарордодҳои муҳим ҳафтаи мувофиқ аст. Барои хариди калон ҳафта мувофиқ аст. Аз истеъмоли зиёди хӯрокҳои вазнинҳазм ва бирёнӣ худдорӣ намоед.



Ҳафтаи пурҳаводис буда, пур аз воқеаҳои хотирмон мегузарад. Нимаи аввали ҳафтаро барои рафъи мушкилоти корӣ сарф намоед. Масалан асадҳои муҷаррад изҳори муҳаббат ба дилдода ё хостгориро ба ин рӯзҳо монанд. Дарди миён ва сутунмуҳра дер боз шуморо азият медиҳад. Беаҳамиятӣ накунед, ба назди духтур равед.



Агар дар ичрои корҳо саросема нашавед ва ба асабоният роҳ надиҳед, муваффақият насибатон мегардад. Рафтори беандеша боиси сар задани нохушиҳо гашта метавонад. Дар муошират бо пайвандон таҳаммул ва сабрро пеша кунед. Охири ҳафта ситораҳо сафари роҳи дурро пешгӯӣ мекунанд.



Нисбат ба ҳафтаи пешина ин ҳафта бобарор хоҳад буд. Дар ҷодаи ишқу муҳаббат хеле воқеаҳои аҷиб рух медиҳанд. Шумо ғайричашмдошт ошиқу шайдои касе мешавед ва дилатон шабу рӯз ба ёдаш гум хоҳад зад. Мизонҳои эҷодкор ба бароруваффақиятҳои зиёд ноил мешаванд. Охири ҳафта ба сафари берун аз шаҳр равед. Дилдодаатонро ба тамошои филм даъват кунед.



Барои амалӣ намудани идеяҳои тозаатон ҳафтаи мувофиқ аст. Дар ҳалли масъалаҳои ҷиддӣ ба фикри ҳамсаратон гӯш диҳед. Сирри касеро, ки ба шумо бовар кардааст, фош насозед. Фаромӯш насозед, ки ҳар амалеро подошест. Ба дудилагӣ роҳ надиҳед, қадамҳоятонро ба сӯйи мақсад устуворона гузоред. Саломатиатон хуб буда, давоми рӯз шуморо ташвиш намедиҳад.



Ин ҳафта дар ҳаётатон тағйироти куллӣ ба амал меоянд. Воқеаҳои хушу хотирмони ин ҳафтаро шумо дер боз аз хотир намебароред. Зиёд ба хислати кунҷкобиатон дода нашавед, вагарна ба саратон бало меоварад. Аз додан ва гирифтани қарз худдорӣ намоед. Фикри хиёнат кардан ба ҳамсарро аз сар дур кунед.



Ин ҳафта ҷаддиҳо бояд нисбатан эҳтиёткор бошанд. Нохушиҳо мисли балои аз таги по мехестагӣ барин яке пайи дигар баромадан мегиранд. Барои эмин мондан аз мушкилот ва осеб надидан аз ҷойҳои серодам ва сафари роҳи дур худдорӣ намоед. Аз муошират бо одамони бегона дурӣ ҷӯед. Ронандагон дар роҳ ва барқчиён ҳангоми кор бо қувваи электрикӣ эҳтиёткор бошед.



Шумо бояд мушкилиҳои оилавиро дар мадди аввал гузоред. Хонаатонро таъмир кунед, масъалаҳои вобаста ба манзилро ҳал намоед. Ҳамеша фикру хаёлатон ба кор банд буда, аз наздикон фарсаххо дур шудаед. Ҳарчанд зери як бом умр ба сар мебаред, аз дарди дилашон хабаре надоред. Сафари берун аз шаҳр ҳамроҳи наздикон ба манфиати кор хоҳад буд.



Ҳутҳо нисбати зодагони дигар бурҷҳо батолеъ ҳастанд. Ягон ҷамъомади дӯстона бе ширкати шумо хуш намегузарад. Рӯз барои харид низ мувофиқ аст. Дар коргоҳ ҳарчанд ягон навгонии хуше дар назар нест, вале мушкилоте низ дида намешавад. Барои пешгирӣ аз хурӯҷи бемориҳои ирсӣ нисбат ба он чизе, ки истеъмол мекунед, бодиққат бошед.



ТОҶИ НИСОИ АЗИЗ

ҳамнишини устодон ва ҳамрози бузургон

Ҳафтаи равон собиқадори матбуот, яке аз журналистони чирадасти кишвар, ҳамкасби азизи мо Аълочии матбуот ва фарҳанги Тоҷикистон Тоҷинисои Азиз мавлуд доранд...

Мегӯянд, ном баёнкунандаи дунёи ботинӣ ва ними хусни инсон аст, аммо дар мавриди Тоҷинисои Азиз, ки воқеан тоҷи нисои азизанд, он баёнкунандаи сарнавишт ҳам ҳаст. Зеро апаи Тоҷинисо зани ҳалиму хоксор, модари мушфиқу ғамгусор ва аз ҳама муҳим бонуи қавиродаву мардхислат ҳастанд, ки ҳамеша бори зиндагӣ ва қаламкаширо бо шонаҳои нозукашон бардошта, мардона ва бо сари баланд дар пайроҳаи зиндагиву эҷодиёт гом мезананд.

Эшон аз зумраи он қаламкашони хушбахте мебошанд, ки аз ҷавонӣ, аз оғози гом задан дар пайроҳаи эҷод, ҳамнишинии бузургони илму адаб ва фарҳангу сиёсат насибашон гардидааст. Зеро фаъолияти Тоҷинисо аз рӯзномаи кӯдакону наврасон «Пионери Тоҷикистон», ки қадамҷойи бузургон буд, оғоз гардидааст. Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Тӯрақул Зеҳнӣ, Файзулло Ансорӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Гулрухсор, Мавҷуда Ҳакимова, Карорматулло Мирзоев, Насим Рачаб, Алӣ Бобоҷон ва дигар нухбагони адабу фарҳанг меҳмони доимии ин даргоҳ буданд...

Камоли ҳамнишин ба Тоҷинисои ҷавон беасар намонд, истеъдоду ҳунари суханвариаш сайқал ёфт ва имрӯз ӯ яке аз журналистони чирадаст ва адиб-нависандаи шинохта низ мебошад.

Муҳимтарин самти фаъолияти апаи Тоҷинисо инъикоси масоили фарҳангу ҳунар ва зинда кардани номи бузургон аст. Аёдати чеҳраҳои маъруфи фарҳангу адаб ва пешкаши хонанда кардани дардҳои ниҳони онҳо низ аз хизматҳои ин бонуи қаламкаш дар матбуоти тоҷик ба ҳисоб меравад...

Баъди «Пионери Тоҷикистон» ва мачаллаи «Машъал» Тоҷинисо Азизова дар нашриёти «Ирфон» фаъолият кард ва сардабири нашрияи «Пайк»-у мачаллаи «Шуълаи умед» низ буд. Мудири шуъбаи матбуоти «Тоҷкиккоммунсервис» ва котиби матбуотии Вазорати энергетика ва ШСХК «Барқи Тоҷик» низ шуда кор кард, ба тиҷорат ҳам машғул шуд ва дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам буд... ва баъди тай кардани ин ҳама роҳи дароз ба мо пайваст ва корманди ҳафтаномаи «Тоҷикистон»-у нашрияи «Оила» шуд...

Матлабҳои марғуби ӯ дар бораи рӯзгору эҷодиёти Ҳунарпешаҳои халқии СССР Ҷӯрабек Муродов ва Зебо Аминзода, Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Нигина Раупова, Нуқра Раҳматова, Нурулло Абдуллоев, Аҳмадшо Улфатшоев, Дилбар Умарова, Сайрам Исоева, Саодат Азизова, Афзалшоҳ Шодиев, Сайрам Исоева, Рачабгул Қосимова, Ҳунарпешаҳои шоистаи Тоҷикистон Барно Аҳмадова, Маҳбуба Боирова, Тӯхта Иброҳимова, Сафрон Ёдгорова, ходимони сиёсиву давлатӣ Обид Ҳомидов, Шамсиддин Орумбекзода Адолат Қосимова саҳифаҳои «Тоҷикистон» ва «Оила»-ро мисли гулдастаҳои тару тоза атрогин мекарданд ва мекунанд. Аз ҳама муҳим ин матлабҳо хонандаи зиёд дорад ва дунёи маънавии онҳоро рангин месозад.

Китобҳои пурмазмуни апаи Тоҷинисо «Қарзи фарзандӣ», «Меҳри модар», «Шуълаи умед», «Зан, ҷомеа ва нашъамандӣ», «Кафши гурбача канӣ?» ва «Машъалафрӯз» низ ба дасти хонандагон расидааст.

Имрӯз низ Тоҷинисои Азиз бо ҷидду ҷаҳд, часпу талош ва неруву энержии қавӣ бо мо ҳастанд ва матолиби марғубашонро ба хонанда таҳия мекунанд.

Мо ба эшон барору комёбӣ, саломатӣ ва саодати рӯзгорро таманно дорем.

Аҳли эҷоди «Тоҷикистон»

ВНМО низ моро ҶУДО карда НАТАВОНИСТ

Давраи наврасию кӯдакиам дар як ноҳияи дур аз марказ гузаштааст. Ҳангоми талабаи мактаб буданам яке аз ҳамсинфонам ҳамаи ҳаракатҳои маро таҳти назорат мегирифт, вале дарди дилашро ошкор намекард.



Вақте занги охиринамонро ҷамъбаст кардем, бо як гурӯҳи хурди ҳамсинфон дар хонаи як дугонаамон ҷамъ шудем. Ҳамсинфам омаду гуфт, ки туро Хуршеди (ном мустаор) ҳамсинфамон ҷеғ мезанад. Ҳайрон шудаму берун баромадам, ки дар дасташ як халтаи селофанӣ буд ва баъди салом додан гуфт, ки инро апаам ба ту фиристод.

Баъди ба хона баргаштан кушодам, ки гулҳои худсохт буд ва дар ҳар як барги гул номи ману худашро навишта, оро дода буд. Дар охирин имтиҳон ишқашро баён кард ва гуфт, ки агар имкон даст диҳад, ба донишгохе, ки ту дохил мешавӣ, мана ҳам он ҷо ҳуҷҷат месупорам. Ҳамин тавр ҳам шуд, вале ӯ аз имтиҳони дохилшавӣ нагузашт. Дарсҳоямон оғоз шуд. Маро муваққатан сардори гурӯҳ гузоштанд. Хуршед пайваста дар тамос буд ва мо аз аҳволи якдигар пурсон мегаштем.

Сардори гурӯҳ будан мушкил аст, зеро баъзе аз ҳамкурсонамон дар санҷишу имтиҳонҳо иштирок намекарданд, тамоми гапу хабари муаллимон болои сарам мерехт. Вале бо ҳамааш сабр мекардаму соли нави донишро интизорӣ мекашидам.

Хуршед бо талоши зиёд дар соли дуюмкурсиам ба донишгоҳи мо дохил шуд. Мо дигар бе ҳамдигар буда наметавонистем. Ҳарчанд волидони дӯстдоштаам мехостанд ӯро ба духтари холааш хонадор кунанд, вале ӯ баҳона пеш меовард, ки то донишгоҳро хатм накунам, фикри хонадоршавиро накунед. Лекин маро ҳамеша тасаллӣ медод, ки мо ҳамдигарро танҳо намегузорем. Баъди хатми донишгоҳ маро аз рӯи маълумотнома ба зодгоҳам фиристоданд. Тибқи шартнома бояд се сол дар идораи давлатӣ фаъолият намоям. Ба кор оғоз кардам ва чанд хостгор ҳам баромад, вале ҷавоби рад додам. Дар ин миён Хуршед пайваста занг зада, ҳушдор медод, ки мабодо шавҳар накунам. Як рӯз гуфт, ки се дандонаш пӯсидаву сӯрох шудааст дарди зиёд азияташ дода истодааст. Тавсия додам, ки ба назди духтури дандон рафта табобат кунед, зеро оянда дандонҳо лозим ҳастанд. Ҳамаи дандонҳояшро табобат кард. Дар ҳафтаҳои охири имтиҳонҳои давлатӣ бемории вазнинро аз сар гузаронид ва ҳатто дар чанд беморхона бистарӣ гашт. Ҳамин тавр баъди сиҳат шуданаш ба деҳа баргашт ва волидонаш намехостанд, ки маро келин кунанд, чунки аксари занҳои деҳот духтарони дорои маълумоти олидоштаро баҳои паст медиҳанд. Хуршед бошад, якравӣ карда, ҳатто шарт гузошт, ки агар ӯро хостгорӣ накунед, тарки Точикистон мекунам. Бо норозигӣ хостгорӣ карданду тамоми чиҳози арӯсиро, ки аз тарафи мо фармоиш дода буданд, оварданд. Модарам аз ман хоҳиш кард, ки як маротиба гурӯҳҳои хунатонро бубинед, зеро аксари оилаҳои ҷавон бо сабаби хунашон як будан аз ҳам ҷудо мешавад. Розӣ шудам ва Хуршедро низ гуфтам, ки бехтараш ҳардуямон якҷоя равем.

Вақте мо хун супоридем, гурӯҳҳои хунамон як набуд. Лекин дар хуни Хуршед ким чӣ хел вирусро пайдо карданд. Гуфтанд, ки дуюмбора хунашро супоранд. Хуршед зиқ шуд, ки чӣ гуна вирус бошад, ки ӯ бояд дубора хун супорад. Ваъда додем, ки ба касе чизе намегӯему то маълум шудани вирус хомӯш меистем. Рӯзи дигар ба беморхона рафтему хун супоридему рақамҳои телефонамонро гузоштем. Хулоса, натиҷаи таҳлили хун вируси норасоии масъунияти бадан баромад. Вақте ба интернет даромада хондам, фикр кардам дилам мекафад. Замину осмон ба сарам чапа шуд, дигар равшаниро намедидам. Намедонистам чӣ гуна Хуршедро дилбардорӣ намоям. Зеро аллакай моро дар бораи беморӣ гуфтанд ва огоҳ карданд, ки бояд як муддат тӯя-тонро ба қафо гузоред. Ба Хуршед гуфтам, ки дар бораи бемориатон ба волидонатон гӯед, вале кӯшиш кунед, ки дигарон хабар наёбанд. Аз он ки аз беморхона бо хотири парешон баргашта будам, модарам ҷавоби таҳлили хунро пурсон шуданд, тоқат накарда ҳамаашро гуфтам. Модарам гуфтанд, ки тӯй намешавад, худи пагоҳ чизу чораашонро бурда медиҳаму туро ба дигар кас медиҳем, ӯ касалӣ бошад, ҳаёти туро месӯзонад. Вале ман инро рад карда, гуфтам, ки Хуршед дар ҳолати бади равонӣ қарор дорад, мабодо ба худкушӣ даст назанад, бигзор ӯ ба табобат равад ва ман шавҳар мекунам. Бо ин роҳ дили модарамро ба даст овардаму вақтро интизор шудам. Волидони Хуршед дар алоҳидагӣ зораву тавалло мекарданд, ки ӯро напартоям. Зеро қасам хӯрдааст, ки агар ман шавҳар кунам, худашро мекушад. Маро ба шавҳар доданӣ шуданд, вале домодро гуфтам, ки дӯстдошта дорам ва дигар ба хонаи мо набиёянд. Ҳамин тавр вируси бадани Хуршед паст шуду масунияти баданаш баланд гашт ва шахси бехавф шуд. Тӯйро барпо кардем ва айни ҳол ду фарзанди солим дорам. Ҳар чизе, ки духтурон мегӯянд, худам ӯро назорат мекунам ва ҳеҷ гоҳ аз назорати духтур дур намегузорам.

ФАРАҲНОЗ,
вилояти Хатлон

Ҷинояткории МУТАШАККИЛ захмест дар бадани ҶОМЕА

Ҷиноят ва ҷинояткорӣ худ як падидаи номатлуб дар ҷомеа аст. Зеро бар асари ҷиноят инсоне зарар мебинад ва ё дар ҷомеа шикасте пайдо мешавад.

Агар ин ҷинояткорӣ дар шакли муташаккилона, яъне бо маслиҳати чанд кас амалӣ гардад, зарари он боз ҳам бештар хоҳад шуд. Худи ҷинояти муташаккилона чист? Дар ин маврид коршиносони соҳаи ҳуқуқ онро ҳамчун вазнинтарин намуди ҷиноят шарҳ дода, мегӯянд, ки ин падида дар асоси маслиҳати пешакии чанд нафар бо созмон додани ҷамъияти ҷинояткорон ба амал меояд. Дар асари таълимӣ-методии "Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ" (муаллифон Ҷ. Маҷидзода ва Н. Назаров) ин намуди ҷинояткорӣ чунин шарҳ дода мешавад: "Ҷинояткории муташаккил дар фаҳмиши муосири илмӣ, ҳамчун падидаи мураккаб ва танзимагардидаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, пайдоиши он ба раванди рушди робитаҳои бисёрҷонибаи мутаззод муддати тӯлониро дар бар гирифта, маҷмӯи ҷиноятҳои таркиби мураккабдоштаро нисбат ба ҷамъият ва шахсони алоҳида амалӣ месозад. Ҷинояткории муташаккил дорои аломатҳои зерин аст: устувори сохтор, қароргоҳ, мураккабии сохтор, фаъолияти пинҳонӣ ва ошкоро , манбаи маблағгузорӣ ва ғайра..."

Аксаран ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ин гурӯҳҳо содир мегарданд, кори як кас буда наметавонад ва дар танҳоӣ аз уҳдаи он баромадан ғайриимкон аст. Чунин тарзи фаъолияти ин намуди ҷинояткоӣ ҳанӯз аз замонҳои пеш шакл гирифта буд ва дар таърихи қарни гузашта мо намунаи онро дар солҳои сиюм дар Амрико, дар Итолиё ва кишварҳои дигари Ғарбӣ дида метавонем, ки бо сохторҳои қавии худ машҳур гашта буданд. Имрӯз низ аксаран дар Мексика ва баъзе кишварҳои Амрикои Лотинӣ, аз қабили Бразилия ва Колумбия гурӯҳҳои созмонёфтае аз ҷиҳати сохтор ҳамчун "давлат дар дохили давлат" амал намуда, ба куштор, роҳзанӣ, ғоратгарӣ, фурӯши маводи мухаддир ва силоҳ, одамрабоӣ машғуланд, ки ҳамасола мо шоҳиди боздошти ин ё он саркардагони ин ҷиноятҳои муташаккилона мегардем.

Ҷинояти муташаккилона дар кишварҳои пасошӯравӣ низ, махсусан дар солҳои 90 асри гузашта хеле равнақ ёфта буд ва он замон аксари чунин ҷиноятҳо бо истифода аз силоҳ амалӣ мегардиданд, ки сабабгори қурбон шудани шахрвандони зиёде гаштанд. Махсусан, дар Россияи солҳо 90-ум, аз сабаби он ки як давраи гузариш дар ҷомеа ба амал омад ва сохторҳои қудратӣ то андозае салоҳияти худро аз даст доданд, ҷиноятқории муташаккилона (Организованные преступные группы, ОПГ) рӯ ба афзоиш оварда, ки баъдан асосан саркуб гардид. Албатта, чунин падида, ба мисли гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва "дуздони дар қонун" (воры в законе) то имрӯз вуҷуд дорад, вале айни замон он қудрату қуввати пешинаи худро аз даст додааст. Вале боз ҳам, зарурати муборизаи ҳамарӯза бо ҷиноятқории муташаккилона аз байн нарафтааст. Чунин зарурат дар кишварҳои Осиё Марказӣ низ он замон вуҷуд дошт ва имрӯз ҳам барои аз байн бурдани ҷиноятҳои муташаккилона муборизаи беамон бурд. Дар Осиёи Миёна аксаран ҷиноятқороне, зери як бом ҷамъ меоянд, ки мақсадашон бо роҳи ғайриқонунӣ, (аксаран бо роҳи зӯроварӣ) ба даст овардани маблағи шахрвандон ва давлат аст. Ҳоло чунин гурӯҳҳо махсусан ба роҳи тарсонидан, ғорати дастаҷамъона ва роҳҳои дигари ғайриқонунӣ дар ҷомеа мехоҳанд фазои тарсу ҳаросро ба миён оварда, аз ин истифода баранд. Махсусан, кишварҳое, ки ҷанги шахрвандиро паси сар намудаанд, ба чунин бухрон гирифтор мешаванд. Барои муборизаи бурдан ба муқобили гурӯҳҳои созмонёфтаи ҷиноятӣ дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ сохторҳои махсус таъсис дода шудаанд, ки вазифаи онҳо иборат аз мубориза ба муқобили чунин ҷиноятқорон мебошад. Зеро ҷиноятқории муташккилона тарзу усули фаъолияти худро тағйир дода меистад. Ҳоло аксаран ба истилоҳ, чунин "гурӯҳҳо" бештар кӯшиш мекунанд, ки нуқтаҳои савдо, аз ҷумла бозорҳо, фурӯшгоҳҳои бузург ва нуқтаҳои сердаромадро зери назорат гиранд ва аз онҳо тавре ки худашон баъд аз боздошт иқрор мешаванд, "андоз" ситонанд. Вақте ки чунин ҳолат ба миён омад ва ин марказҳо ва тоҷирони алоҳида ба чунин ҷиноятқорон маҷбуран маблағ медиҳанд, хоҳ - нохоҳ мардуми одӣ зарар мебинад. Албатта, ин танҳо як намуди фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятқорӣ аст ва намудҳои "фаъолияти" онҳо фарохтар аз он чӣ гуфтем, мебошад. Гаравгонгирӣ, суиистифода аз мансаби мансабдорон, ташкил намудани сӯхторҳои сунъӣ дар фурӯшгоҳҳои аз итоати онҳо беруншуда, ғорат ва куштори шахсони барои ин гурӯҳҳо зарарнок аз ҷумлаи он ҷиноятҳоеанд, ки аз ҷониби чунин гурӯҳҳо содир мегарданд. Ҷиноятқории созмонёфта боз як зарари дигаре дорад, ки барои ҷомеа ин хеле ҷиддӣ мебошад. Роҳбарон ва созмондиҳандагони ин тарзи ҷиноятқорӣ бештар ҷавонони ҳанӯз аз лиҳози фикрӣ ташаккулнаёфтаро ба доми худ кашида, дар амалиётҳои ҷиноятқоронаи худ истифода мебаранд. Дар натиҷа, қишри аз ҳама осебпазири ҷомеа ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша мепайвандад ва бо ҳамин ҳаёти худ ва дигаронро зери хатар мегузоранд.

Роҳҳои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилона зиёданд ва аксаран бар он ақидаанд, ки дар ин кор аз ҳама бештар бояд ба кумаки сокинон умед баст. Агар сари вақт зарари аз ин тарзи ҷинояткорӣ расандаро ба шахрвандон дуруст фаҳмонем, онҳо дар кори мубориза ба ин намуди ҷинояткорӣ ёрдамчии беминнати сохторҳои босалоҳият хоҳанд шуд. Ҷиноятҳои созмонёфта мисли захмест дар пайкари ҷомеа ва мубориза ба муқобили он кори на танҳо сохторҳои босалоҳият нест, балки дар маҷмӯъ кори ҳамагон мебошад. Агар дар мисоли Тоҷикистон ин нуктаро пайгирӣ кунем, сохторҳои мубориза ба муқобили ҷиноятҳои муташаккилона ва созмонёфта дар чанд соли охир ба муваффақиятҳои назаррасе соҳиб гардидаанд, ки дар ҳаҷми як мақола наметавон ҳамаи онро номбар кард. Дар натиҷаи кори пурмаҳсул ва шабонарӯзии кормандони ин ниҳод ҳар чӣ бештар ҷомеаи кишвар босубот ва ҳаёти сокинони он бехатартар мегардад.

Далер ХОЛИҚОВ,
ҳуқуқшинос

ШАКАРХАНД

Чанор ё бед?

Духтар ба номзадаш дар боғ сайр мекунанд. Дар ин асно духтар аз ҷавон мепурсад:

-Агар он дарахти бед забон медошт, ба мо чӣ мегуфт?

Ҷавон дар ҷавоб мегӯяд:

-Агар забон медошт, мегуфт: «Аҳмақ, ман чанорам, на бед»!

Ватан чист?

Омӯзгор аз талаба мепурсад:

-Канӣ, Аслонбек, гап зан, Ватан чист?

Аслонбек дар ҷавоб:

-Ватан ин дарёву кӯҳсор...

Омӯзгор:

-Не, Аслонбек, Ватан модари туст. Шин ба ҷоят, баҳоят ду! Баҳром аз ҷоят хез. Ватан чист?

Баҳром дар ҷавоб:

-Ватан модари Аслонбек аст, муаллима!

Арӯси мӯйлабдор

Ҷавоне ба дӯсташ мегӯяд:

-Дирӯз Мадинаро гусел кардам, гуфта буд, ки ба хона расам занг мезанам, вале занг назад. Ба фикрам облава ӯро қапида бурд.

Дӯсташ ҳайрон шуда мегӯяд:

-Облава духтарро барои чӣ меқапад?

Ҷавон дар ҷавоб:

-Охир Мадина кам-кам мӯйлаб дошт.

Падари кӣ зӯртар?

Кӯдакон баҳс мекунанд. Кӯдаки якум мегӯяд:

-Дадаи ман айфони навбаромад дорад!

Кӯдаки дуюм:

-Дадаи ман Лексуси навбаромад дорад!

Кӯдаки сеюм:

-Дадаи ман дар таҳхонаамон калламуши кало-о-он дорад.

Ҳамаи кӯдакон бо як овоз:

-Рост мегӯй?! Канӣ нишон деҳ!

Мушкили оилавӣ

Марде хонааш омада, ба занаш мегӯяд:

-Ман дар ҷои кор мушкилоти ҷиддӣ дорам.

Занаш бо садои маҳин ҷавоб медиҳад:

-Зиқ нашавед, мардакҷон ва ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки «ман мушкилӣ дорам», минбаъд «мо мушкилӣ дорем» гӯед!

Мард дар ҷавоб:

-Хуб шудааст, ин тавр бошад, котибаи мо ҳомиладор шудааст, занак!

Қаҳри шавҳар

Мард баъди муноқиша бо занаш аз хона баромада меравад. Бегоҳ ба хона гурусна омада, сари дастурхон мешинад. Завҷааш зуд ним коса шурбо оварда, дар назди шавҳараш мегузорад.

Мард ба косаи шурбо нигоҳ карда мегӯяд:

-Ман ку хурок намехурам, лекин ин хурокро ба касе ки оварда бошӣ, хеле кам аст.

Духтур

Духтур ба бемор мегуяд:

-Доруи навиштаамро дар як руз 7 маротиба баъди хурок истеъмол намоед.

Бемор оҳ кашида мегуяд:

-Ман ин қадар хурокро аз кучо меёбам?

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

БА САРДОРИ САРРАЁСАТИ МАОРИФИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗИЗӢ МУҲАММАДАЛӢ МИРАЛӢ


НУРИДДИН САИД

Вазири маориф ва илми кишвар муҳтарам Нуриддин Саид борҳо дар баромадҳои худ аз он изҳори ташвиш намуданд, ки дар мактабҳо ва боғчаҳои бачагона психологҳо (равоншиносон) намерасанд, аммо онҳоеро, ки ихтисос доранд ва мехоҳанд дар ин самт фаъолият кунанд, ба кор дар мактабу боғчаҳо қабул намекунанд. Овозае ҳаст, ки масалан барои ҳамчун равоншинос дар боғчаҳои бачагонаи шаҳр ба кор қабул шудан бояд ба “боло” маблағ дод. Оё ин дуруст аст ва воқеан ҳам боғчаю мактабҳо ба равоншиносон ниёз доранд?

Сарафроз ХОЛИҚЗОДА,
сокини ш. Душанбе

Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: С.РОЗИҚЗОДА

